**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВ**

**ВБД:** 340.14: 342.5 (575.3)
**ТКБ:** 67.401 (2 т)
**Н-**13

Бо ҳуқуқи дастнавис

**НАБИЗОДА НАБӢ МИРЗОНАИМ**

# ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВИЮ ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат;
таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Роҳбари илмӣ: доктори**
**илми ҳуқуқ, дотсент**
**Нематов Акмал Рауфҷонович**

**ДУШАНБЕ - 2025**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....................3**
**МУҚАДДИМА..........................................................................................4-17**
**БОБИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……………………………………...........................…18-46**
1.1. Мафҳум ва тавсифи умумии ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура.........................................................................................................18-32
1.2. Мақомоти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................................................33-46
**БОБИ II. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ВА САНАДҲОИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ ОН.............................................................................................………47-101**
2.1. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………….....47-73
2.2. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура…………………..73-101
**БОБИ III. ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН….102-191**
3.1. Ҳамкории самараноки мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ……………………………………………………..102-124
3.2. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………......124-148
3.3. Баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии онҳо…………………………………………...148-174
3.4. Самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................174-191
**ХУЛОСА...............................................................................................192-197**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....................................................................................197-199**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).................................................200-235 .**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....................................................................................236-238**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АБП – Ассотсиатсияи байналмилалии прокуророн**

**ВАО – Воситаҳои ахбори омма**

**ВКД ҶТ – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикисто**

**Европол – Полиси байналмилалии Аврупо**

**ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил**

**Интерпол – Полиси байналмилалӣ**

**КМГ ҶТ – Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КМҶ ҶТ – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КО ҶТ – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикисто**

**КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ**

**КҶҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КИҶИ ҶТ – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**СҲШ – Созмони Ҳамкориҳои Шанхай**

**ФР – Федератсияи Россия**

**ҶМШСТ – Ҷумҳурии мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон**

**ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ШҲПГ ИДМ – Шурои ҳамоҳангсозии прокуророни кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи арзишҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунёвӣ, дар асоси риояи бечунучарои принсипҳои конститутсионии волоияти қонун, кафолати ҳуқуқ ва озодии инсон ва риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ рушд мекунад. Мувофиқи ин, фаъолияти институтҳои муҳимтарини ҳуқуқӣ бо мазмуни нав фарқ карда, махсусан дар фазои ҳуқуқии Тоҷикистон падида, категория, мафҳум ва соҳаҳои нав ба вуҷуд омаданд. Чунин падидаи муҳим дар илми ҳуқуқшиносӣ “фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ” мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор амалӣ карда мешавад. Дар шароити таҳкими давлати ҳуқуқбунёд фаъолияти ҳуқуқтатбиқунӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии давлат ба ҳисоб рафта, барои дар ҳаёт амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Қобили зикр аст, ки мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сохторҳои муҳими низоми давлатдорӣ ба шумор рафта, вазифаи асосии он таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Мақомоти прокуратура иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути назорати прокурарорӣ ба амал мебарорад. Фаъолияти мақомоти прокуратура аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баҳо дода шудааст: «Прокуратура ягона мақоме мебошад, ки ваколатҳои он ба тамоми ташкилоту корхонаҳо, сохтору ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ ва доираҳои гуногуни аҳолӣ татбиқ мегарданд. Яъне кормандони мақомоти прокуратура чашми давлат мебошанд ва вазифадоранд, ки ҳамеша дар хизмати халқ бошанд, ҳамагуна камбудиву қонушиканиро дар ҷомеа сари вақт ошкор ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораҷӯӣ намоянд» [339].

Дар баробари вазифаҳои назоратии худ мақомоти прокуратура яке аз субъектҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад. Яъне дар фаъолияти

худ мақомоти прокуратура дар қатори дигар мақомотҳои давлатӣ низ вазифаи ҳуқуқтатбиққуниро амалӣ мегардонад.

Аз рӯзҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура муҳимияти хосро касб карда, дар рафти амалӣ гардонидани он ҳолатҳои воқеии қонунвайронкунӣ мавриди ҷамъоварӣ, таҳлил ва баҳодиҳӣ ва муайян намудани меъёрҳои вайроншудаи қонун қарор гирифта, боиси қабули санадҳои асосноки татбиқи ҳуқуқ мегардад. Ҳуқуқтатбиққунӣ кори рӯзмарраи мақомот ба ҳисоб рафта, бо мақсади такмили фаъолияти прокуратура, ҳамчунин таъмини сифати мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва механизми амалӣ гардонидани онҳо анҷом дода мешавад. Самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура аз ҳисси масъулият, омодагии касбӣ, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбии кормандони прокуратура – ҳамчун мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда вобастагӣ дорад.

Таҳдидҳои ҷаҳонӣ, вусъати терроризм ва ифротгароии динӣ, алалхусус ҷалби оммавии ҷавонон ба ташкилотҳои террористӣ, ба вуҷуд омадани ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, пешгирии коррупсия, муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор хатари ҷиддиро барои кишвар ба бор оварда, дар назди мақомоти прокуратура ҳамчун мақоми ҳуқуқтатбиққунанда вазифаҳои нав ба хусус ҷоннок намудани мубориза алайҳи падидаҳои зикршударо ба миён гузошта, ҳалли фавриро тақозо мекунад, зеро онҳо на танҳо хусусияти назариявӣ, балки амалӣ низ доранд.

Мақомоти прокуратура дар баробари мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда будан, инчунин назорати риоя ва иҷрои бечуну чарои қонунро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ, ки низ ҳамчун мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда махсубанд, таъмин менамояд.

Нуктаҳои дар боло зикршуда муҳимияти мавзуи интихобшуда ва зарурати таҳлили комплексии ин падидаи ҳуқуқ, яъне фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро бино ба дастовардҳои муосири илмҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳанд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар Тоҷикистон масъалаи назариявӣ-ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ва роҳҳои таҳкими он дар асарҳои олимон-ҳуқуқшиносони намоёни тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби З. Ализода [290], И.Ҳ. Бобоҷонзода [138], [189], И. Б. Буризода [193], А.Д. Ғафурзода [201], З.Х. Искандаров [211; 213], [214; 215], А. Имомов [85], И.Т. Маҳмудов [231; 232; 234; 235; 117], М.А. Маҳмудзода [116; 233], Э. Насриддинзода [123; 240], А.Р. Нематов [138; 241], [242], Р.Ҳ. Раҳимзода [253], Ю.А. Раҳмон [144; 254], М.С. Раҷабзода [145], Р.Ш. Шарофзода [138; 152; 153; 281; 282], Ф.Т. Тоҳиров [163; 318], Н.Д. Ходжибаева [320], С.С. Ятимов [288] ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Дар илми шӯравӣ ва ҳуқуқшиносии Россия асосҳои назарявӣ-ҳуқуқӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи татбиқи ҳуқуқ дар асарҳои С.С. Алексеев [40; 41; 42; 43], А.К. Балдин [181], В. М. Баранов [182], В.Г. Бессарабов [49; 50], Р.Т. Биктагиров [187], С. Н. Болдуров [190], А.Ю. Винокуров [60; 61], О.В. Воронин [67; 68], В.Н. Карташов [89; 91; 92], И.В. Колесник [222; 223], В.В.Лазарев [101; 103; 104; 105], Н.И. Матузов [114; 115], В.Г. Мелкумов [119], Н.В. Мелников [308], А.В. Петров [248], В.П. Рябсев [311], Ю.А. Тихомиров [161; 265], А.Ф. Чердансев [276], С.Е. Якушева [325; 326] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи татбиқи ҳуқуқ дар рисолаҳои докторӣ ва номзадии олимон-ҳуқуқшиносони рус Л.С. Гайниев, О.В. Хусайнова, В.В. Русских, Н.П.Герасимова, Е.М. Изместеева ва дигарон коркард шудааст.

Новобаста аз чунин таҳқиқоти васеи олимон - ҳуқуқшиносон, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳуқуқӣ дар илими ҳуқуқшиносии ватанӣ то ба ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Диссертатсияи мазкур метавонад омӯзиши асосҳои назариявии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти мақомоти прокуратура, сифатнокии санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, такмили ҳамкорӣ бо дигар мақомоти татбиққунандаи ҳуқуқ,

механизмҳои ташкилии фаъолияти ин самтро дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мукаммал гардонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи панҷсолаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институтии фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академиияи миллии илмҳои Тоҷикистон 2019-2023 “Масоили татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** баррасии назариявӣ-ҳуқуқии пурраи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар доираи таҳқиқоти мазкур вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудааст:

- муайян кардани мафҳуми фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва тавсифи намудҳои он;
- баррасии вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ва мушаххас кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти алоҳидаи фаъолияти прокурорӣ;
- тавсифи санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян кардани асосҳои ташкили фаъолияти ҳуқуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баррасии ҳамкориии самараноки мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ;
- таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мушаххас кардани омилҳои баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии онҳо;

- муайян кардани самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷамъбасти натиҷаҳои умумии тақиқоти диссертатсионӣ, натиҷагириҳои умумӣ ва таклифҳо оид ба таҳқиқоти илмӣ.

**Объекти таҳқиқотро** фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шахсони мансабдори мақомоти мазкур ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро ақидаҳо, мафҳумҳо, нуктаҳои назар, таърифҳо доир ба ҳуқуқтатбиққунӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура, омилҳои баланд бардоштани фаъолияти мазкур, ба роҳ мондани ҳамкориҳои мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти давлатӣ дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар Институтии фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро карда шудааст. Давраи анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионии мазкур солҳои 2022-2024-ро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** ғояҳо ва ақидаҳои олимони соҳаи ҳуқуқи Тоҷикистон, Россия ва дигар кишварҳои хориҷӣ доир ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиш кардааст, ки мафҳумҳо ва ақидаҳои назариячиёни маъруфи дохиливу хориҷиро, ки дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ саҳми беандоза гузоштаанд, муқоиса карда, андешаҳои худро асоснок намояд. Илова бар ин, муаллиф маъхазҳои гуногунро низ мавриди истифода қарор додааст, ки асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

Заминаҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони соҳаҳои назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ, назорати прокурорӣ, ҳуқуқи мурофиаии ватаниву хориҷӣ ба монанди З. Ализода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, И. Б. Буризода, А.Д. Ғафурзода, З.Х. Искандаров, А. Имомов, И.Т. Маҳмудов, М.А. Маҳмудзода, Э. Насриддинзода, А.Р. Нематов, Р.Ҳ. Раҳимзода, Ю.А. Раҳмон, Д.С. Раҳмон, М.С. Раҷабзода, Р.Ш. Шарофзода, Ф.Т., Тоҳиров, Н.Д. Ходжибаева, С.С. Ятимов, С.С. Алексеев, А.К. Балдин, В.М. Баранов, В.Г. Бессарабов, Р.Т. Биктагиров, С. Н. Болдырев, А.Ю. Винокуров, О.В. Воронин, Л.С. Гайниев, А.В. Григорев, В.Н. Карташов, И.В. Колесник, В.В.Лазарев, Н.И. Матузов, В.Г. Мелкумов, Н.В. Мелников, А.В. Петров, В.П. Рябсев, Ю.А. Тихомиров, А.Ф. Черданцев, С.Е. Якушева ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ (муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ) истифода шудаанд. Тибқи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар муқоиса бо фаъолияти дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда таҳлил гардиданд. Мафҳум, моҳият ва унсурҳои гуногуни институти ҳуқуқтатбиққунӣ дар асоси усули шаклӣ-ҳуқуқӣ муайян гардиданд. Истифодаи истилоҳҳоту мафҳумҳо ва дақиқияти онҳо бо меъёрҳои забони давлатӣ ба воситаи усулҳои мантиқӣ-забонӣ анҷом дода шуд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаву консепсияҳо, стратегияҳои давлатӣ, инчунин, суханрониву баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти нави илмӣ оид ба таҳқиқи назариявию ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти

прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар он мафҳумҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхта шудааст. Инчунин, нақш ва мақоми прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ муайян карда шудаанд. Назарияҳои гуногуни назариячиёни маъруфи ватаниву хориҷӣ дар диссертатсия баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин санадҳои ҳуқуқтатбиккунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба таснифи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ баён кардааст. Инчунин, муаллиф омилҳои самараканоки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратраро таҳлил карда, ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ, такмили ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омилҳои такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии онҳо пешниҳод кардааст.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия бо **нуктаҳои зерин**, ки ба ҳимоя пешкаш мешаванд, собит мегардад.

1. Дар байни дигар субъектони ҳуқуқтатбиққунӣ мақомоти прокуратура нақш ва мақоми асосӣ дорад. Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура – навъи махсуси фаъолияти ҳокимиятӣ-давлатӣ мебошад, ки дар доираи ваколатҳои муқарраршуда танҳо аз ҷониби прокуратура амалӣ карда мешавад. Мақомоти прокуратура фаъолияти ҳуқуқтабиққуниро дар чунин сатҳҳо ба роҳ мемонад: муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии ба ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд; интихоби меъёри ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳалли масъала; баровардани санади ҳуқуқтатбиққунӣ; назорати иҷроиши санади ҳуқуқтатбиққунӣ. Дар марҳилаҳои зикршуда усулҳо, воситаҳо ва механизмҳои махсус барои ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби прокурорҳо ва шахсони дигари мансабдори мақомоти прокуратура истифода мешаванд.

Санади мақомоти прокуратура санади ҳуқуқиест, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура дар доираи салоҳияти бо қонун муқарраргардида барои

ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо, инчунин, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул карда мешавад. Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура намуди санадҳои муайяни мақомоти прокуратура мебошанд, ки барои таъмини татбиқи ҳуқуқ қабул карда мешаванд. Инчунин, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ба доираи муайяни шахсон паҳн мегарданд, аз нишондодҳои фаврӣ, унсурҳои фармоишиву иттилоотӣ иборат мебошанд. Хусусияти санади ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дар инҳо зоҳир мегардад: а) он санади мақомоти давлатӣ – прокуратура мебошад, ки ваколати татбиқи ҳуқуқро дар соҳаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад; б) иҷрои санади татбиқи ҳуқуқ ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ҳатмӣ буда, ҷиҳати ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо бо қувваи давлатӣ ҳифз карда мешаванд; в) санади ҳуқуқтатбиқкунӣ шакли муайян дорад (мас., шакли беруна, яъне санади хаттӣ, раванди қабул, таъиноти вазифавӣ) ва ғ.

2. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратура маҷмӯи принсипҳо, қоидаҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ мебошад, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути таҳияи босифати ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва таъмини онҳо пешбинӣ шудаанд. Нақши чунин ҷанбаҳо ба самаранокӣ ва баланд бардоштани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура мусоидат менамояд. Риояи ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмилии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ аз ҷониби мақомоти прокуртара имкон медиҳад, ки фаъолияти мазкур такмил дода шавад ва санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии ҷавобгӯъ ба талаботҳо таҳия карда шавад. Бо дар назардошти риояи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура чунин натиҷаҳо ба даст меояд: ба воситаи онҳо моҳият ва мундариҷаи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дуруст дарк карда шаванд; татбиқи дурусти онҳо ба самаранокии санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ мегардад; ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат дода шавад ва механизми ҳимояи онҳо низ тадбиқ гардад; ҳамкорӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура бевосита бо такмили механизми танзими ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Самаранокии танзими ҳуқуқӣ бештар аз мукаммал будани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва техникии санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ (аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура) вобаста аст. Хусусияти техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура бо хусусияти зермеъёрии (тобеъгии)-и санади ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд аст. Аз ин сабаб, мазмуни қоидаҳои забонии технологияи ҳуқуқтатбиққунӣ тавассути мазмуни қоидаҳои забонии технологияи қонунгузорӣ ва қоидаҳои коргузорӣ шарҳ додан мумкин аст, ки дар натиҷа доираи қоидаҳои забонии технологияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прократура васеътар мешавад. Ҳангоми вайрон кардани меъёрҳои забон дар матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба хатогиҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва забонӣ роҳ дода мешавад, ки ба сифати санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура таъсир мерасонад. Риояи меъёрҳои забони адабии муосири тоҷикӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” амалӣ шуда, дар матнҳои санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура таҷассум меёбад. Риояи накардани қоидаҳои санадҳои болозикр ба хатогиҳои забонӣ ва услубӣ оварда мерасонад. Таъмини сифати забонӣ дар масъалаҳои такмили ҳуқуқӣ ва техникии санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ дар маҷмӯъ ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура нақши калон мебозад. Риояи нозукиҳои услубии санадҳои прокурорӣ сатҳи малакаи кормандони ҷавони мақомоти прокуратура, ки ба фаъолияти амалии худ оғоз мекунанд, баланд бардошта, он метавонад ба самаранокии кори мақомоти прокуратура таъсири мусбат расонад.

Самти муҳим ва самаранок дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Дар натиҷаи чунин фаъолият мубодилаи электронии ҳаҷҷатҳо, ташкилу амалигардонии вохӯриҳо, маҷлисҳо ва гурӯҳҳои корӣ, қабули муроҷиатҳои шаҳрвандон, ба роҳ мондани робитаҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти прокуратура бо шаҳрвандон ва ғ.

роҳандозӣ мегардад. Чунин фаъолият ҳоло дар илм ҳамчун «иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ», «иттилоотонии ҳуқуқтатбиқкунӣ», «иттилоотонии мақомоти прокуратура» маъмул аст.

3. Барои пурсамар гардонидани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура такмили қонунгузорӣ ва асосҳои ҳуқуқии он зарур аст. Аз ин рӯ, барои амалӣ намудани он муҳим аст, ки Консепсияи муосири ташаккули мақомоти прокуратура коркард карда шавад. Барои таҳияи ин санад мақомоти прокуратура манфиатдор буда, мушкилоти мавҷударо дар соҳаи фаъолияти худ беҳтар дарк менамояд.

Барои пурсамар гардонидани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура такмили қонунгузорӣ ва асосҳои ҳуқуқии он зарур аст. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳеҷ гуна муқаррарот дар бораи он, ки хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва муассисаҳои он яке аз намудҳои хизмати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, муқаррар накардааст. Бо дарназардошти масъалаи мазкур зарур аст, ки хизмати давлатӣ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" низ танзим карда шавад. Бинобар ин, ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" вобаста ба хизмати давлатии кормандони мақомоти прокуратура тағйиру иловаҳо карда шавад. Бодарназардошти масъалаи мазкур зарур аст, ки дар моддаи 2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" банди алоҳида вобаста ба мақоми прокурор, муовинон, ёрдамчиён, муфаттишон ва дигар шахсони мансабдори мақомоти прокуратура ҳамчун хизматчиёни давлатӣ илова карда шавад. Ҳамчунин, ба ин васила мақоми шахсони мансабдори прокуратура дар ҳамчун хизматчиёни давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» низ инъикос ёбад. Бояд гуфт, ки дар моддаи 4 Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"

вазифаҳои мақомоти прокуратура, аз ҷумла, тафтиши ҷиноятҳо, татбиқи чораҳои пешгирикунандаи ҷинояткорӣ, иштирок дар кори такмил ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, иштирок дар баррасии парвандаҳои судӣ, бартарафзоии мухолифатҳо дар қарор, ҳукм ва ғ. танзим шудаанд. Аммо дар моддаи мазкур бевосита вазифаи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура мустаҳкам нашуда, танҳо дар моддаҳои алоҳидаи он унсурҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дарҷ гардидаанд. Бинобар ин, банди алоҳида ба моддаи мазкур бо номи "ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ" илова карда шавад.

4. Дар бандҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таҳкими назорати прокурорӣ, иштироки прокурор дар мурофиаҳои судӣ ва шикоят аз қарори прокурор ва ғ. дарҷ гардидааст. Дар банди 80 Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз субъектҳои татбиққунандаи Консепсия муайян шудааст. Аммо масъалаи такмили самти фаъолияти прокуратура дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2018-2028 қабул карда шудааст, бояд мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, бахши алоҳида ба фаъолияти мақомоти мазкур ҷудо карда шавад. Дар Консепсия танҳо ваколати татбиқ ва таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҳар ду сол пешбинӣ гардидааст.

Азбаски дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар нашудааст, зарур аст, ки мафҳуми он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли «техникаи татбиқи қонун» ё «техникаи қонунтатбиққунӣ» муайян шуда, ҳамчун асос барои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомотҳои давлатӣ хизмат намояд.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ва самтҳои алоҳидаи он то ҳол дар қонунгузорӣ муқаррар карда нашудаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҷдид назар шуда, моддаи дахлдор ба "фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура" бахшида шавад ва дар

асоси ин модда самтҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура муайян карда шаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши минбаъдаи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ замина гузошта, ҳамчунин метавонад барои таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи адабиёти таълимӣ-методӣ доир ба масоили мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ ва таълими фанҳои гуногуни ҳуқуқӣ истифода шавад. Ин таҳқиқот ҳамчунин аҳамияти маърифатӣ дошта, доираи васеъи хонандагону донишмандон метавонанд аз ҷанбаҳои назариявии диссертатсия бархӯрдор гарданд. Натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқи самти алоҳидаи илмӣ – фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ замина гузошта, ба такмили фаъолияти мазкур мусоидат менамояд. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодоти муаллиф ба такмили амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ муфид буда, нуктаҳо ва хулосаҳои муаллиф дар фаъолияти амалии мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ метавонад истифода шаванд. Ҳамчунин дар асоси маводи таҳқиқоти мазкур дар муасисаҳои илмию таҳқиқотӣ метавонад мавзуҳои алоҳида оид ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар маҷмуъ ва самтҳои алоҳидаи фаъолияти ҳуқуқтатбикунии мақомоти прокуратура мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** нуктаи назару андешаҳои ҳуқуқии ҳуқуқшиносон ва назарияпардозони маъруф муайян мекунанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқиқот аз адабиёти васеъи дохиливу хориҷӣ истифода бурда, бар асоси усулҳои объективонаи илмӣ, диалектика, усулҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои таърихиву ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. таҳқиқоти мазкурро анҷом додааст. Инчунин, дар таҳқиқот санадҳои зиёди қонунгузорӣ, захираҳои электронӣ ва маводҳо аз амалияи фаъолияти прокуратура истифода шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мазкур ба шиносномаи самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия мустақилона таҳқиқоти диссертатсиониро анҷом дода, аз уҳдаи вазифаҳо дар доираи кори диссертатсионӣ баромадааст. Дар таҳқиқот масъалаҳо вобаста ба мавзуъ пешниҳод кардааст; дар асоси таҳлилу тафсир хулосаҳои худро баён доштааст. Натиҷаҳои ба дастовардашудаи муаллиф дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо дар конференсияҳо, лексияҳо, семинарҳо ва нашрияҳои илмӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия, муҳокима ва барои ҳимоя тавсия шудааст.

Ҳамчунин, доир ба паҳлуҳои гуногуни диссертатсия муаллиф дар шакли маърӯза дар конференсияҳои зерин баромад кардааст:

**А) байналмилалӣ:**

- Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мавзуи маъруза: «Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои ҷорӣ ҳамчун асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура». (шаҳри Кӯлоб, 04 ноябри соли 2024).

**Б) ҷумҳуриявӣ**

- Конференсияи илмию амалӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Мавзуи маърӯза: «Нақши мақомоти прокуратура дар татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». (Душанбе, 18 октябри соли 2022).

- Мизи гирд дар мавзӯи «Суботи сиёсӣ - омили таъмини рушди устувори кишвар дар шароити муосир. Мавзуи маъруза: «Нақши мақомоти прокуратура дар татбиқи ҳуқуқ дар ҷомеа ҳамчун омили муҳими таҳкими суботи сиёсӣ». (Душанбе, 13 апрели соли 2023).

- Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба таҷлиси 26 солагии рӯзи «Ваҳдати миллӣ» дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ асоси инкишофи қонунгузории ҶТ. Мавзуи маъруза: «Рушди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура пас аз эъмори ваҳдати миллӣ». (Душанбе, 13 июни соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомшуда дар мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумњурии Тољикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 238 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мафҳум ва тавсифи умумии ҳуқуқтатбиқкунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура

Ҳуқуқтатбиқкунӣ яке аз масъалаҳои умдаи назарияи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дар баробари баррасии мафҳуми мазкур бояд қайд кард, ки «ҳуқуқтатбиқкунӣ» аз решаи «ҳуқуқ» ва «татбиқ» таркиб ёфта, «татбиқ» дар фарҳангҳо ба маънои «ба ҳам мутобиқ (қиёс) кардани ду чиз; ҷорӣ кардан ё ба амал овардани ихтирое ё фикри наве» [168] баён гардидааст. Ҳуқуқтатбиқкунӣ ё татбиқи ҳуқуқ дар амал ҷорӣ кардани меъёру нишондодҳои ҳуқуқ мебошад. Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» низ қайд гардидааст, ки «татбиқи ҳуқуқ – фаъолияти мақомоту шахсони босалоҳияти давлат буда, барои амаликунии воқеии ҳуқуқ равона шудааст. Татбиқи ҳуқуқ дар мавридҳое зарур аст, ки амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқ дар фаъолияти шахсон дахолати мақомоти давлатиро металабад» [167].

Донишҳо дар бораи шаклҳои алоҳидаи амалигардонии ҳуқуқ, алалхусус ҳуқуқтатбиқкунӣ эҳтимолан ҳанӯз дар марҳилаи аввали пайдоиши давлат ба вуҷуд омадааст. Ҳатто истилоҳи «татбиқ»-и меъёри ҳуқуқ маълум буда, Қонунҳои XII-и ҷадвал ва Қонунҳои Ҳамураппи онро асоснок намудаанд. Ақидаҳо дар бораи амалигардонӣ ва шаклҳои он, ба монанди риоя, иҷро («истифодаи қувва»), татбиқкунӣ, қабули қарор дар асарҳои Афлотун [134] ва Арасту [45] вомехӯрад. Дар марҳилаи нисбатан баъдтар дар «Дигестҳо»-и Юстиниан [76] ин истилоҳ, ба истиснои истифода (иҷро)-и ҳуқуқ нисбатан равшан ба назар мерасад. Ба онҳо дар давраи эҳё, дар фалсафаи сиёсии асрҳои миёна аҳамияти бештар зоҳир шуда, ҳатто дар осори Макиавелли дарҷ гардидаанд [196; 229]. Ташаккули ақида ва таълимот дар бораи давлат ва ҳуқуқ бо таъсиси Низоми тартиботи ҷаҳонии Вестфал [94] оғоз гардид. Пас аз ин дар осори Т. Ҳоббс, Ҳ. Гротсий, Ҷ. Локк, Ш. Монтескё, Ж.Ж. Руссо ва дигарон дар бораи шаклҳои амалигардонии ҳуқуқ ақидаҳо баён гардиданд.

Истифодаи истилоҳи «татбиқи ҳуқуқ» ба охири асри XIX дахл дорад, вале он ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст. Зеро амалигардонии ҳуқуқ ҳамчун татбиқ ё иҷрои меъёрҳои ҳуқуқ фаҳмида мешуд, аз ин рӯ, шаклҳои татбиқи ҳуқуқ дар муқоиса бо ақидаҳои муосир ба таври пурра тавзеҳ наёфтаанд. Дар давраи Россияи шоҳигарӣ ва оғози асри XX на танҳо раванди амалигардонии ҳуқуқ, балки шаклҳои он бешар аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқ шуданд. Дар осори Н.М. Коркунов, П.И. Новгородсева, Л.И. Петражитский, О.В. Барановский, Е.Н. Трубеско, Г.Ф. Шершеневич ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчун шакли амалигардонии ҳуқуқ таҳлил карда шудааст [97; 131; 164; 172].

Дар адабиёти ҳуқуқии давраи шӯравӣ баҳс атрофи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчун навъи фаъолияти ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, бисёр назариячиён онро ҳамчун падидаи назариявӣ-ҳуқуқӣ ва шакли фаъолияти ҳуқуқӣ омӯхтанд. Дар таҳқиқотҳо масъалаи ба кадом шакли ҳуқуқии фаъолияти давлат тааллуқ доштан ё шакли мустақили ҳуқуқ эътироф гардидани он ба миён меояд.

Дар солҳои 50-ум дар бораи ҳуқуқ ва татбиқи он ходимони давлатӣ ва ҳизбии ИҶШС [219; 218] изҳори назар кардаанд. Дар ин давра аз таҳлили маводи дар саҳифаҳои «Советское государство и право» нашршуда бармеояд, ки бисёр муаллифон мавҷудияти воқеии фаъолиятеро, ки «фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ меноманд», асоснок ва бебаҳс эътироф карданд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон нахустин асарҳои илмӣ бо забони тоҷикӣ оид ба назарияҳои ҳуқуқ ва давлат, ташаккул ва рушди ҳуқуқ дар Тоҷикистон, институт ва категорияҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби донишмандони тоҷик таълиф гардид. Дар осори Ф.Т. Тоҳиров, Р.Ш. Шарофзода, А.Р. Нематов, И.Б. Буриев, А.Ғ. Холиқов, И.Х. Бобоҷонзода ва дигарон масоили амалигардонӣ ва татбиқи ҳуқуқ матраҳ гардидааст.

Роҷеъ ба мафҳуми ҳуқуқтатбиқкунӣ дар адабиёти илми ҳуқуқшиносӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Ба андешаи муаллифон, ҳуқуқтатбиқкунӣ маъмулан дар радифи як қатор шаклҳои ҳуқуқии фаъолияти давлат мавқеи мустақилро ишғол менамояд ва он ҳамчун усули универсалии амалигардонии ҳуқуқ дониста мешавад. Он чун омили амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқӣ,

татбиқи талаботи диспозитсия ё санксияи меъёри ҳуқуқӣ (меъёри танзимӣ ё ҳифзкунанда) ба ҳисоб меравад [226].

О.В. Белянская, В.Н. Карташов, А.В. Григорев ва дигарон ҳуқуқтатбиқкуниро шакли амалигардонии ҳуқуқ мешуморанд [218; 221]. Бархе аз олимони дигар ҳуқуқтатбиқкуниро шакли амалигардонии ҳуқуқ наҳисобида, балки онро ҳамчун яке аз давраҳои танзими ҳуқуқӣ меҳисобанд [233].

Ю.С. Решетов ҳуқуқтатбиқкуниро на ҳамчун шакли амалигардонӣ, балки шакли муташаккили рафтори муайян меҳисобад [147]. Р.Х. Макуев ҳар ду мафҳумро аз ҳам ҷудо намуда, қайд менамояд, ки амалигардонии ҳуқуқ ин фаъолиятест, ки бо мақсадҳои дар қонун пешбинишуда ба рушди низоми ҷомеа нигаронида шудааст. Он раванди таҷассуми нишондодҳои ҳуқуқ дар рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқист. Вале ҳуқуқтатбиқкунӣ ин фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони ваколатдори онҳо, ки ваколатҳои муайянро доранд ва ин раванди амалишавӣ бо мақсаду вазифа ва субъектҳои гуногун мебошад [229, с. 38-40].

В.Я. Колдин қайд менамояд, ки «самарабахшии ҳуқуқ пеш аз ҳама ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки иҷрои онро таъмин мекунанд ва нақши методологии ҳуқуқ дар ин шаклҳои амалигардонии он ба куллӣ фарқ мекунад". Ӯ ба хулосае меояд, ки ҳуқуқтатбиқкуниро дар баробари дигар шаклҳои амалигардонии ҳуқуқ баррасӣ кардан номумкин аст» [221, с. 11-12].

И.П. Левченко татбиқи ҳуқуқро як навъи фаъолияти давлатӣ-ҳокимиятии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ медонад, ки «тавассути он қоидаҳои умумии рафтор ва фаъолияти субъектҳои иҷтимоии дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зикргардида ба сатҳи таъсиррасонии фардии онҳо табдил дода мешавад» [107].

Ҳуқуқтатбиқкунӣ ба ақидаи М.Ю. Осипов, намуди мустақили фаъолиятест, ки аз ҷониби субъекти махсуси ваколатдор бо тартиби муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ анҷом дода, ба ҳалли парвандаи мушаххаси ҳуқуқӣ нигаронида шудааст» [247, с. 2199].

Г.М. Лановая ҳуқуқтабиқкуниро ба ду маъно: васеъ ва маҳдуд баррасӣ мекунад. Ба маънои васеъ ҳуқуқтатбиқкунӣ раванди мураккабест, ки доираи

васеъи субъектҳоро дарбар мегирад. Ба маънои маҳдуд, ҳуқуқтатбиққунӣ воситаҳои муташаккили давлатӣ-ҳокимиятии амалигардонии маҷмӯи меъёрҳои душвор ва ба ҳам алоқаманди ҳуқуқие мебошад, ки муносибати шабеҳро танзим мекунанд [106, с. 61].

А.В. Григорев қайд менамояд, шаклҳои бевоситаи амалигардонии ҳуқуқ аз риоя, иҷро ва истифодабарӣ таркиб ёфтаанд, аммо ҳуқуқтатбиққунӣ шакли махсуси амалишавии он мебошад. Дар айни замон фарқи байни амалигардонии ҳуқуқ ва шаклҳои бевоситаи он (риоя, иҷро, истифода) бояд вобаста аз рӯи субъект муайян карда шавад [202, с. 178].

Ба ақидаи бархе аз олимон истилоҳи «татбиқи ҳуқуқ» бо дигар намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ монанд аст. Масалан, И.Е. Фарбер байни амалигардонӣ, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ фарқ намегузорад [269, с. 15-26].

Чӣ тавре ки аз ақидаҳои илмии дар боло оварда бармеояд, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ яке аз намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ва давлатӣ-ҳокимиятӣ, ҳамчунин фаъолияти субъектони ваколатдор барои амалисозии нишондоди ҳуқуқист, ки мақсади он амаликунии ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқ мебошад.

Дар миёни ҳуқуқшиносони ватанӣ ба масоили назариявии давлат ва ҳуқуқ профессор Р.Ш. Шарофзода, И.Б., Буризода, А.Р. Нематов, А.Ғ. Холиқзода ва дигарон пардохта, дар асарҳои худ ҳуқуқтатбиққуниро баррасӣ кардаанд.

Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, ҳуқуқтатбиққунӣ фаъолияти касбии зеҳнӣ мебошад, зеро он бо ҷамъоварӣ ва таҳлили далелҳо ва дигар фактҳои дар парванда зарурӣ, дарёфт ва тафсири меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқ, таснифи ҳуқуқии парвандаи ҳалшаванда алоқаманд аст, ки аз корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳорати касбӣ ва дониши баланди назариявиро талаб мекунад [152, с. 283]. Татбиқи ҳуқуқ гуфта, фаъолияти субъектони ваколатдори ҳуқуқро баҳри воқеӣ гаштани меъёру нишондод ва талаботи ҳуқуқ нисбат ба ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ меноманд [153, с. 547-560].

И.Б. Буризода ҳуқуқтатбиққуниро воситаи амалисозии ҳуқуқ меҳисобад, ки дар механизми танзими ҳуқуқӣ нақши калонро мебозад. Ба андешаи ӯ, ҳуқуқтатбиққунӣ моҳият ва хусусияти сохтори ҷамъияиро инъикос мекунад.

Дар баробари ҳуқуқэҷодкунӣ, он шакли ҳуқуқии идораи давлатиро ташкил медиҳад [193, с. 142].

А.Ғ. Холиқзода мафҳуми васеи ҳуқуқтатбиқкуниро пешниҳод мекунад, ки ба назари ӯ «самти муҳимми сиёсати ҳуқуқии ҶТ, ки бо мақсади татбиқи самараноки қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ, такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти давлатӣ, таъмини сифати санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳамзамон қонеъ кардани талаботи мардум, ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ» фаҳмида мешавад» [272, с. 55].

Ба андешаи А.Р. Нематов, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ яке аз марҳилаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳамчунин яке аз мақсадҳои калидии ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон мебошад. Бинобари ин, татбиқи ҳуқуқ дар раванди фаъолияти худ ба принсипи устувории ҳуқуқ ва озодии инсон афзалият медиҳад. Ҳимояи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва механизми ҳифзи он аз лаҳзае татбиқ мешавад, ки агар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ амал кунанд [242, с. 103].

Н.Д. Ҳоҷибоева, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро ҳамчун шакли ҳокимиятии амалисозии ҳуқуқ ҳисобидааст, ки аз ҷониби мақомоти ваколадор ва шахсони мансабдори давлатӣ анҷом дода шуда, бо санади ҳуқуқтатбиқкунии хотима меёбад [320, с. 26].

Ҳамин тариқ, аксар олимон ҳуқуқтатбиқкуниро шакли алоҳидаи амалигардонии ҳуқуқ ҳисобида, он дар навбати худ аз унсурҳои таркибӣ, нишонаҳо, механизм ва субъектон иборат аст. Ба назари мо, *ҳуқуқтатбиқкунӣ шакли махсуси амалигардонии ҳуқуқ мебошад, ки бо моҳият, мундариҷа ва субъектони худ аз дигар шаклҳои амалигардонии ҳуқуқ фарқ мекунад. Он ҳамчун фаъолияти давлатӣ ва ваколаити мақомоти давлатӣ эътироф карда мешавад.*

Олимон байни ҳуқуқтатбиқкунӣ ва амалигардонии ҳуқуқ фарқ мегузоранд. Масалан, ба андешаи профессор Р.Ш. Шарофзода, истилоҳ ва мафҳуми «амалисозии ҳуқуқ» аз истилоҳ ва мафҳуми «татбиқи ҳуқуқ» фарқи ҷиддӣ

дорад (аз нуктаи назари ҳадаф, моҳият, мазмун, субъект, шаклу самтҳо). Ҳамаи субъектон имкон ва ҳуқуқи амалӣ намудани ҳуқуқро доранд, вале на ҳама чунин имкону ҳуқуқи татбиқи ҳуқуқро доранд. Татбиқи ҳуқуқ бо фаъолияти мақомоти давлатӣ, истифодаи ваколатҳои ҳокимиятӣ, чораҳои давлатӣ вобаста аст. Барои ҳамин вақте сухан оид ба амалисозии ҳуқуқ меравад, субъектони комилҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар назар дошта мешаванд. Аммо вақте, сухан дар хусуси татбиқи ҳуқуқ меравад, субъектони ваколатдор ба мадди аввал мебароянд [153, с. 525].

Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳуқуқтатбиқкуниро аз дигар навъҳои фаъолияти ҳуқуқӣ асосан бо нишона ва принсипҳои махсус фарқ мекунанд. Яке аз нишонаҳои муҳимми ҳуқуқтатбиқкунӣ санади он мебошад. Дар амалияи ҳуқуқӣ санадҳои гуногун, масалан, санади меъёрии ҳуқуқӣ, санади маъмурӣ, санади иҷро, санади тафсир, санад-дастур, хулоса ва ғ мавҷуд аст.

Ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчунин мавҷудияти факти ҳуқуқ ё ҳолатҳои воқеӣ мебошанд, ки асос барои татбиқи меъёри ҳуқуқ мегарданд. Татбиқи ҳуқуқ дар ҳолатҳои зерин таъмин мешавад: 1) дар мавридҳое, ки зарурати дахолат ё назорати давлатӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷой дорад; 2) бо мақсади қабули санади ҳокимиятӣ барои танзими муносибатҳои ҳокимияту тобеият байни мақомоти давлатӣ ва дар дохили онҳо; 3) дар сурати пайдо шудани баҳси ҳуқуқӣ; 4) ҳангоми содиршавии ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкунӣ, барои татбиқи ҷазои ҷиноятӣ, чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, истифодаи чораҳои огоҳсозӣ, пешгирсозӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ [167].

Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчун шакли фаъолияти давлат аз тарафи мақомоти давлатӣ ва шахсони босалоҳият сурат мегирад. Он масалан, «мисли фаъолияти қонунэҷодкунӣ бо иштироки мақомоти давлатӣ, дар ҷараёни амалӣ шудани функсияҳои давлат, бо истифода аз ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ, дар чорчӯбаи қонун тибқи шаклу усулҳои махсус (қонунэҷодкунӣ, идоракунии давлатӣ, мурофиавӣ, фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ва м.и., бо усулҳои ҳавасмандгардонӣ, ҷазодиҳӣ, амрдиҳӣ ва м.и.) сурат мегирад» [153, с. 555].

Дар баробари дигар нишонаҳо, қобили зикр аст, ки ҳуқуқтатбиқкунӣ дорои механизм ва воситаҳои муайян мебошад, ки тавассути онҳо мақомоти ваколатдор меъёрҳои ҳуқуқро татбиқ менамояд. Н.Н. Вопленко воситаҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро ба юрисдиксионӣ, иҷроиявӣ-маъмурӣ (иҷрокунанда-иҷозатдиҳанда), назоратӣ ва ҳавасмандкунӣ ҷудо кардааст [66, с. 28-29].

Мафҳуми «татбиқи ҳуқуқ» ва «фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ» дар илми ҳуқуқшиносии муосир барои ифодаи фаъолияти муайяни мақомоти давлатӣ, ба хусус мақомоти прокуратура истифода мешавад. Бинобар ин, муайян кардани масъалаи субъекти ҳуқуқтатбиқкунӣ низ байни олимон предмети баҳс мебошад.

Бояд гуфт, ки субъекти асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ давлат мебошад. Зеро фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ бидуни тартиботи муайян дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ вуҷуд дошта наметавонад ва давлат ташаббускори асосии фаъолиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ мебошад.

Ба андешаи муаллифон давлат ҳуқуқи истисноии истифодаи воситаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ дорад ва барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ аз маҷбуркунӣ истифода мебарад. Он аз як тараф хусусияти истисноии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва аз тарафи дигар мундариҷаи низоми ҳуқуқҳифзкуниро муайян менамояд [266, с. 147-155].

Дар симои давлат субъекти фаъолияти ҳуқуқтабиқкунӣ мақомоти давлатӣ баромад мекунад. Ин намуди фаъолият, аз мундариҷаи худ аз ҷониби ҳамаи мақомоте амалӣ мешавад, ки ба тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст. Дар барорбари он, ки мақомоти давлатӣ аз ҳам мустақил мебошад, аммо онҳо низоми ягонаро ташкил медиҳанд, ки барои фаъолияти самараноку натиҷабахши татбиқи ҳуқуқ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд хидмат мекунанд.

Ба андешаи муаллифон фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро бевосита мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамоянд, ки дар доираи салоҳияти худ вазифаи

амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқро доранд [266, с. 147-155]. Ба андешаи П.Е. Недбайло ҳуқуқтатбиққуниро танҳо аз номи давлат мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор ба амал мебароранд, на шаҳрвандон [124, с. 138].

Мутафаккири барҷаста Т. Гоббс дар бораи истифодаи шаклҳои амалигардонии ҳуқуқ изҳори назар карда, қайд намудааст, ки «ҳуқуқтатбиққуниро ногузир ҳокимияти олӣ ба амал мебарорад» [72, с. 90]. Таҳқиқоти олимони шӯравӣ муайян кард, ки «қонунгузории шӯравӣ» одатан истилоҳи «татбиқ»-ро бо тарзҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки таъсири ҳокимиятии мақомоти давлатиро дар муносибат бо дигар созмонҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон тавсиф мекунад, алоқаманд медонанд [269, с. 53].

Ҳуқуқтатбиққунӣ мундариҷаи махсус дорад ва ба субъектҳои ҳуқуқие дахл дорад, ки ҳуқуқи худро истифода ё уҳдадории худро иҷро менамояд. Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ бевосита аз ҷониби мақомоте амалӣ карда мешавад, ки дар доираи салоҳияти худ татбиқи бетаъхири волоияти қонунро таъмин мекунанд. Масалан, бастани ақди никоҳ, ба вазифаи давлатӣ таъйин кардан, бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонидан қарори мақомоти дахлдори давлатро тақозо мекунад. Ё ин ки зарурати пешгирии ҷиноят (дастгир кардан, ҳабс кардан), ҷазо додани ҷинояткор (баровардани ҳукми суд) фаъолияти татбиқи ҳуқуқи мақомоти муайяни давлатиро (прокуратура, суд, милиса) тақозо мекунад [167].

В.В. Лазарев ва И.П. Левченко, ба субъектҳои татбиқи ҳуқуқ мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил менамоянд [104, с. 13]. Дар дигар корҳои таҳқиқотии В.В. Лазарев "ҳуқуқтатбиққунӣ шакли махсуси мақомоти ваколатдор фаҳмида мешуд, ки мақсади он аз мусоидат ба амалигардонии меъёрҳо бо дигар субъекти ҳуқуқ ба ҳисоб меравад" [103, с. 12]. Аммо ӯ дар таҳқиқоти дигари худ роҷеъ ба субъектҳои ҳуқуқтатбиққунӣ таснифбандии санадҳои ҳуқуқтатбиққуниро вобаста ба субъектон анҷом дода, намудҳои санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти иҷроия, мақомоти тобеъ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил мекунад [105, с. 63].

Ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун фаъолияти ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои муайян гузаронида мешавад. Олимони соҳа марҳилаҳои гуногуни ҳуқуқтабиққуниро пешниҳод кардаанд. Онҳо дар таҳқиқот аз солҳои 50-уми асри гузашта ба таври гуногун тавсифбандӣ шудаанд. Бархе аз муаллифон марҳилаҳои ҳуқуқтатбиққуниро танҳо ба ду давра: интихоби меъёри ҳуқуқ ва тафсири меъёри ҳуқуқ тақсим намудаанд.

Р.Х. Мукуев 4 марҳилаи онро дар шароити муосир нишон медиҳад: муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии кор; муқаррар кардани заминаҳои ҳуқуқии кор; қабули қарор оид ба масъалаи мушаххас дар раванди иҷро. Марҳилаи охирро бо номҳои гуногун, аз ҷумла «амалигардонии санади татбиқ», «ирсоли маводҳо» ном мебаранд [229, с. 38-41].

Ба ақидам мо, марҳилаҳои татбиқи ҳуқуқ, ки дар осори В.В. Лазарев, М.Н Марченко, В.Д. Перевалов, С.С. Алексеев, В.Н. Хропанюк, С. Комаров, А.В. Малко таҳлил шудаанд, қобили дастгирӣ мебошанд. Муаллифони мазкур марҳилаҳои татбиқи ҳуқуқро ба чунин намуд ҷудо кардаанд: 1) таҳлили ҳолатҳои воқеии кор, ё муайян намудани асосҳои воқеии кор; 2) муайян намудани асосҳои ҳуқуқии кор, ё интихобу тафсири меъёри ҳуқуқ; 3) ҳалли кор, ё қабули санади татбиқи ҳуқуқ.

Олим ва муҳаққиқи барҷастаи муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ М. Н. Марченко ба ин назар аст, ки «шумораи марҳилаҳо дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ муҳим нест, балки моҳият ва мундариҷаи онҳо зарур мебошанд» [113, с. 265].

Татбиқи ҳуқуқ вобаста ба субъектон ба шаклҳои гуногун тақсим мегарданд, ки онҳоро асосан муҳаққиқон ба намудҳои шакли татбиқи мурофиавии судӣ, фаъолияти прокурорӣ, тафтишотӣ, назорати молиявӣ, нотариалӣ, гумрукӣ, андозситонӣ ва ғ. ҷудо намудаанд. Масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ ё қонун вазифаи мақомоти қонунгузор нест, ин вазифа бояд дар байни дигар мақомоти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва сатҳҳои байнидоравӣ тақсим карда шавад.

Дар миёни шаклҳои ҳуқуқтатбиққунӣ аз рӯи субъектон татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти прокуратура низ бо тартиби муайян, механизм, усул ва воситаҳои гуногун сурат мегирад.

Дар адабиёт чун қоида, ду намуди асосии сохтор ва фаъолияти прокуратураро вобаста ба вазифаҳои он ҷудо мекунанд:1) прокуратура ҳамчун мақомоти назорати қонуният («прокурор – таъминкунандаи қонуният»); 2) прокуратура ҳамчун мақомоти тафтишот ва таъқибкунандаи ҷиноятӣ («прокурор - айбдоркунанда») [68]. Инчунин вазифаҳои прокуратураро дар адабиёти ҳуқуқӣ ба намудҳои асосӣ, иловагӣ, истеҳсолӣ, умумӣ ва махсус ҷудо гардидаанд [81, с. 29]. Бисёре аз муаллифон ба вазифаҳои умумӣ, инчунин тафтиши иҷро ишора мекунанд [311, с. 33; 315, с. 68].

Дар таҳқиқоти Л.В. Веркиенко [292, с. 30] дар баробари шаҳрвандон ҳамчун субъекти ҳуқуқтатбиққунӣ инчунин субъектони он аз рӯйи соҳаи фаъолият тасниф шудааст, ки прокуратура низ ба қатори онҳо дохил мешавад.

Л.С. Гайниев мақомоти прокуратураро ҳамчун мақомоти давлатӣ, субъекти асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ тасниф карда, прокурорро ҳамчун шахси мансабдори фаъолияти мазкур ҳисобидааст [295, с. 26].

Дар воқеъ ба таснифҳои муаллифон қобили таваҷҷуҳ буда, маҳз прокуртарура дар ҳама намудҳои фаъолиятҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳифзкунӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ иштирок мекунад.

Ба яке аз воситаҳои баланд бардоштани самарнокии ҳуқуқтатбиққунӣ назорат аз болои фаъолияти ҳамаи субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, ки онро прокуратура таъмин менамояд ва дар назарияи ҳуқуқӣ ҳамчун “назорати прокурорӣ” маъмул мебошад.

Ба андешаи Р.Т. Биктагиров иштироки прокуратураро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ набояд нодида гирифт, зеро он бешубҳа, яке аз мақомоти салоҳиятдори соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад. Ба воситаи иштироки прокуратура дар ҳуқуқэҷодкунӣ, прокуратура ба сифати қонунгузорӣ ва дар ниҳояти кор ба вазъияти иҷрои қонунҳо таъсири калон мерасонад. Он ҳуқуқ дорад ва қодир аст дар таҳияи меъёрҳои нави ҳуқуқӣ,

ворид намудани тағйиру иловаҳо ва бекор кардани онҳо, инчунин дар ба низом даровардани қонунгузории амалкунанда дар ҳама сатҳ ва намудҳои қонунгузорӣ иштирок намояд [187, с. 145].

Дар қонунгузорӣ яке аз вазифаҳои прокуратура муқаррар карда шудааст, ки он аз назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти намояндагӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, шахсони мансабдор буда, ба назар гирифтани ҳамаи субъектони номбаршуда, ба баланд бардоштани самаранокии ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат мекунад ва бояд дар робита бо ҳамдигар дар маҷмӯъ баррасӣ карда шаванд.

Амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ воситаҳои муайянро талаб мекунанд, ки барои таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон зарур мебошанд. Ба ҳайси чунин воситаи муҳим, назорати прокурорӣ ҳамчун шакли олии самараноки назорати давлатӣ аз болои қабул ва риояи қонунҳо баромад мекунад. Ҳеҷ яке аз мақомоти давлатӣ наметавонад вазифаи пурраи назоратро иҷро кунад. Онро танҳо низоми ягонаи мутамарказу мустақили мақомоти прокуратура иҷро карда метавонад [294, с. 4].

Дар татбиқи ҳуқуқ вазифаи асосии мақомоти прокуратура аз он иборат аст, ки он тибқи қонунгузорӣ аз номи давлат назорат аз болои иҷрои қонунҳоро дар тамоми ҳудуди давлат, новобаста аз ягон шохаи ҳокимият амалӣ карда, ягонагии қонуниятро таъмин мекунад.

Хусусияти функсионалии назорат аз болои қонунӣ будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мантиқан ба масъалаи масъулияти мақомоти алоҳида ва шахсони мансабдор барои қабули (интишори) санадҳои меъёрии ҳуқуқии ғайриқонунӣ оварда мерасонад. Ба андешаи Н. Малейн, «баровардани санади ғайриқонунӣ... ин берун баромадан аз ҳадди ваколат, сӯиистифода аз ҳуқуқи қабули қарорҳои ваколатдор аст, ин ҷиноят дар соҳаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ аст» [230, с. 23].

Ваколатҳои прокурор оид ба сари вақт ошкор ва бартараф намудани вайронкуниҳои қонун маҷмуи тамоми воситаҳои ҳуқуқиро ифода мекунанд, ки ба рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо, барқарор намудани волоияти қонун ва ҳуқуқи

поймолшудаи шаҳрвандон, инчунин рафъи оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи вайронкуниҳои қонун ба амал омадаанд, нигаронида шудаанд [199, с. 78]. Бояд қайд кард, ки прокурор дар фаъолияти худ, барои таъмини қонуният роҳҳои тадбиқи воситаҳои зикршуда ва фаъолияти нисбатани мураккабтари ҳуқуқтатбиққунӣ – мурофиаи маъмурӣ ва судиро истифода мекунад.

Аз ин бармеояд, ки яке аз унсурҳои татбиқи ҳуқуқ, ки иҷрои он медиҳад, бевосита ба ваколати прокуратура дода шудааст. Зимни назорати иҷрои қонунҳо меъёрҳои ҳуқуқ татбиқи худро меёбанд. Зеро мақомоти прокуратура масъалаҳо роҷеъ ба татбиқи ҳуқукро пеш аз ҳама дар фаъолияти назоратии худ муайян менамояд. Он санадҳои меъёрии ҳуқуқии ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро ошкор карда, барои рафъи камбудиҳо зимни татбиқи ҳуқуқ чора мендешад. Прокурор ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (махсусан санадҳое, ки барои татбиқи дарозмуддат пешбинӣ шудаанд ва ба ҳама дахл доранд), вазифадор аст дар бораи қонунӣ будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фикру андешаи худро баён намояд.

Ҳуқуқтатбиққунӣ, чун қоида, бо қарори махсус (санади татбиқи қонун) дар шакли муқарраршуда расмӣ мегардад. Ваколатҳои ҳокимиятӣ метавонад дар шакли фаъолияти оперативӣ-иҷроиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ амалӣ гардад. Эътирози прокурор ҳамчун санади вокуниши прокурорӣ бевосита ба татбиқи ҳуқуқ вобаста аст, зеро ба мақомоти прокуратура барои рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои дар рафти санҷишҳои прокурорӣ ошкоршуда ваколатҳои махсус дода шудааст. Чуноне, ки Н.В. Мелников қайд менамояд, «татбиқи вазифаи ҳуқуқтатбиққунӣ ба ваколатҳои давлатии мақомоти прокуратура, ки дар санадҳои вокуниши прокурор ифода ёфтааст, асос меёбад» [308, с. 226-227].

Инчунин дар баробари ҳуқуқтатбиққунӣ, прокуратура дар мурофиаи судӣ ҳамчун субъекти асосии баррасии парванда ба ҳисоб меравад, ки бархе аз салоҳияти татбиқи ҳуқуқро ба амал мебарорад. Масалан, мақомоти прокуратура ҷиҳати иҷрои якхела ва татбиқи дурусти қонун раванди мурофиаро назорат мекунад; ҳар вайронкунии тартиботи қонуниро дар назди суд ошкор, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва барқарор намудани онро талаб менамояд.

Аҳамияти назарраси муносибатҳои ҷамъиятӣ, манфиатҳо ва арзишҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъсир мерасонанд, зарурати муқаррар кардани шакли мураккабтари мурофиавии ҳуқуқтатбиққуниро бо нигоҳ доштани иштироки прокурор ба миён меорад. Дар ин ҳолат, фаъолияти прокурорӣ ва назоратӣ аз ҷониби фаъолияти судӣ ҳамчун як намуди мураккабтари ҳуқуқтатбиққуниро фаро мегирад [68, с. 121].

Дар баробари ин чунин ҳисоб кардан комилан дуруст нест, ки прокурор аз болои суд назорат мекунад. Азбаски прокурор тибқи муқаррароти конститутсионӣ фаъолияти судро назорат карда наметавонад, балки бар замми ин, нақши таъминкунандаи (кафили) қонуниятро нигоҳ медорад, вай дар мурофиа ба сифати субъекти хулосабарорӣ оид ба парванда ё оғоз намудани мурофиаи судӣ баромад мекунад [129, с. 226; 118, с. 76]. Андешаи муаллиф дар ин бобат қобили дастгирӣ буда, зеро иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ҳамчун кафолати иловагии қабули қарори қонунӣ хизмат мекунад.

Афзалияти асосӣ дар фаъолияти назоратӣ ба таъмини вазъи ҳуқуқии шахс дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ, аз ҷумла мурофиаи ҷиноятӣ дода мешавад. Ба ҳамин тариқ, тамоюли ташаккули модели нави ташкили фаъолияти прокуратура – «прокуратура ҳамчун мақоми ҳуқуқтаъминкунӣ» ба амал омад [68, с. 19].

Дар тавсияномаи Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо вазифаи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура чунин муайн шудааст. «Прокуратура мақомоти давлатие мебошанд, ки аз номи ҷомеа ва ба манфиати он ҳуқуқтатбиққуниро, дар ҳолате, ки вайронкунии қонун боиси муҷозоти ҷиноятӣ мегардад, бо назардошти ҳам ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳам зарурати фаъолияти пурсамари низоми адолати судии ҷиноятӣ таъмин менамояд» [8]. Яъне прокурор вазифаи ҳуқуқтатбиққунии дуҷанбаро иҷро мекунад, ки ба манфиати давлат ва шаҳрванд мебошад.

Дар татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд, ҳимояи манфитаҳои давлату ҷомеа прокуратура саҳми фаъолона дорад. Мақомоти прокуратура масъалаҳои марбут ба вайрон шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, расонидани зарар ба

манфиатҳои ҷамъиятию давлат, инчунин ҳуқуқҳои дигар шаҳрвандонро пешгирӣ намуда, дар мавридҳо ва тартиби пешбининамудаи қонун нисбати ҳуқуқвайронкунада чораҳои зарурӣ андешанд, ки бо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ низ алоқаманд буда метавонад. Татбиқи ин чораҳо зарурати таъмини фаъолияти маъмурию мурофиавии прокуратураро талаб мекунад. Аммо ин амалҳо мақсадҳои худро доранд, ки бо фароҳам овардани шароити зарурӣ барои амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон нигаронида шудаанд [246, с. 18].

А.Р. Нематов дар мақолаи худ дуруст қайд мекунад, ки дар асоси моддаи 93 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура дар ҳудуди Тоҷикистон назорати иҷрои дақиқ ва ягонаи қонунҳоро амалӣ менамояд ва маҳз ҳамин ваколати умумӣ ва фарогир дар як қатор муносибатҳо ва ба таври абстрактӣ прокуратураро мақомоти махсуси ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд нишон медиҳад [242, с. 103].

Вобаста ба ин, асоснок карда мешавад, ки фаъолияти муосири мақомоти прокуратура амалан маҷмӯи алоҳидаи истеҳсолоти прокурорӣ буда, ҳам дар шакли назоратӣ ва ҳам дар дигар шакли фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ сурат мегирад. Ба ақидаи баъзе олимон, фаъолияти он бо мурофиаи маъмурӣ, арбитражӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ алоқамандии зич дорад [56, с. 110]. Ҳар кадоми онҳо ҳам дар шакли махсуси назоратӣ (бо роҳи иҷрои вазифаи назоратӣ) ва ҳам дар шакли мураккабтари назоратӣ-мурофиавӣ (бо роҳи амалигардонии вазифаҳои назоратӣ ва дигар вазифаҳо) иҷро карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки фаъолияти назоратии мақомоти прокуртара дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқтатбиққунӣ паҳн гашта, назорат дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ асосан дар раванди иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ва санҷиши қонунияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос меёбад.

Иштироки мақомоти прокуратура дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ яке аз намудҳои фаъолияти он, яъне иттилоотӣ-таҳлилӣ (арзёбии ҳолати қонуният дар ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ)-ро дар бар мегирад. Бояд қайд кард он дар

салоҳияти худ ҷамъоварии маълумоти васеъ ва ҳамаҷониба оид ба вазъи қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқро мутамарказ намуда, метавонанд зарурати танзими ҳуқуқиро қариб дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян, таҳлилу арзёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти қонунгузорӣ ва амалисозии он ва вазъи қонунияту тартибот дар мамлакат таъмин намоянд. Ҳамзамон татбиқи мониторинги ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура сари вақт андешидани тадбирҳо оид ба таҳкими волоияти қонун дар фаъолияти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ роҳандозӣ мегардад.

Ҳамин тавр, *фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура – ин шакли махсуси фаъолияти ҳокимиятӣ-давлатӣ мебошад, дар доираи ваколатҳои муқарраршуда танҳо аз ҷониби прокуратура амалӣ карда мешавад.* Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура фаъолияти мустақили ҳуқуқӣ буда, дар доираи он прокуратура аз номи давлат баромад мекунад, омӯзиши ҳамаҷонибаи маводи корро ба роҳ мемонад, бандубасти ҳуқуқии он ва тафсири расмии меъёр ва принсипҳои ҳуқуқро иҷро менамояд ва дар натиҷа аз рӯи кор санадҳои махсуси ҳуқуқӣ - санадҳои татбиқи ҳуқуқӣ қабул мекунад.

Барқарор намудани ҳолатҳои вайронкунандаи қонунро прокурор бо фаъолияти назоратӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ (аз ҷумла, дар баррасии парвандаи маъмурӣ ва судӣ) ба амал мебарорад. Дар равандаи фаъолияти тафтишотӣ фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки на танҳо бо ошкор кардани шахс дар содир намудани ҷинояти мушаххас алоқаманд аст, балки ба таъмини татбиқи меъёрҳои қонунгзории ҷиноятӣ дар ҷараёни фаъолияти прокурорӣ дар марҳилаҳо ва истеҳсолоти гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ нигаронида шудааст. Намудҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтабиқкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо ёрии онҳо вазифаи таъқиби ҷиноятии прокурорӣ амалӣ карда мешавад, тасдиқи айбнома ё санад, фиристодани парвандаи ҷиноятӣ ба суд ва таъмини айбдоркунии давлатӣ дар суд мебошанд.

## 1.2. Мақомоти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун навъи фаъолияти давлатӣ, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор ба амал бароварда мешавад. Л.К. Веркиенко дуруст қайд менамояд, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқро на ҳама иштирокчиёни амалигардонии ҳуқуқ, балки субъектҳои дорои ваколати махсуси давлатӣ амалӣ менамоянд. Мақомоте, ки вазифаашон расондани ёрии махсус дар татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳо ба дигар субъектҳои ҳуқуқ мебошад, мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда меноманд [292, с. 29].

Субъекти ҳуқуқтатбиққунӣ танҳо шахсоне (субъектҳои фардӣ ё ташкилот) мебошанд, ки ваколатҳои ҳокимиятӣ доранд. Қарори субъекти чунин фаъолият (санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ) – “асосӣ ва ёрирасон, танзимкунанда ва ҳифзкунанда - қувваи муайяни ҳуқуқӣ дошта, иҷрои онҳо аз ҷониби ҳамаи шахсон, ки ба амали онҳо паҳн мегардад, ҳатмӣ мебошад ва бо воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ан ҷумла чораи маҷбуркунии давлатӣ таъмин мешаванд” [58, с. 58].

В.Н. Карташова мақомоти ҳуқуқтатбиққуниро на танҳо ба мақомоти хусусияти давлатӣ-ҳокимияти дошта, балки ҳамаи субъектҳои дорои ваколати ҳокимиятидошта мансуб медонад. Ӯ дар “баробари субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, инчунин иштирокчиёни амалияи татбиқи ҳуқуқ - шахсони воқеӣ ё ташкилотҳоеро, ки ба субъектҳо дар ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ мерасонанд, ҷудо намудааст (шоҳидон, ҷабрдидагон, коршиносон, тарҷумонҳо, шахсони сеюм ва ғ.)” [89, с. 20; 91, с. 7].

Дигар муаллифон мақомоти ҳуқуқтатбиққуниро асосан ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ҷудо менамоянд [156, с. 158-161]. В.А. Сапун ин ақидаро ҷонибдорӣ карда, қайд менамояд, ки дар доираи қонун фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро мақомоти мунисипиалӣ, ҳамчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, субъектҳои гуногуни хоҷагидор амалӣ менамоянд. Масалан, судҳои ҳакамӣ, ки бо созишномаи тарафҳо созмон меёбанд, мақомоти давлатӣ маҳсуб намешаванд

ва ба салоҳияти онҳо баррасии ҳар гуна баҳс дохил мешавад, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бармеоянд [258, с. 185-191].

Н.П. Герасимов қайд менамояд, ки мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор субъектҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбикунӣ мебошанд, аммо ягона махсуб намеёбанд. Вазифаҳои ҳуқуқтатбиққуниро мақомоти роҳбарикунандаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ иҷро карда метавонанд [296, с. 176].

Ғайр аз ин, аллакай дар илми шӯравӣ масъалаи фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба миён гузошта шуда буд. Баъзе олимони ҳуқуқшинос эътироф кардаанд, ки байни фаъолияти ҳуқуқтатбиққкунии сохторҳои ғайридавлатӣ ва мақомоти давлатӣ тафовути куллӣ вуҷуд надорад (В.Я.Дюрягин, Н.И.Матузов, В.Н.Карташов). Нақши сохторҳои ғайридавлатӣ (мақомоти худидоракунӣ, субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ, маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ғ.) дар равандҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, масалан, В.Н. Карташев, асоснок карда буданд [300, с. 63].

О.В. Литвишко чунин мешуморад, ки мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда шахсест, ки вазифаҳои роҳбариро дар асоси фвъолияти касбӣ иҷро мекунад, мақоми махсуси ҳуқуқӣ дорад ва фаъолияти расмии давлатиро барои ҳуқуқтатбиққунӣ тавассути баровардани санади махсус амалӣ мекунад. Кормандони ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба хусусияти фаъолияти давлатӣ тасниф намуда, онҳоро ба роҳбарон ва кормандони оперативӣ ҷудо мекунад [306, с. 8-9].

Маъмулан, дараҷаи зерини субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ҷудо карда мешавад, яъне мақомоти давлатӣ (милитсия, суд, прокуратура ва ғ.), шахсони мансабдор (шахсоне, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти давлатиро амалӣ мекунанд: кормандони милитсия, прокурорҳо, судяҳо ва ғ.), инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ (иттифоқҳои касаба, ташилотҳо ва ғ.).

Л.В. Веркиенко субъекти ҳуқуқтатбиққуниро аз соҳаи фаъолият ба мақомоти иҷроия, мақомоти судӣ, мақомоти прокуратура ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷудо мекунад. Ба андешати ӯ, дар қатори воситаҳои баланд бардоштани

самарнокии фаъолияти ҳуқуқтабиққунӣ назорат аз болои фаъолияти субъектҳои ҳуқуқтатбиққуниро ба назорати судӣ ва прокурорӣ вобаста дониста, мақомоти зикршударо субъекти муҳимми раванди ҳуқуқтатбиққунӣ мешуморад [292, с. 29-30].

Олимони ватанӣ низ дар таҳқиқоти худ мақомоти ҳуқуқтатбиққуниро баррасӣ карда, таснифҳои мухталиф баён намудаанд. Аммо таҳқиқотҳои алоҳида вобаста ба мавзуи мазкур ва таҳлили муфассали мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ тол ҳол анҷом наёфтааст. Танҳо олимони мо дар мақолаҳои худ ба мафҳуми ҳуқуқтабиққунӣ ва субъектҳои он дар умум ишора кардаанд.

Аз ҷумла, ба андешаи Э.Б. Буризода, ҳуқуқтатбиққуниро танҳо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мақомоти махсусан ваколатдор, созмонҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор дар доираи ба онҳо салоҳияти ҳокимиятӣ додашуда амалӣ мегардонанд [193, с. 144-146].

Р.Ш. Шарофзода низ дар китоби худ қайд кардааст, ки ба сифати суъбъектони татбиқи ҳуқуқ мақомоти қонунгузор, идораи давлатӣ, судҳо, мақомоти прокуратура, тафтишотӣ, назоративу тафтишӣ, маъмурияти корхонаву муассисаҳо эътироф мешаванд [153, с. 555].

Аз таҳлили андешаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки *фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ фаъолияти императивӣ-ҳокимиятиии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо мебошад, ки тибқи муқаррароти қонун барои иҷрои ваколатҳои муайян ба онҳо салоҳият дода шудааст.* Мақомоти ҳуқуқтабиққунӣ дорои нишонаҳои зерин мебошанд:

1. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар шакл ва навъҳои гуногун фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро амалӣ менамоянд. Масалан, мақомоти судӣ, дар мурофиаҳо, мақомоти прокуратура дар раванди назорати қонунҳо ва ғ.

2. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда фаъолияти худро аз рӯи присинпи касбӣ амалӣ мегардонад. Яъне, дар фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ аксаран субъектҳои дорои донишҳои махсус иштирок мекунанд ё ҷалб карда мешаванд.

3. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ваколатҳои ҳокимиятӣ дошта, воситаҳои ҳуқуқиро барои ҳалли масъалаи мушаххас истифода мекунанд.

4. Самти фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ба амалгирдонии нишондодҳо ва меъёрҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ равона карда шудааст.

5. Мақсади асосии мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда қонеъ кардани талабот ва ниёзҳои ҷомеа дар маҷмӯъ ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ буда, фаъолияти онҳо ба амалигардонии вазифаҳои давлат ва ҳимояи манфитаҳои ҷомеа равона карда шудааст.

6. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда субъективияти мухсуси ҳуқуқӣ дошта, вазъи ҳуқуқии он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Дар низоми мақомоти давлатӣ ва ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура мақоми махсус дорад. Мақомоти прокуратура дар механизми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассуми моҳиятии худро дар вазифаҳояш пайдо карда, онҳоро бо истифода аз шаклу усулҳои мушаххас дар доираи салоҳиятҳои муқарраргардида ба амал мебарорад.

Дар марҳилаи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ як қатор ислоҳот дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гузаронида шуда, таҳкими сохтори мақомоти прокуратура дар асоси қонунгузории нав аз зумраи онҳо буд. Аввалин бор дар таърихи мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ 14 марти соли 1992 се санади ҳуқуқии барои прокуратураи тоҷик тақдирсоз қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии ин мустақилият ва ба мақомоти олии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил додани он фароҳам оварданд.

Аз ҷумла, дар ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, мутобиқи он мансаби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Муқаррар карда шуд, ки Прокурори генералӣ бо ризогии Президенти мамлакат аз ҷониби Шурои Олии Чумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шуда, дар назди он масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошад. Дар ҳамин сана Қонун «Дар бораи додситонии Ҷумҳурии Точикистон» қабул шуда, дар асоси қарори Шӯрои Олӣ 30 апрели соли 1992 ба қувваи амал даромад. Баъдан соли 1994 мақоми ҳуқуқии прокуратура дар Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфт.

Мақоми ҳуқуқии прокуратура дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, ба он вазифаҳои махсус дода шудааст. Чунончӣ боби 9-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Прокуратура» бахшида шуда, тибқи он дар қаламрави Тоҷикистон «назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд». Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ, тартиби таъйин ва муҳлати фаъолияти прокуратураи ҶТ-ро муқаррар кардааст. Тибқи он низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи Тоҷикистонро Прокурори генералӣ сарварӣ мекунад. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул буда, ба муҳлати 5 сол таъйин мешавад. Прокурори генералӣ прокурорҳои тобеи худро таъйин ва озод мекунад. Муҳлати ваколати прокурорҳо 5 сол аст. Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд (моддаҳои 93-96) [1].

Дар хусуси ба шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дохил кардани мақомоти прокуратураи миёни олимон баҳс вуҷуд дорад.

Дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ андешаҳо роҷеъ ба мақомоти прокуратура гуногун буда, бархе онро ба шохаи ҳокимияти судӣ, бархе мақомоти алоҳида маҳсуб медонанд. Ба андешаи олими рус В. Ломовский, мақомоти прокуратура ба шохаи қонунгузор дохил намешавад. Вале ӯ ҷонибдори он аст, ки ҳамкории мақомоти прокуратура бо шохаи қонунгузор муҳим мебошад. Зеро мақомоти олии қонунбарор баъди қабули қонун набояд дар иҷро намудани қонунҳои қабулшуда бетарафӣ ва бидуни вобастагӣ дар муносибат боқӣ монад. Бинобар ин, мақомоти прокуратура, ки ҳамчун мақомоти махсуси давлатӣ функсияи таъмини қонуниятро бо тарзи дахлдор иҷро менамояд, инчунин, дар иҷрои ҳамин уҳдадорӣ ба ӯ Суди конститутсионӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ҳукумат ва дигар мақомотҳо мусодиат мекунанд [226, с. 21].

Ба андешаи дигар олимон, мақомоти прокуратура ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ дохил намешавад. Аз мазмуни муқаррароти моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] бармеояд, ки ба зиммаи мақомоти прокуратура ба таври конститутсионӣ ба амал баровардани адолати судӣ гузошта нашудааст [273, 206].

Масъалаи тобеияти мақомоти прокуратура ба шохаҳои ҳокимияти давлатӣ баҳсталаб буда, то ҳол андешаи ягона вобаста ба ин мавҷуд нест. Бинобар ин мавзуи мазкур таҳқиқоти алоҳидаву амиқтареро талаб менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур масъалаи вазифаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура баррасӣ шуда, принсип, усулҳо ва механизмҳои татбиқи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура таҳлил мегардад.

Олимони рус Ю.А. Винокур, Н.В. Мелников ва В.В. Черников прокуратураро шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудаанд. Олимони дигари ин кишвар Клочков В.В. [95] бошад, ин ақидаро тақвият дода, амалан прокуратураро ҳамчун шохаи чоруми ҳокимият эътироф намуданд.

Тарафдорони ақидаи ба шохаи ҳокимияти қонунгузор мансуб будани прокуратура мавқеи худро чунин асоснок мекунанд: мақомоти қонунгузор қонун қабул менамоянд ва иҷроиши онҳоро дар қаламрави кишвар прокуратура назорат мебарад. Бинобар ин, онҳо ба ин ақидаанд, ки назорати прокурорӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти давлатӣ маҳз аз ҷониби ҳокимияти қонунгузор соҳиби ваколат мегардад, ташаккул меёбад ва ба он бояд тобеъ бошад [231, с. 53]. Ҳамчунин мансубияти прокуратураро ба ҳокимияти қонунгузор бо назардошти таҷрибаи замони шуравӣ асоснок мекунанд.

Профессор И.Л. Петрухин мақомоти прокуратураро ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ мансуб дониста, тобеи низоми адлия мешуморад [133]. А.М. Диноршоев ақида дорад, ки тибқи Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се шохаи ҳокимияти давлатӣ амал мекунад, аммо аз тарафи дигар мақомоти давлатиеро ташаккул додааст, ки ба ҳеҷ кадоме аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дохил намегарданд. Бинобар ин, прокуратура ва Бонки

миллӣ аз рӯи таҳлили қонунгузорӣ ба ҳокимияти иҷроия дохил мешаванд [77, с. 179-180].

Ба андешаи ҳуқуқшинос ва давлатшиноси маъруф, А.И. Имомов прокуратура тибқи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти ҳокимияти судӣ дохил мегардад [85, с. 425].

И.Т. Маҳмудов дар мақолаи худ қайд менамояд, тамоми шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва пойдории қонуният, ки асосан аз ҷониби прокуратура таъмин мешавад, манфиатдор мебошанд. Таҳлили меъёрҳои Конститутсияи кишвар дар бораи мавқеъ, функсияҳо ва ҷойи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бозгӯи онанд, ки мақомоти прокуратура дар низоми давлатӣ мавқеи хосса дошта ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб нест [231, с. 53].

Ҳамин тавр, дар мавриди мавқеи мақомоти прокуратура олимон ба чор гурӯҳ ҷудо шуда, бархе онро тобеи мақомоти иҷроия, дигар гуруҳ ба мақомоти судӣ, гуруҳи сеюм ба мақомоти қонунгузор дохил карда, гуруҳи охирин ба ягон шохаи мақомоти давлатӣ мансуб намедонанд. Мо низ нуқтаи назари гуруҳи чоруми муаллифонро ҷонибдорӣ карда, чунин мешуморем, ки мақомоти прокуратура шомили ягон шохаи ҳокимият набуда, вобаста ба хусусияти хос доштани ин мақомот, мақоми ҳуқуқии он дар боби алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Мустақилияти прокуратура дар воқеъ онро аз ҳокимияти судӣ ҷудо намуда, ҳамчун мақоми алоҳида берун аз ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад. Вале аз рӯи вазифа, ҳамкориву ҳамгирой, иштирок дар парвандаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, метавонем мақомоти прокуратураро бо ҳама мақомоти шохаи ҳокимияти давлатӣ робитаи зич дорад.

Фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро Қонуни конститутсионӣ танзим кардааст. Мувофиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005, №107 муқаррар гардидааст, ки «Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди

Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад» [5]. Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки қонунгузор дар баробари дигар мақомоти давлатӣ барои назорати қонун ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратураро пешбинӣ кардааст.

Дар мавриди мақом ва нақши мақомоти прокуратура Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти прокуратура қайд намуданд, ки «мақомоти прокуратура яке аз сохторҳои муҳими низоми давлатдорӣ маҳсуб шуда, вазифаи асосии он таъмини волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи истиқлолият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои низоми демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои давлатию динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ мебошад. Ин мақомот бо роҳи ба амал баровардани назорати прокурорӣ дар мамлакат қатъиян ва якхела иҷро шудани қонунҳоро таъмин мекунанд. Мақомоти прокуратура дар баробари назорат аз болои риояи қонунҳо, ҳифзи сулҳу субот ва амнияти кишвар, дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ низ саҳми арзанда мегузоранд» [334]. Дар баробари фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ мақомоти прокуратура, инчунин дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ низ нақш ва мақоми баланд дорад.

Мақомоти прокуратура вазифаҳои гуногунро тибқи ваколату салоҳияте, ки қонун ба он додааст, ба тариқи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ менамояд. Дар мавриди вазифаҳои прокуратура ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Масалан, ба ақидаи гурӯҳе аз муаллифон мақомоти прокуратура фаъолияти назоратӣ, тафтиши ҷиноят ва дигар вазифаҳоро иҷро менамояд.

Вазифаи назоратӣ самти асосии фаъолияти мақомоти прокуратура дар Россия, Беларуссия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон мебошад [314, с. 19].

Дар адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ прокуратура ҳамчун мақоми назораткунанда маҳсуб гардида, ҳатто муаллифон самти фаъолияти

онро бо истилоҳи «назорати прокурорӣ» истифода мебаранд. Қобили зикр аст, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниии мақомоти прокуратура ба фаъолияти назорати прокурорӣ аз иҷрои қонунҳо алоқамандии зич дорад. Зеро истифодаи истилоҳи «иҷрои қонунҳо ва назорати он» ба яке аз самтҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дохил мешавад. Бинобар ин фаъолияти назорати риоя ва иҷрои қонунҳо назорати риоя ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиеро дар назар дорад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ, аз таҳлили фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура бармеояд, ки он мақоми ваколатдор дар низоми ҳуқуқтатбиқкунӣ ба шумор меравад ва назорати давлатии иҷрои қонунҳо соҳаи асосии фаъолияти прокурориро ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 декабри соли 2021) ба баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва такмили механизми иҷрои онҳо диққати ҷиддӣ дода, махсус таъкид намуданд, ки “дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷинояткорӣ ва бенизомӣ мегардад”. Бинобар ин, “риоя, иҷро ва назорати амалишавии он ба души мақомоти прокуратура гузошта шуда, ҳамзамон барои таъмини реҷаи қонуният ҳамчун омили асосии пешрафт дар кишвар Сарвари давлат Прокуратураи генералиро вазифадор карданд, ки минбаъд назорати риоя ва иҷрои қонунҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро пурзӯр намояд” [238].

Вазифаи назоратии прокуратура асосан аз назорати риояи Конститутсия ва иҷрои қонунҳо, назорат аз риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, назорат аз иҷрои қонунҳо дар мақомоте, ки тафтишоти пешакӣ, таҳқиқ ва фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамоянд, назорат аз иҷрои қонунҳо ҳангоми баровардани санадҳои судӣ, назорат дар соҳаи иҷрои ҷазохои ҷиноятиро дар бар мегирад [267, с. 5-7].

Ба андешаи А.Х. Казарина дар доираи ваколатҳои прокуратура се самти назоратро аз болои иҷроиш муайян кардааст: 1) ҳатмӣ (назорат аз болои риояи қонуни меъёрии ҳуқуқӣ); 2) асосӣ (назорат ба қонуният дар фаъолияти давлат ва мақомоти мунисипалӣ); 3) ёрирасон (назорат аз болои иҷрои қонунҳо аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) [302].

Вазифаи асоси ҳуқуқтатбиқкунӣ ин таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад. З.Ҳ. Искандаров чунин иброз менамояд, ки яке аз воситаҳои муҳими таъмини қонуният назорати прокурорӣ мебошад, зеро таъйиноти таърихии иҷтимоии мақомоти прокуратура дар ибтидои ташкили он маҳз таъмини иҷрои қонунҳо буд [212, с. 68-75].

Ҳуқуқтатбиқкунӣ шарту воситаҳои муайянеро тақозо мекунад, ки назорати прокурорӣ ҳамчун воситаи муҳими шакли самараноки назорати олии давлатӣ аз болои нашр ва иҷрои қонунҳо ба ҳисоб меравад. Ҳеҷ кадоме аз мақомоти давлатӣ вазифаи пурраи назоратро амалӣ карда наметавонад. Онро танҳо низоми ягонаи мутамаркази мустақили мақомоти прокуратура иҷро карда метавонад [294, с. 4].

Ба андешаи М.Р. Рустамзода назорати прокурорӣ ба маънои муайян як падидаи ҳуқуқии универсалӣ мебошад. Объекти он ҳама гуна соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Мақсади асосии назорати прокурорӣ таъмини назорат аз болои риоя ва татбиқи Конститутсияи ҶТ, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ дар асоси онҳо қабулшуда мебошад. Прокуратура дар ин раванд ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз баромад мекунад [335]. Дар ҳақиқат, тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба риоя гардидани қонунҳо дар ҷомеа ва татбиқи ҳуқуқ иштирок мекунанд. Вале азбаски прокуратура ба мақоми ваколатдор дар самти риоя ва иҷрои якхелаи қонунҳо мебошад, ин мақомот бештар нақш ва таъсири ҳалкунанда дар таъмини қонуният дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки дар амалияи ҳуқуқӣ навъҳои гуногуни назорат аз ҷумла назорати парламентӣ, президентӣ, иҷроиявӣ, идоравӣ ва ғ. вуҷуд дорад. Назорати прокурорӣ ба ҳама субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ паҳн гардида,

дар ин раванд мақомоти прокуратура ҳамчун мақоми ваколатдор ҳангоми татбиқи якхелаи қонунҳоро таъмин менамояд. Назорати прокурорӣ болои татбиқи дурусти қонунҳо фаъолияти махсуси прокуратура мебошад, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровcovarда мешавад. Назорати прокурорӣ аз дурустии татбиқи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои Конститутсияи кишвар иборат аст.

Нақш ва фаъолияти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунӣ аз он иборат аст, ки он фаъолияти фарогирро анҷом дода, дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти давлатӣ татбиқи нишондодҳои ҳуқуқиро ба амал мебарорад.

Прокуратура, аз як тараф, аз болои татбиқи қонунҳо аз ҷониби чунин мақомот: ҳокимияти иҷроия ҳамчун вазорат, хадамот, идораҳо, мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроия назорати ҳамаҷониба анҷом дода, ба таҳкими волоияти қонун мусоидат мекунад, дар фаъолияти худ, аз тарафи дигар бошад, дар маҷлисҳои судӣ ҳамчун иштирокчии раванди қабули қарорҳои судяҳо иштирок намуда, манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ ҳимоя мекунад ва таҷрибаи кори судҳоро такмил медиҳанд [60, с. 28-29]. Мақомоти прокуратура то андозае ошкоро амал намуда, маълумотро дар бораи вазъи қонуният ва чораҳои мустаҳкам карда шудани он дастраси аҳли ҷомеа мегардонад, ки агар ин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро халалдор накунад ва мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад [211, с. 38-53]. Аз инҷо бармеояд, ки мақомоти прокуратура дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва самаранокии он бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, яъне мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва аҳолӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад.

Дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратура вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, ки онҳо тибқи қонунгузорӣ аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди ҶТ, кафолати ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии

шаҳрак ва деҳот, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки фаъолияти мақомоти прокуратура дар раванди ҳуқуқтатбиқсозӣ ба назари мо ба муҳлатҳои доимӣ ва муайян тақсим мешаванд. Дар марҳилаи мунтазам, прокуратура ба таври доимӣ назорати риояи қонуҳо ва иҷрои онҳоро ба амалӣ менамояд. Инчунин дар давраҳои муайян прокуратура ҳуқуқтатбиқкуниро зимни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, таҳқиқу тафтишот ва мурофиаи судӣ амалӣ мегардонад.

Аз омор ва ҳисоботи мавҷуда бармеояд, ки мақомоти прокуратура назоратро аз болои қабули санадҳои иҷро ва ҳуқуқтатбиқсозии дигар мақомотҳо ҷоннок карда, аллакай чандин қарорҳои ғайриқонуниро бекор кардааст. Мувофиқи ҳисоботҳои солонаи Прокурори генералӣ ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ [274; 275, с. 4] чунин омор пешниҳод карда шудааст: соли 2019 - 73 (85) ҳолати ғайриқонунӣ ва бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 5 (13) ҳолати ғарйриқонунӣ дастгир намудан, 3(8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан ва 5 (8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон; соли 2020 - 48 ҳолати ғайриқонунию бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 10 ҳолати ғайриқонунӣ дастгир кардан, 6 ҳолати ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан, 12 ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон. Дар раванди назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ прокуророн бо 8658 (9886) парвандаи ҷиноятӣ айбдорунии давлатиро дастгири намуданд. Ҳамчунин ҷиҳати бекор ва ё ба қонун мутобиқ намудани санадҳои судӣ 407 эътироз (38 хусусӣ, 149 кассатсионӣ, 220 назоратӣ) оварда шуда, аз онҳо 271 адад қонеъ карда шуданд. Прокуророн ба 9886 парвандаи ҷиноятӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ намуда, ба санадҳои судӣ 368 (446) эътироз, аз ҷумла 24 (45) эътирози хусусӣ, 127 (154) эътирози кассатсионӣ ва 217 (247) эътирози назоратӣ оварданд, ки қонеъшавии онҳо мутаносибан 56, 81 ва 74 фоизро ташкил медиҳад. Бо эътирозҳои прокурорӣ дар маҷмӯъ 294 (267) санадҳои судӣ бекор ва тағйир дода шуданд. Мақомоти прокуратура, нисбати чунин қонунвайронкуниҳо

чораҳои қатъии прокурорӣ андешида, ҳуқуқҳои поймолгардида барқарор гардидаанд.

Прокуратура дар пешбурди парванда ва мурофиаҳои судӣ бо мақсадҳои назорати иҷрои қонун, инчунин бо роҳи ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ иштирок менамояд. Тибқи Кодекси мурофиавии ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор шахси мансабдори давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти худ айбдоркуниро аз номи давлат ба амал бароварда, дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиби онро мутобиқи Кодекси мазкур таъмин менамояд. Прокурор назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ амалӣ менамояд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар баробари назорат, инчунин тафтиши як гурӯҳ парвандаҳои ҷиноятӣ ба зиммаи прокурор вогузор карда шудааст, ки он бо роҳи ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда мешавад.

Ба ақидаи И.Т. Маҳмудов “дар шароити муосир бе иштироки прокурор мурофиаи судии ҷиноятиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Прокурор ягона иштирокчие ҳаст, ки метавонад дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда, барои таъмини қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намояд” [235, с. 254-264].

Дар раванди тафтишот ва пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор қонунгузор ҳуқуқу вазифаҳои муайянро додааст, ки мақсади асосӣ аз онҳо татбиқи бечунучарои меъёрҳои ҳуқуқ дар соҳаи мавҷуда мебошад. Дар мурофиаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ иштирок кардани прокурор ҳамчун самти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура буда, ба таври васеъ дар боби дуюми таҳқиқоти мазкур таҳлилу баррасӣ шудааст.

Мақомоти прокуратура фаъолияти ҳуқуқтабиққуниро дар чунин сатҳҳо ба роҳ меандозад: муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии ба ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд; интихоби меъёри ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳалли масъала; санҷиши қувваи ҳуқуқӣ ва шарҳи меъёри мазкур; баровардани санади ҳуқуқтатбиққунӣ; назорати иҷроиши санади ҳуқуқтатбиққунӣ. Дар марҳилаҳои зикршуда усулҳо,

воситаҳо ва механизмҳои махсус барои ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби прокурорҳо ва шахсони мансабдори мақомоти прокуратура истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, прокуратура дар байни мақомотҳои давлатӣ ҳамчун мақомоти асосӣ ва марказии ҳуқуқтатбиққунанда ба шумор рафта, фаъолияти асосии он ба назорати иҷрои меъёрҳои қонун, тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, иштирок дар мурoифиаҳои судӣ равона карда шудааст.

Зимни таҳлили фаъолият ва самтҳои мақомоти прокуратура он аз рӯи чунин нишонаҳо ҳамчуни мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ба шумор меравад:

1. Мақомоти прокуратура ягона мақомоти давлатӣ аст, ки функсияи назорати иҷроиши дақиқ ва татбиқи қонунҳоро амалӣ менамояд. Фаъолияти назорати мақомоти прокуратура дар се самти зерин амал менамояд: назорати риоя ва иҷрои қонунҳо дар мақомоти давлатӣ; назорати иҷрои қонунҳо дар раванди мурофиаи судӣ; бартараф кардани мухолифатҳо дар қонунҳо.

2. Фаъолияти мақомоти прокуратура дар самти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо роҳи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда мешавад.

3. Санадҳои эътиноии мақомоти прокуратура раванди ҳуқуқтатбиққуниро танзим менамоянд.

4. Мақомоти прокуратура вазифаи пешгирикуниро дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ менамояд. Аз ҷумла, санадҳои беасос ва ғайриҳуқуқиро мақомоти прокуратура бекор менамояд, қонуншиканӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳоро дар мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ пешгирӣ менамояд.

5. Дар раванди фаъолияти ҳуқуқӣ мақомоти прокуратура ваколатҳои васеъ дорад, ки он аз назорати иҷрои қонунҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст.

# БОБИ II. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ВА САНАДҲОИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ ОН

## 2.1. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Омӯзиши фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура бидуни баррасии асосҳои ҳуқуқии ташкили он ғайриимкон мебошад. Асоси фаъолияти онро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо меъёр ва самти фаъолияти татбиқи ҳуқуқ муайян гардиданд.

Дар адабиёти соҳавӣ асосҳои ҳуқуқӣ вобаста ба қувваи ҳуқуқӣ ва мазмун меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки сохтор ва фаъолияти прокуратураро танзим менамоянд, тасниф карда шудаанд [67, с. 38].

В.Б. Ястеребов ва В.В. Ястребов ба ин ақидаанд, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти прокуратура аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки онҳо вазифаҳои назоратӣ ё қисман амалигардонии дигар вазифаҳои прокуратураро танзим намудаанд. Дар ҳамаи ҳолат ваколатҳои прокурор бояд бевосита ба қонунгузорӣ дар бораи прокуратура бо истифодаи шакли танзими ҳуқуқӣ муқаррар карда шаванд [67, с. 38].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чуноне, ки И. Камолзода қайд менамояд, асосҳои ҳуқуқиро ба рушди ҷомеа, ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ муҳайё месозанд. Онҳо сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бартариро дар ин низом доро мебошанд; ба онҳо субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ афзалият медиҳанд [287, с. 61].

Ба андешаи мо низ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи асосии ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад. Таҳлили мавзуи мазкур хусусияти методологӣ дошта, имконият медиҳад, ки низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бевосита мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Бинобар ин, ҳангоми омӯзиши фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти

прокуратура таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқии танзими ин ниҳоди давлатӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз давраи ташаккули он қабул гардида буданд. Дар зинаи аввали таъсисёбӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ интишор шуданд, ки онҳо асосҳои ҳуқуқии мақомоти прокуратураро ташкил дода, заминаҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро муқаррар намуданд. Ба инҳо, Қарори кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси комиссариати халқии адлия ва прокуратураи давлатии ҶМШС-и Тоҷикистон" аз 14 декабри соли 1924, Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, илова ба Эъломияи истиқлолияти давлатӣ аз 9 сентябри соли 1991, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ва ғ. дохил мешуданд.

Бори нахуст андешаи таҷзияи ҳокимият ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар матни Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 [2] ифода ёфта, таъсиси мақомоти прокуратура низ дар баробари дигар сохтори ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ гардид.

Ҳоло асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар қатори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ низ дохил мешаванд.

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 25-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки "Қонунҳое, ки дар доираи Конститутсия бо мақсади амалисозии он қабул шудаанд, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро танзим карда, сохтор ва фаъолияти давлат, аз ҳама муҳим шароити мусоидро барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ муҳайё месозанд" [338].

Ба андешаи И.Т. Маҳмудов, Н.Б. Хоҷаева байни меъёрҳои ҳуқуқие, ки мавқеи расмии мақомоти давлатиро муайян мекунанд, пеш аз ҳама, афзалият ба

меъёрҳои ҳуқуқии дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкамшуда, дода мешавад. Зеро онҳо қоидаҳои умумиро мустаҳкам намуда, мавқеи ҳуқуқӣ-конститутсионии мақомоти давлатиро равшан мекунанд. Аз ин рӯ, мавқеи умумии ҳуқуқии прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ пеш аз ҳама бо меъёрҳои қонуни асосии кишвар - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад [231]. Меъёрҳои Конститутсия тариқи ислоҳоти конститутсионӣ такмил ва мустаҳкам карда шуданд, ки асосан вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, инчунин, фаъолияти мақомоти давлатиро фаро гирифтанд.

Дар тағйироти конститутсионӣ вобаста ба мақомоти прокуратура низ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Аз ҷумла, 14 марти соли 1992 дар Иҷлосияи дувоздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба банди 9 моддаи 99 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир бо таҳрири зайл ворид гардид: «Бо пешниҳоди Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин кардани Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Дар қисми якуми моддаи 104 калимаҳои «Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Додситони генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуданд [144, с. 31].

Дастоварди муҳими асосҳои “ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми прокуратура дар он аст, ки маҳз дар санади асосии меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар боби алоҳида ба прокуратура бахшида шудааст, ҳамчунин, яке аз бартариҳо дар он дида мешавад, ки танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ на танҳо аз масъалаҳои ташкилӣ, балки функсионалию сохторӣ иборат аст” [284, с. 102].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намудани боби алоҳида, ки 5 моддаро дар бар мегирад, аз заруратy аҳаммият ва нақши прокуратура дар ҷомеа бозгӯ аст. Бинобар ин, вазифаи конститутсионии татбиқи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон тибқи Конститутсия танҳо ба мақомоти дода шуда, ҳуқуқи истисноии Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи ӯро барои амалӣ намудани назорат аз болои риояи қонунгузории миллӣ дар доираи муқаррарнамудаи ваколатҳо муайян шудааст.

Дар дигар моддаҳои он мақоми роҳбарикунанда Прокурори генералӣ муқаррар шудааст, ки аз фаъолияти худ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ хусусияти доимӣ дошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онро мақомоти прокуратура дар асоси принсипҳои қонуният, тобеъ будан танҳо ба қонун, маҳдудият барои анҷом додани фаъолиятҳои дигар, аз ҷумла, вакил ё узви ҳизб будан, ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба фаъолияти илмиву таълимӣ машғул шудани прокурорро иҷозат додааст, ки чунин ваколат ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат менамояд.

Бешубҳа, дар ташаккули мақоми ҳуқуқии прокуратура нақши асосиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, он ҳамчун сарчашмаи қонунгузорӣ дар бораи прокуратура баромад мекунад. Дар асоси Конститутсия маҳз қонунгузорӣ дар бораи мақомоти прокуратура ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он ташаккул меёбад.

Санадҳои байналмилалӣ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд ва низоми ҳуқуқии ҶТ-ро ташкил медиҳанд, бевосита асоси ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура ташкил диҳад. Санадҳои зерини байналмилалӣ, ки меъёрҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро доро мебошанд, метавонанд заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро ташкил диҳанд:

-Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10.12.1948;

-Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16.12.1966;

-Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16.12.1966;

-Конвенсияи Минск оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22 январи соли 1993;

-Конвенсияи Кишинёв оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба парвандаҳои граждан ӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 7 октябри соли 2002;

-Созишнома оид ба супоридани маҳкумшудагони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои адои минбаъдаи ҷазо аз 6 марти соли 1998 ва ғ.

Ҳамчунин, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро созишнома ва шартномаҳои дуҷониба ва байнидавлатӣ, аз ҷумла, шартнома дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ, истирдод, супоридани маҳкумшудагон ва ғ. муайян менамоянд, масалан, Созишнома байни Прокуратураи генералии ФР ва Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкорӣ аз 07.12.1995; Созишномаҳои дутарафа байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Туркия ва дигар давлатҳо дар бораи супоридани шаҳрвандони ҷиноятсодиркардаи ин давлатҳо (экстрадитсия) Прокуратураи генералии ҶТ-ро ҳамчун мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ эътироф намудаанд.

Бояд қайд кард, ки таҳия ва татбиқи шартномаҳои байниидоравӣ муносибатҳои ҳамкориро дар соҳаи мубориза ба ҷинояткорӣ, ба монанди муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, мубориза ба коррупсия ва ҷиноятҳои дигар иқтисодӣ тақвият мебахшад.

Мақомоти прокуратура метавонад меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро мустақиман татбиқ намояд. Он дар доираи салоҳияти худ бо мақомоти дахлдори дигар давлатҳо ва ташкилоти байналмилалӣ робитаи мустақим анҷом дода, дар бораи ҳуқуқтатбиққунӣ, ёрии ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷанбаҳои гуногуни салоҳияти байналмилалии прокуратураро муайян кардаанд. Ҳамчунин, санадҳои байналмилалие, ки дар самтҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба имзо мерасанд, бевосита заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии

мақомоти прокуратура ба ҳисоб меравад. Масалан, тибқи моддаи 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ-ро ташкил медиҳанд [10].

Ҳамчунин, Қонуни конститутсионии мазкур муайян кардааст, ки мақомоти прокуратура мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои додани иҷозат барои боздошти шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд (моддаи 33), талаб кардани риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқи инсон, муносибати инсондӯстона бо маҳбусон ва маҳкумшудагон (моддаи 45), ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти салоҳиятноки давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, такмил додани мураттабсозии байналмилалии ҳуқуқӣ, иштирок дар таҳияи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 47), ба эътибор гирифтани принсипҳои ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ (моддаи 48) дорад. Аз ин нишондоди қонуни конституционӣ бармеояд, ки санадҳои байналмилалӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратура заминаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси меъёрҳои онҳо низ фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура амалӣ карда мешавад.

Муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқӣ қонуни конститутсионӣ мебошад, ки бевосита қабули он дар Конститутсияи кишвар пешбинӣ гардидааст. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 ҷойи намоёнро дар байни қонунҳои конститутсионӣ ҳамчун санади асосии муайянкунандаи ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ишғол менамояд. Қонуни конститутсионии мазкур муқаррароти умумии марбут ба фаъолияти прокуратура, сохтор ва принсипҳои ташкилии онро муайян намуда, назорати прокурорӣ, самтҳои алоҳидаи онро (аз болои мақоме, ки кофтуковро анҷом

медиҳад, дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ), иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ, шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ, асосҳои хизмат дар мақомот, фаъолияти прокуратураи ҳарбӣ, инчунин масъалаҳои дигар, ки ба фаъолияти прокуратура дахл доштаро дида мебароянд, тавсиф менамояд. Қонуни конститутсионии мазкур санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, муқаррароти асосии танзими ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад.

Соли 1991 "аввалин бор дар таърихи мақомоти прокуратураи давлати соҳибистиқлол Қонун "Дар бораи прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул шуда, бо Қарори Шӯрои Олӣ аз 30 апрели соли 1992 ба қувваи амал даромад. Тибқи Қонуни мазкур вазифаи мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳимояи истиқлолият ва сохибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии шаҳрвандон; асосҳои сохтори демократӣ ва ҳокимияти давлатӣ, мақоми ҳуқуқии Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқ, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иборат буд" [263, с. 233]. Баъд аз Истиқлолияти давлатӣ ин аввалин санади қонунгузорӣ буд, ки вазифаҳо, принсипҳои ташкил ва фаъолият, низом ва дигар самтҳои асосии фаъолияти мақомоти додситонии давлати соҳибихтиёрро муайян ва ба танзим даровард.

Баъдан лоиҳаи нави "Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия гардида, 11-уми марти соли 1996 қабул шуд. Дар асоси он мақомоти прокуратура фаъолиятро дар тамоми соҳаҳои назорати прокурорӣ, алалхусус, назорати иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи андозу гумрук ва муносибатҳои байналмилалӣ ба роҳ монданд. Дар заминаи ин, Қонуни конститутсионии мазкур 25 июли соли 2005 дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Ваколати "конститутсионии прокуратура "назорат аз болои иҷрои дақиқ ва ягонаи қонунҳо" дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 15 июли соли 2005, №102 мушаххас шуда, инъикоси пурраи худро пайдо намудааст" [242, с. 113].

З.Х. Искандаров қайд менамояд, ки “қонуни соҳавӣ ва асосии ташкилу фаъолияти мақомоти прокуратура Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикитон” мебошад. Дар Конститутсияи ҶТ, ба ғайр аз вазифаи асосии он – назорат, вазифаҳои дигар пешбинӣ нашудаанд. Дигар вазифаҳои мақомоти прокуратура, ҳамчунин, тафтиши ҷиноятҳо, татбиқи чораҳои пешгирикунандани ҷинояткорӣ якҷо бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмил ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза ба ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, иштирок дар баррасии парвандаҳои судӣ, бартарафсозии мухолифатҳо дар қарор, ҳукм ва ғ. дар моддаи 3-и Қонуни конститутсионӣ танзим шудаанд” [214, с. 84].

Бо қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2001 соле як маротиба дар Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолати назорати иҷрои дақиқ ва яхелаи қонунҳо дар қаламрави мамлакат ҳисобот медиҳад ва баҳри иҷрои қарорҳои Маҷлиси миллӣ аз ҷониби Прокуратураи генералӣ чораҳои самаранок андешида мешаванд [254, с. 27]. Ҳамин тавр, дар давоми амали Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” он меъёрҳои асосии худро амалан нигоҳ дошт. Гарчанде ба қонуни конститутсионии мазкур тағйироти зиёд, ки бештар ба такмили фаъолият равона шуда буд, ворид гардида бошанд ҳам, лекин дар амалияи мақомоти прокуратура дигаргуниҳои куллӣ ба амал наовард.

Бинобар ин, барои такмили Қонуни мазкур зарурати таҳияи Консепсияи муосири ташаккули мақомоти прокуратура ба миён омадааст. Дар консепсияи қонун муқаррар кардани мақсад (самти асосӣ) ва вазифаҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура муҳим мебошад.

Кодекс ҳамчун санади ҳуқуқӣ сарчашмаи соҳаҳои ҳуқуқӣ ва фаъолиятҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Аксарияти кодексҳо барои мураттабсозӣ ва татбиқ гардидани намудҳои гуногуни ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд қабул мешаванд.

Ҳоло масоили ҳуқуқҳои мурофиавӣ, маъмурӣ, тандурустӣ, маданӣ, манзилӣ, истифодаи замин, обу экология, иттилоот ва ғ. бо кодекс танзим мегарданд. Дар баробари соҳаҳои номбаршуда, мақомоти давлатӣ низ меъёрҳои ҳуқуқии кодексҳоро дар фаъолияти худ истифода мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки кодекс заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ низ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, кодекс ҳамчун қонуни мураттаб заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, бахусус фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад.

Пеш аз ҳама мақомоти прокуратура иҷрои меъёрҳои кодексҳои амалкунандаро назорат мекунад ва дар навбати худ кодекс бевосита фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратураро ба танзим дароварда, заминаҳои ҳуқуқии онро ташкил медиҳад. Мақомоти прокуратура барои ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии худ дар самтҳои гуногун кодексҳоро ҳамчун манбаи ҳуқуқии расмӣ истифода менамояд.

Ваколатҳои мурофиавии прокурор дар кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии маданӣ, мурофиавии иқтисодӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар карда шудаанд.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ муайян намуда, ба танзим медарорад. И.Т. Маҳмудов, дуруст қайд мекунад, ки “яке аз дастовардҳои муҳими Кодекси мазкур ин таъмини шароити арзанда барои баҳсу мунозираи воқеӣ ва баробарии тарафҳо ба ҳисоб меравад. Яъне прокурор имкон пайдо кард, ки ҳамчун иштирокчии баробарҳуқуқи мурофиа ва намояндаи тарафи айбдор мавриди таҳқиқи ҳолатҳои кор ва пешниҳоди далелҳо дар суд фаъолона иштирок намояд. Аз нигоҳи кодекси амалкунанда ваколатҳои прокурор ва суд дар мурофиаи ҷиноятӣ ба таври ҷиддӣ бознигарӣ шуда, ҳудуди иштироки суд дар мурофиаи ҷиноятӣ амалан васеъ гашт” [235, с. 256].

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998 ва дар таҳрири нав аз 5 марти соли 2007 барои ташаккул ва

рушди хизмати давлатӣ зиёда аз 200 санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа, аз ҷумла, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 қабул гардидааст [148, с. 3]. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ тасдиқ карда мешаванд. Онҳо асосан ба санадҳои зерқонунӣ дохил мешаванд, зеро тартиби қабули онҳо дар қонуни алоҳида муқаррар мегардад. Чунин навъи санадҳо метавонад ба самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура мусоидат намояд.

Барои танзими одоби касбӣ ва шахсии корманди мақомоти прокуратура, пешгирӣ кардани вайронкунии интизоми хизматию иҷроия, муҳайё сохтани фазои оштинопазир ба амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби баъзе кормандон даст назадан ба ин амалҳо санади алоҳида бо номи Кодекси одоби касбии корманди мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, дар он масъалаҳои интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратура баррасӣ гардиданд.

Ҳамчунин, баъзе аз қонунҳои ҷорӣ низ асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро ташкил медиҳанд. Чунончӣ, хизмат дар мақомоти давлатӣ ба қатори хизмати давлатиии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар қонуни алоҳида муқаррар шудааст [17].

Дар ин маврид ба андешаи М.С. Раҷабзода розӣ шудан мумкин аст. Дар ҳақиқат дуруст қайд менамояд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” оид ба он, ки кормандони мақомоти прокуратура ва муассисаҳои он хизматчии давлатӣ мебошанд, ҳеҷ гуна муқарраротро дар худ ҷой надодааст. Дар баробари ин, дар қонуни соҳавӣ дар бораи мақомоти прокуратура истилоҳи хизматчии давлатӣ истифода нагардидааст. “Дар он истилоҳи корманд мавриди корбарӣ қарор дода шудааст. Ба андешаи мо ин раванд ҳам чандон дуруст нест, зеро истилоҳи корманд хоси шартномаҳои меҳнатӣ буда, дар ин муносибатҳо тарафҳои шартнома дар заминаи усули диспозитивӣ фаъолият менамоянд” [255, с. 367].

Дар баробари ин, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳеҷ гуна муқаррарот дар бораи он, ки хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва муассисаҳои он яке аз намудҳои хизмати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, муқаррар накардааст.

Бо дарназардошти масъалаи мазкур зарур аст, ки хизмати давлатӣ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ танзим карда шавад.

Дар моддаи 2 Қонуни конститутсионии мазкур илова намудани банди алоҳида вобаста ба мақоми прокурор, муовинон, ёрдамчиён, муфаттишон ва дигар шахсони мансабдори мақомоти прокуратура ҳамчун хизматчиёни давлатӣ зарур буда, вазифаи онҳоро дар ин самт мустаҳкам менамояд.

Ҳамчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» пешбинӣ шудааст, ки «назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар фаъолияти милитсия аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он сурат мегирад» (моддаи 35).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ муқаррар кардааст, ки “Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар фаъолияти мақомоти Агентӣ дар доираи салоҳияти худ татбиқ менамоянд” (моддаи 38).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» муқаррар кардааст, ки «назорат ба фаъолияти мақомоти таъмини амният аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он таъмин карда мешавад» (моддаи 31).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» амалӣ намудани назорати прокурориро ба фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муқаррар кардааст (моддаи 21).

Қонунҳои номбаршуда мақом ва вазифаи прокуратураро дар худ мустаҳкам кардаанд, зеро мақомоти прокуратура ҳамчун сохтори махсус ва

ваколатдори назоратӣ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикитон муайян шуда, фаъолияти мазкур танҳо аз ҷониби ин мақомот амалӣ карда мешавад. Ҳарчанд субъекти ваколатдори қонунҳои зикршуда, аз ҷумла, Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меъёрҳои қонунҳои зикршударо татбиқ менамоянд, вале назорати иҷрои якхелаи онҳо ба зиммаи мақомоти прокуратура вогузор карда шудааст.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ба ҳисоб рафта, дар робита ба фаъолияти ин ниҳоди давлатӣ қабул карда шуда, дар асоси он таҷдиди сохтор, муқаррар кардани ҳуқуқу имтиёзҳо, ваколату уҳдадориҳои алоҳида барои кормандони мақомоти прокуратура пешбинӣ мегардад.

Дар солҳои аввали Истиқлолият қабули фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи трибуналҳои ҳарбӣ ва мақомоти додситонии ҳарбие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд” аз 2 апрели соли 1992, “Дар бораи сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 2 январи соли 1994, №2 ба таъсиси пояҳои мақомоти прокуратура ва сохтори алоҳидаи он асос гузоштанд.

Ҷиҳати пешгирии вазъияти ҷангӣ ва мубориза ба ҷинояткорӣ фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира намудани яроқи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи тадбирҳои таъхирнопазири мубориза зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор” қабул гардиданд. Мақомоти прокуратура ба иҷрои фармонҳои зикршуда муваззаф гардида, барои пешгирии ҷиноятҳо ва ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор саҳми босазо гузошт.

Солҳои 2000-2010 фармонҳои дигари Президенти мамалакат ҷиҳати ислоҳоти мақомоти прокуратура ва такмили фаъолияти он, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, рутбаҳои дараҷавӣ, ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо,

муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти прокуратура, таъсиси зерсохторҳои мақомоти прокуратура, аз ҷумла, мақомоти прокуратураи ҳарбӣ ва ғ. қабул гардиданд, ки ба ҷоннок кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура мусоидат намуданд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба такмили раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура равона шудааст. Аз ҷумла, фармонҳо оид ба идоракунӣ, нишонҳо, рутбаҳои кормандони мақомот [23], ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [22] -ро танзим менамоянд.

Мақомоти прокуратура ҳамчун мақомоти мустақил дорои рамзҳои худ маҳз дар асоси Фармони махсус, доир ба тасдиқи Низомнома дар бораи "Нишонҳои мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" гардид [20; 21].

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» прокуратураи ҳарбии ҷумҳурӣ унсури прокуратураи миллӣ ва сохтори нави прокуратура барои ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мудофиа ташкил гардид.

Қарорҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро ташкил медиҳанд.

Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳисоб кардани собиқаи кор» [28] на танҳо ба мақомоти прокуратура, балки ба бисёр идораҳои давлатӣ, аз ҷумла, муассисаҳои ислоҳӣ, мақомоти гумрук ва ғ. низ дахл дорад. Дар Қарори мазкур хусусиятҳои гуногуни ҳисоби собиқаи кор вобаста ба вазъият ва шароити кор муайян карда шудааст.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи меъёрҳо ва тартиби ба тариқи ройгон додани либоси расмӣ ба прокуророн ва муфаттишони дорои рутбаи дараҷавӣ» аз 26 январи соли 2008, №40 тартиби истифодаи либосҳои расмии кормандони мақомоти прокуратураро зимни иҷрои вазифаҳои худ муқаррар намудааст.

Ҳамчунин, дар асоси фармону қарорҳои мақомоти болоӣ стратегияву барномаҳо тасдиқ мегарданд, ки ба ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прпокуратура низ шароит фароҳам меоранд.

Стратегия санади барномавии муайянкунандаи вазифа ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар самти муайян мебошанд. Мақомоти прокуратура низ дар фаъолияти худ як қатор стратегияҳоро истифода менамояд.

Ба андешаи М.Н. Халифазода стратегия асосан санади пешгирикунанда буда, амалӣ намудани он бе иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ самараи дилхоҳ дода наметавонад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ доир ба иҷрои стратегияи миллӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад [271, с. 112].

Стратегияҳое, ки "дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура мавриди истифода қарор мегиранд, асосан ба масъалаҳои муқовимат бо экстремизму терроризм" [34], коррупсия [35] ва ғ. ба ҳисоб рафта, вобаста ба бандҳои онҳо мақомоти прокуратура нақша чорабиниҳои худро таҳия менамояд ва дар мухлати муайян татбиқи нишондодҳои онҳоро таъмин мекунад.

Дар асоси Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар раванди тақвияти заминаҳои ниҳодии мубориза бо экстремизм ва терроризм дар сохтори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати муқовимат ба экстремизм ва терроризм - Ситоди байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти оперативӣ ва воҳидҳои тафтишотӣ, инчунин ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳои марбут ба ҷалбкунии шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои террористӣ созмон дода шуд.

Дар Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба амал баровардани омори содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, санҷишҳои андоз ва пардохтҳо ба уҳдаи Прокуратураи генералӣ гузошта шудаанд.

Барномаҳои давлатӣ, ки бо санадҳои муайяни макомоти олии ҳокимияти двалатӣ қабул мегарданд, ба татбиқи меъёрҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Масалан, "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Барномаи таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, 2013-2015, 2016-2018, 2019-2020, 2021-2023, 2024-2026" [329; 327] маҷмӯи санадҳое мебошанд, ки ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ ва муайянкунандаи нақшаву дурнамои самти муайяни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат мекунанд. Мақомоти прокуратура нақша-чорабиниҳо оид ба баромади кормандони дастгоҳи марказии прокуратураро тартиб дода, мунтазам дар ташкилоту муассисаҳо, корхонаю хоҷагиҳо ва мактабу донишгоҳҳо вохӯрию сӯҳбатҳо ташкил менамоянд, доир ба мавзӯъҳои ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ ва воситаҳои татбиқшавии меъёрҳои ҳуқуқ ва қонунҳо дар ҷомеа баромадҳо анҷом медиҳанд.

Ҳамин тавр, ба назари мо, фармону қарорҳо, ки аз ҷониби Президенти ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд, заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ба ҳисоб мераванд, зеро дар асоси онҳо ислоҳот дар мақомоти прокуратура гузаронида шуда, зимни амалисозии фаъолият дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва назорати иҷрои онҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори санадҳои арзишманде ҷой дорад, ки айни ҳол мавриди баррасӣ қарор гирифта, гурӯҳи олимон онро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мансуб медонанд.

Э.С. Насриддинзода чунин андеша дорад, ки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сабаб ва омилҳои гуногун рушд намуда, яке аз воситаҳои муҳим дар такмили он маҳз паёмҳои Президенти ҶТ [333] ба шумор рафта, яке аз самтҳои Паёмро таҳкими фаъолияти мақомоти татбиққунандаи ҳуқуқ ташкил медиҳад.

Ф.С. Сайнозимзода ба ин назар аст, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун меъёри конститутсионӣ заминаи ҳамаҷонибаи қонунӣ

дорад ва он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад [312, с. 4].

Дар паёми ҳамасолаи худ Президенти кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баён мекунад, ки дар матни он бевосита фаъолияти мақомоти прокуратура ишора гардида, нақш ва мақоми ин ниҳод, тартиби фаъолият ва пешгирии камбудиҳои ҷойдошта баррасӣ карда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуда буданд, ки бо вуҷуди ҳамаи дастоварду пешравиҳо афзоиши хавфу хатари падидаҳои хавфнок аз байн нарафтааст, масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд, ки дар ҳалли онҳо мақомоти прокуратура мавқеи махсус дорад [286, с. 1-3]

Ҳамчунин, соли 2019 дар Паёми худ Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба хатарҳои терроризму ифротгароӣ ишора намуда, қайд карда буданд, ки “... бояд тадбирҳое андешем, ки дар қатори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тамоми қувваҳои солими ҷомеа ва ҳар як фарди ватандӯсту соҳибмаърифат ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок сафарбар гарданд” [18]. Бешубҳа, прокуратура ҳамчун мақомоти асосии ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар мубориза алайҳи терроризму ифротгароӣ мубоизаи беамонро дар самтҳои гуногун роҳандозӣ менамояд.

Консепсияҳо низ асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро ташкил медиҳанд. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст, заминаи ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад [19]. Дар асоси он Консепсияҳои соҳавии ҳуқуқӣ таҳия мегардад ва самти муайянро такмил медиҳад. Ҳоло Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ, ки аз 2 ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст, ки дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура истифода мегардад.

Ба андешаи Э.С. Насриддинзода “хусусияти асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ иборатанд. Дар баробари ин, сиёсати ҳуқуқии кишвар дар иртибот бо самтҳои асосии сиёсати давлат амалӣ гардида, заминаи ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигари сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ташкил медиҳад” [333].

Дар бандҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таҳкими назорати прокурорӣ, иштироки прокурор дар мурофиаҳои судӣ ва шикоят аз қарори прокурор ва ғ. дарҷ гардидааст. Дар банди 80 Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз субъектҳои татбиққунандаи Консепсия муайян шудааст.

Аммо масъалаи такмили самти фаъолияти прокуратура дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, ки барои солҳои 2018-2028 қабул карда шудааст, бояд мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, бахши алоҳида ба фаъолияти мақомоти мазкур ҷудо карда шавад. Дар Консепсия танҳо ваколати татбиқ ва таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҳар ду сол пешбинӣ гардидааст.

Коргузорӣ ва ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар мақомоти прокуратура бо санадҳои Прокурори генералӣ низ роҳандозӣ мегарданд. Аз рӯи иерархия чунин санадҳо ба қатори санадҳои локалӣ дохил мешаванд. Прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ ва прокурор ҳамчун шахси мансабдор ваколати қабули фармонро доранд. Аз ин рӯ, фармон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф мегардад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ тақсим мешаванд. Санадҳои меъёрии зериқонунӣ бошад, ба фармонҳои Президент, санадҳои ҳукумат, вазоратҳо, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, локалӣ ҷудо мешаванд [153, с. 350]. Аз ин рӯ пешниҳод мешавад, ки дар таснифи мазкур санадҳои мақомоти прокуратура бояд ҷой дода шаванд ва онҳо низ ба қатори санадҳои зериқонунӣ дохил гарданд.

Мувофиқи моддаи 18 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Прокурори

генералӣ низомномаҳои воҳидҳои низомии мақомотро тасдиқ мекунад, фармонҳо, амрҳо, дастурҳо, низомномаю дастурамалҳо мебарорад, ки иҷрои онҳо аз тарафи ҳамаи кормандон ҳатмӣ мебошад.

Ба андешаи О.В. Воронин амру фармон ва дастурҳои Прокурори генералӣ аз рӯи табиати ҳуқуқии худ метавонад ҳамчун санадҳои фардӣ ва ҳам санадҳои дорои хусусияти меъёрӣ бошанд. Чун санадҳои меъёрӣ онҳоро ба се гуруҳ тақсим кардааст: 1) санадҳое, ки амалишавии вазифаи прокурорро оид ба самтҳои алоҳидаи фаъолияти прокуратура танзим мекунанд: дар бораи ташкили назорат аз болои иҷрои қонунҳо, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар бораи амалигардонии вазифаи прокурор дар мурофиаи арбитраж ва ғ.; 2) санадҳо, ки ба масъалаҳои таъминоти кадрӣ, моддӣ, молиявӣ, ташкилӣ ва иттилоотии фаъолияти прокурорӣ марбут мебошанд; 3) санадҳое, ки мақоми воҳидҳои сохтории дастгоҳи Прокуратураи генаралиро муайян мекунанд, масалан, низомнома дар бораи идоракунӣ, аттестатсияи кормандони прокуратура, дастурҳо оид ба коргузорӣ ва ғ. [67, с. 44].

Асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Регламенти Прокуратураи генералии ҶТ, қарорҳои ҳайати мушовара, фармонҳои Прокурори генералӣ ва Низомнома мақомот ва зерсохторҳои он ташкил менамояд [280, с. 44]. Аз рӯи гуфтаҳои боло бармеояд, ки санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои доихилидоравӣ низ ҳамчун заминаҳои ҳуқуқии ҳамаи фаъолиятҳои мақомоти прокуратура аз ҷумла, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба ҳисоб мераванд.

Фармонҳои Прокурори генералӣ татбиқи самтҳои асосии фаъолият ё муқаррар кардани соҳаи назорати прокуратураро муайян менамоянд. Фармонҳо аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсе, ки вазифаи ӯро иҷро мекунад, бароварда мешаванд [165, с. 65-70].

Чунончӣ, то ҳол фармонҳои Прокурори генералӣ дар масъалаҳои гуногун қабул ва татбиқ гардидаанд, аз ҷумла, муҳиматарин фармонҳои Прокурори генералӣ инҳо мебошанд:

- “Дар бораи сохтори прокуратураи нақлиётӣ” аз 10 феврали соли 1992, № 39л;
- “Дар бораи таъсиси Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 апрели соли 1992, №109л;
- “Дар бораи таъсиси прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳои Душанбе, Хуҷанд (ҳоло Суғд), Қурғонтеппа (Бохтар), Кӯлоб, Хоруғ” аз 25 июни соли 1993 ва дар бораи “Таъсиси прокуратураи ҳарбии гарнизони минтақаи Қаротегин (ҳоло Рашт) аз 11 январи соли 2001”;
- “Дар бораи таъсиси прокуратураҳои нақлиёти Ленинобод (ҳоло Суғд) ва Хатлон дар тобеияти Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон” аз 14 апрели соли 1994, № 46, № 46;
- “Дар бораи ташкили фаъолияти прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон оид ба мустаҳкам кардани қонуният ва пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткорӣ дар нақлиёт” аз 20 ноябри соли 1997, № 1/143;
- «Дар бораи Низомномаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Дар бораи тасдиқи Регламенти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2016;
- “Дар бораи баланд бардоштани саҳми назорати умумӣ дар таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ” аз 15 феврали соли 2016, № 7;
- “Дар бораи такмили низоми тайёрӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 15 феврали соли 2016, № 15
- “Дар бораи ташкили ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 15 феврали соли 2016, № 19 ва ғ.;

Нақши санадҳои болозикр дар фаъолияти ҳуқуқтатбикунии мақомоти прокуратура дар чунин нуктаҳо ифодаи худро меёбанд:

- барои фаъолияти самараноки ҳуқуқтатбиқкунӣ сохтори мақомоти прокуратураро таҷдид намуда, мақомот ва зерсохторҳои навро таъсис медиҳанд;

- фаъолияти мақомоти прокуратураро дар мустаҳкам намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, қонуният ва пурзӯр намудани мубориза ба ҷинояткорӣ муқаррар ва таҳким менамояд;

- ташкил кор, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, фаъолияти машваратӣ, муносибат бо шаҳрвандон ва ҷомеа, таъмини ҳуҷҷатгузорӣ, самтҳои назоратиро дар мақомоти прокуратура муайян мекунанд;

- омилҳои баланд бардоштани самаранокии назорати иҷрои қонунҳоро дар соҳа ва субъектҳои гуногун мушаххас менамоянд;

- ба пешбурди воситаҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура мусоидат менамоянд;

- масъалаҳои низоми тайёрӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони мақомоти прокуратураи ҶТро фаро мегиранд;

- ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад;

- танзими ҳуқуқии ташвиқу тарғиби қонунҳо, иштирок дар тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ва робита бо ҷомеа ёрӣ муайян мекунанд;

- нақш ва иштироки фаъоли мақомоти прокуратураро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мураттабсозии қонунгузорӣ таъмин месозанд.

Ҳамчунин, санадҳои дохилидоравӣ низ асоси ташкил ва заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураро ташкил медиҳанд, асосан ба он низомнома, дастур, дастурамал, регламент, қарору фармонҳои локалӣ дохил мешаванд.

Низомнома низ барои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ аз он ҷиҳат зарур аст, ки фаъолият, ҳуқуқу вазифаҳо, сохтор ва ташкили корро дар мақомоти прокуратура муайян мекунад. Аслан тамоми фаъолияти мақомоти прокуратура ва зерсохторҳои онҳо, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ тавассути Низомнома суръат мегирад. Масалан, Низомномаи Прокуратураи генералӣ оид ба ташкили кори воҳидҳои сохтории мақомот қабул карда мешавад. Бо

фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаҳои воҳидҳои сохтории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» “аз 17 декабри соли 2015, №5-261 низомномаҳои 25 раёсату шуъбаҳо ва Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд” [254, с. 44-46].

Низомнома дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [31] чунин масъалаҳои назорати прокурорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар мақомоти прокуратураи ҳарбиро танзим кардааст.

Ҳамчунин, дигар низомномаҳо қабул ва тасдиқ карда шудаанд: Низомнома “Дар бораи шуъбаи коргузории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Низомнома “Дар бораи бойгонии идоравии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Низомнома “Дар бораи ҳайати ташхисии марказии доимамалкунандаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Низомнома “Дар бораи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ” аз 11 апрели соли 2001 ва ғ.

Низомномаҳои зикршуда ҳамчун санадҳои дохилидоравӣ ба ҳисоб рафта, самти фаъолият ва дигар масъалаҳои ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура алоқамандро муайян кардаанд.

Дастур аз ҷониби Прокурори генаралӣ барои беҳтар кардани қарори хусусияти роҳбарикунанда дода мешавад ва дар он чун қоида, ягон самти фаъолияти мақомоти прокуратура баррасӣ мешавад. Дастурро метавонад Прокурори генаралӣ, ҳамчунин ҷонишин ва шахсе, ки вазифаҳои онҳоро иҷро мекунанд, диҳад. Чунончӣ, дастурҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти прокуратураи ҶТ», «Дар бораи такмили ташкили кор ва назорати иҷро дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи баланд бардоштани саҳми назорати умумӣ дар таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ», «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ», «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани

фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат бо терроризм, экстремизм ва назорати иҷрои қонунҳо дар самти амнияти миллӣ», «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» ва дигар фармонҳо қабул ва барои иҷро ба прокурорҳои поёнӣ фиристода шудаанд.

Дастур одатан баъди ҷамъбаст намудани таҷрибаи назорати прокурорӣ оид ба ин ё он масъала таҳия ва барои ба роҳбарӣ гирифтан ба сохторҳои дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ ва прокурорҳои поёнӣ фиристода мешавад. Масалан, Дастури Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2013, таҳти №5-21 «Дар бораи тафтиши пешакии ҷиноятҳои алоқаманд ба худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин ва сохтмони худсарона дар он», ки бо омӯзиши таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ бо ин қабил ҷиноятҳо аз ҷониби Прокуратураи генералӣ тасдиқ ва барои ба роҳбарӣ гирифтан ба прокурорҳои поёнӣ фиристода шудааст.

Амру дастурамалҳо бо мақсади иҷрои фаврии ин ё он амали прокурорҳо ва кормандони мақомоти прокуратура содир мешавад. Амри Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо мақсади баамалбарории чораҳои хусусияти яккаратадошта ё кӯтоҳмуддат дода мешаванд.

Дастурамал, ки аз ҷониби Прокурори генаралӣ тасдиқ мегардад, тартиби амалишавии вазифаҳои алоҳида прокурор пешбинӣ мекунад ва механизми истеҳсолоти ин ё он амали мурофиавӣ ё оперативиро дар бар мегирад. Дастурамал барои ба танзим даровардани масъалаҳои алоҳида қабул карда мешавад. Дастурамалҳои Прокуратураи генералӣ таъсири калон ба ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура мерасонанд. Дар фармону дастурҳои Прокурор генералӣ меъёрҳои умумии қонунҳо мушаххас, шаклҳои ташкили кори мақомоти прокуратура муқаррар мешаванд. Чунончи, Дастурамал “Дар бораи коргузорӣ дар мақомоти прокуратараи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Дастурамал «Дар бораи тартиби гирифтан, азназаргузаронӣ, таҳқиқ, нигоҳ доштан ва супоридани далелҳои шайъӣ, ашёҳои арзишнок ва дигар молу мулк

аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ», ки бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014, тахти №5-112 тасдиқ карда шудааст, тартиби бақайдгирӣ ва нигоҳдории далелҳои шайъиро ба танзим медарорад. Иҷрои Дастурамали мазкур аз ҷониби муфаттишони ҳамаи мақомоти тафтишотӣ ҳатмӣ мебошад.

Дастурамалҳои методӣ низ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ оид ба тартиб ва усули ба амал баровардани санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузориҳои гуногун вобаста ба самтҳои назорати прокурорӣ, ба монанди назорати умумӣ, андоз, гумрук, ноболиғон ва ҷавонон, ошкору тафтиши ҷиноятҳои категорияҳои гуногун, аз ҷумла одамкушӣ, таҷовуз ба номус, терроризму экстремизм, одамрабоӣ, худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин ва сохтмони худсарона ва дигар самтҳо аз ҷониби раёсату шуъбаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, онҳо бо фармони Прокурори генералӣ тасдиқ карда мешаванд ва барои иҷро ба прокуратураҳои поёнӣ фиристода мешаванд.

Нақши дастурамали методӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун барномаи роҳнамо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати ташкил ва гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ ва тафтиши ҷиноятҳои категорияҳои алоҳида аҳамияти хоса доранд. Ба роҳбарӣ гирифтан ва иҷрои онҳо аз ҷониби прокурорҳои поёнӣ ва муфаттишони мақомоти прокуратура ҳатмӣ мебошанд ва метавонад ба самаранокгардонии фаъолити ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намояд.

Амр, дастур ва дастурамалҳои дохилии прокуратура фаъолияти ҳуқуқтатбикуниро ҷоннок намуда, ба тариқи фаврӣ ва мунтазам амалӣ карда мешаванд. Онҳо асосан дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба чунин самтҳо равона мегарданд:

-ташкили кор, интизоми меҳнат ва кор бо кадрҳоро ба роҳ мемонад;

-иҷро ва рушди назорати прокурориро дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд;

-ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакиро таъмин менамоянд;

-хатарҳои замони муосирро пешгирӣ ва тадбирҳои пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти прокуратура ҷиҳати муқовимат ба терроризм, экстремизм ва назорати иҷрои қонунҳо дар самти амнияти миллӣ меандешанд;

-татбиқи тадбирҳои якдафъина ва кӯтоҳмуддат бо мақсадҳои гуногун, аз ҷумла, дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ амалӣ менамоянд;

-татбиқи ҳуқуқҳои тарафҳо дар раванди ба танзимдарории масъалаҳои алоҳида, аз ҷумла аз тартиби гирифтан, азназаргузаронӣ, таҳқиқ, нигоҳ доштан ва супоридани далелҳои шайъӣ, ашёҳои арзишнок ва дигар молу мулк аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ; тафтиши пешакии ҷиноятҳои алоқаманд ба худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин ва сохтмони худсарона дар он;

-дигар масъалаҳоро дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ҷоннок менамоянд.

Санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии қабулшуда ба рушди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура таъсири мусбат мерасонад. Санадҳои зикршуда давра ба давра ба раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ дар марҳилаҳои ба эътидол омадани вазъи қонуният, барои бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти прокуратура, амалӣ гардонидани қонунҳои ҷорӣ ва вазифаҳое, ки баҳри волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ таъсири калон расониданд.

3. Хулоса, аз таҳлили асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура бармеояд, ки мақомоти мазкур самтҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии худро дар асоси санадҳои муайян ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Санадҳои ҳуқуқие, ки тибқи онҳо фаъолияти мақомоти прокуратура ташкил ва амалӣ мегардад, аз инҳо иборатанд: 1) Конститутсияи ҶТ; 2) меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ; 3) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”; 4) фармонҳои Президенти ҶТ; 5) санадҳои зерқонунӣ; 6) созишнома ва шартномаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсия, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие,ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Ҳамчунин дигар санадҳо, аз ҷумла санадҳои татбиқи ҳуқуқ, санадҳои дохилидоравӣ, низомнома, оиннома, дастур, санадҳои барномавӣ ва ғ. дохил мешаванд. Санадҳои мазкур заминаҳои меъёрӣ, самтҳои фаъолият ва тартиби амалигардонии вазифаҳои мақомоти прокуратураро муқаррар менамоянд.

Санадҳои мазкур заминаҳои меъёрӣ, самтҳои фаъолият ва тартиби амалигардонии вазифаҳои мақомоти прокуратураро муқаррар менамоянд.

Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ вобаста ба мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ташкил ва фаъолияти прокуратураро танзим менамоянд, ба асосҳои муайян тасниф мешаванд: аз ҷумла, асосҳое, ки сохтори прокуратура ва асосҳое, ки фаъолияти мақомоти прокуратураро танзим мекунанд, асосҳое, ки дар фаъолияти мақомоти прокуратура татбиқ карда мешаванд. Қобили зикр аст, ки баъзе аз санадҳои ҳуқуқӣ ҳамаи асосҳои ҳуқуқиро фаро мегиранд, масалан, Қонуни конститутсионии ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

Сарфи назар аз мураккабии муайян намудан ва татбиқи асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура, корҳо оид ба такмили заминаи ҳуқуқии мақомоти прокуратура, ба андешаи мо, дар стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ ҳамчун афзалияти бебаҳс сазовори эътироф мебошад.

Аҳамияти махсус ба мақомоти прокуратура муайянӣ ва мукаммалии мазмуни сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии он дар шароити муосир ба омилҳои хусусияти объективӣ ва субъективӣ вобаста аст.

Беҳтар намудани асосҳи ҳуқуқии фаъолияти прокуратура ба раванди фаъолияти ҳуқуқии он дар чунин ҳолатҳо аҳамияти калон дорад:

•фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ҳамчун соҳаи алоҳидаи фаъолияти давлатӣ ва соҳаи донишҳои назариявӣ-илмӣ рушду инкишоф меёбад;

•дараҷаи тайёрии касбии кормандони прокуратура ва амалияи иҷрои вазифаҳои мақомоти прокуратура, ки ба раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат мекунанд, баланд бардошта мешавад;

•норасоӣ ва мухолифатҳо дар танзими ҳуқуқии фаъолияти прокуратура ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ кам карда мешаванд;

•мақоми прокурорҳо ҳамчун субъекти асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ баланд бардошта мешавад;

•таҷдиди қонунгузории амалкунанда ба таъмини танзими дохилии вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура ва прокурорҳо ҳамчун шахсони мансабдори он, мусоидат намуда, номутобиқатии меъёрҳои ҳуқуқии ошкоршуда бартараф карда мешаванд;

•санадҳои меъёрии ҳуқуқии куҳнашуда, меъёрҳои инфиродии онҳо ва ғ. ҳангоми ташаккули асосҳои ҳуқуқӣ дар шароити муосир таҷдиди назар карда мешаванд;

Бояд гуфт, ки дар моддаи 4 Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” вазифаҳои мақомоти прокуратура, аз ҷумла, тафтиши ҷиноятҳо, татбиқи чораҳои пешгирикунандаи ҷинояткорӣ, иштирок дар кори такмил ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, иштирок дар баррасии парвандаҳои судӣ, бартарафзоии мухолифатҳо дар қарор, ҳукм ва ғ. танзим шудаанд. Аммо дар моддаи мазкур бевосита вазифаи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура мустаҳкам нашуда, танҳо дар моддаҳои алоҳидаи он унсурҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дарҷ гардидаанд. Бинобар ин, банди алоҳида ба моддаи

мазкур бо номи “ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ” илова карда шавад.

## 2.2. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура

Қабули санадҳои ҳуқуқӣ марҳилаи алоҳида ва ниҳоӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ маҳсуб меёбад. Санадҳои ҳуқуқӣ ҳуҷҷати расмӣ буда, аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар шакли пешакӣ муқарраргардида бароварда шуда, барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст ва оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба миён меоранд.

Пеш аз таҳлили мафҳум ва моҳияти санадҳои ҳуқуқӣ, бояд қайд кард, ки мафҳуми «санад» ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ дар тафсири фарҳанг шарҳ дода шудааст. «Санад» истилоҳи арабӣ буда, бо забонҳои русӣ ва хориҷӣ ҳамчун «акт» истифода мешавад. «Акт» аз калимаи лотинии «actus» – амал ва «actum» - ҳуҷҷат аст. Санад низ ба ҳамин маъно ҳамчун ҳуҷҷат ва дастур маънидод мегардад.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони русӣ»-и С.И.Ожегов ва Н.Ю.Шведов барои калимаи «акт» се маънӣ дода шудааст: 1. Амал; 2. Қонун, қарори ҳукумат, мақомот ё қарорҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ; 3. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи чизе [126, с. 21]. Чунин тафсирҳои санад дар луғати тафсирии муосири забони русии С.А.Кузнетсов оварда шудаанд [99, с. 16] ва дар луғати калимаҳои хориҷии И.А.Васюков санад ҳамчун “ҳуҷҷате, ки дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мебошад” маънидод мегардад [59, с. 39-40]. Луғатҳои тафсирии забони тоҷикӣ низ мафҳуми “санад”-ро ҳуҷҷат, далели навишта барои исботи даъво ё муддао; бурҳон шарҳ додааст [168, с. 201].

Ҳамзамон, зери мафҳуми санади ҳуқуқӣ ҳуҷҷате дар назар дошта шудааст, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ бароварда шуда, дорои дастурҳои умумии меъёрӣ ё инфиродӣ мебошад.

Санади татбиқи ҳуқуқ – “санади ҳуқуқии мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдори босалоҳият аст, ки вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси ҳаёт,

нисбати шахси муайян, бо мақсади аниқ кардани чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ қабул шудааст” [166, с. 409-410].

Санади ҳуқуқӣ намуди муайяни санад буда, мафҳум ва моҳияти он аз ҷониби олимон шарҳ дода шудааст. Пеш аз баррасии санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура зарур мешуморем, ки мафҳуму моҳияти санади ҳуқуқӣ, таснифи он, инчунин, андеша ва назарияҳои олимонро оид ба масъалаи мазкур таҳлил намоем.

Санади ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати расмие мебошад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқ ё ҳалли масъалаи мушххаси ҳаётӣ ифода меёбад. Мафҳуми «санади ҳуқуқӣ» яке аз мафҳумҳои васеъ паҳнгардида дар назария, илм ва амалияи ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар адабиёти илмӣ санади ҳуқуқӣ ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ дода шуда, андешаҳои мухталиф вобаста ба он мавҷуд мебошад.

С.С. Алексеев санадро дар соҳаи ҳуқуқ ба ду маъно шарҳ додааст: санад ҳамчун амали қонунӣ, аз ҷумла, амали ҳуқуқэҷодкунӣ; санад ҳамчун ҳуҷҷати расмие, ки дар он натиҷаи амалҳои муайян ифода ва муқаррар карда шудаанд [42, с. 12].

Ба андешаи Ю.А. Тихомиров ва И.В. Котелевский, санади ҳуқуқӣ «муҳимтарин унсури низоми падидаҳои ҳуқуқӣ буда, хусусияти батанзимдарорӣ дошта, мақсади таҳия ва татбиқи он ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад» [161, с. 12].

С.Е. Якушев санади “ҳуқуқиро ҳамчун ҳуҷҷати хаттӣ ва расмӣ, ки бо риояи қоидаҳои техникии ҳуҷҷатнигорӣ, забонӣ, истифодаи мафҳумҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, риояи дигар талаботи, ки хоси ҳар як санад мебошад, тартиб дода шудааст ва онҳо муносибати хоси дарозмуддат ё якдафъаинаро дар бар мегиранд, маънидод намудааст” [325, с. 13].

Е.В. Волколупов чунин ақида дорад, ки санади ҳуқуқӣ қарори расмии мақомоти салоҳиятдор бо парвандаи мушаххаси ҳуқуқӣ буда, хусусияти ҳокимиятӣ-давлатӣ дошта, дар шакли муайян бароварда шуда, ба танзими инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст [294, с. 46].

Р.Ф. Василев дар мақолаи санади ҳуқуқиро иродаи субъекти ваколатдори ҳуқуқ ҳисобида, он муносибатҳои ҷамъиятиро бо роҳи муқаррар (тағйир додан, бекор кардан ва қатъи доираи амал) намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин, муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас, ки натиҷаи он дар шакли фармон, муроҷиат, шартнома ва ғ. дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун дар шакли ҳуҷҷатӣ (санад-ҳуҷҷат) сабт карда мешаванд, танзим менамояд [195, 24]. Ҳамин тавр, профессор Р.Ф. Василев, мафҳуми "санади ҳуқуқӣ"-ро ба воситаи чунин мафҳумҳо "амал-истифодаи ирода", "амали иродавӣ", "ҳуҷҷат", "ҳуҷҷати хаттӣ", "ифодаи берунии ирода", "воситаи ифодаи қарор" муайян месозад [195, с. 15].

Ю.С. Салаватова санадҳои ҳуқуқиро манбаи иттилоот ҳисобида, ақида дорад, ки тавассути он одамон дар бораи ҳуқуқ, меъёрҳои он, дастурҳои инфиродӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дониши ибтидоӣ мегиранд. Тамоми фаъолияти ҳуқуқшиносон бо санадҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст: инҳо аз санад, меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин, қарорҳои дар санадҳои инфиродӣ ифодаёфта – ҳукм, таъиноти суд, эътирози прокурор, даъво ва ғ. иборат мебошад [257, с. 112-122].

С.С. Алексеев мафҳуми мухтасари санади ҳуқуқиро дода, онро "ҳамчун ифодаи берунии иродаи давлат ва шахсони воқеӣ мешуморад, ки барои ноил шудан ба натиҷаи муайяни ҳуқуқӣ нигаронида шудааст" [42, с. 7].

Аз нуктаи назари О.В. Шопина бошад, санади ҳуқуқӣ қароре мебошад, ки иродаи субъекти ҳуқукро ифода карда, бо тартиби муқарраршуда ба расмият дароварда мешавад ва он барои ноил шудан ба ҳадафҳои мусбии иҷтимоӣ (танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ) пешбинӣ шуда, боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад [324, с. 10]. Қобили зикр аст, ки дар ҳама таърифҳои додаи муаллифони рус санади ҳуқуқиро мақоми ваколатдори давлатӣ қабул карда, он оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

Олимон ва назариячиёни тоҷик, аз ҷумла, Р.Ш. Шарофзода [282, с. 64-71], И.Ҳ. Бобоҷонзода [189], И.И. Камолзода [89] ва дигарон сарчашма ва санадҳои ҳуқуқиро дар мақола ва рисолаҳои илмиашон таҳқиқ намудаанд.

Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода санадҳои ҳуқуқӣ дар асос ва мувофиқи талаботи ҳуқуқи фитрӣ қабул карда мешаванд; ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро ҳифз карда, кафили асосии ҳуқуқу манфиатҳои инсон мебошанд. Ҳангоми қабули санадҳо мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ манфиатҳои инсонро ба инобат мегиранд, нисбат ба манфиатҳои давлатӣ авлотар будани онҳоро мақсад ва асоси фаъолияти хеш қарор медиҳанд [121, с. 246].

И.И. Камолзода дар таҳқиқоти илмии худ қайд мекунад, ки мафҳуми «санади ҳуқуқӣ» тамоми санадҳои ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои ҳам меъёрӣ ва ҳам ғайримеъёриро дар бар мегирад. Дилхоҳ санади дигар ҳуқуқӣ шуда метавонад ва вале на ҳамаи онҳо меъёрӣ мебошанд. Калимаи «ҳуқуқӣ» санади ҳуқуқӣ-ҳуҷҷатро дар назар дорад, на санад-амал [303, с. 14].

Ҳамин тавр, *санади ҳуқуқӣ ҳуҷҷати ҳуқуқиест, ки дар шакли хаттӣ бо дарназардошти риояи талаботи техникаи ҳуқуқӣ таҳия гардида, дар он қоидаҳо вобаста ба танзими муносибати мушаххаси ҷамъиятӣ муқаррар шуда, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдор қабул карда мешавад.*

Ба масъалаи мушаххас равона гардидани санади ҳуқуқтатбиққунӣ ва дорои меъёрҳои инфиродӣ будани он дар муносибат бо санади меъёрии ҳуқуқӣ масъалаи баҳсӣ буда, бархе аз олимон, ақидаи танзими муносибатҳои умумии ҷамъиятиро ба санади меъёрии ҳуқуқӣ хос медонанд. Чунончӣ, В.А. Юсупов, Ф.А. Григорев, А.Д. Черкасев, Н.И. Матузов, Р.Ш. Шарофзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода ва дигарон дар санади ҳуқуқтатбиққунӣ хусусияти инфиродӣ, танзими масъалаҳои мушаххас ва маҳдудро хос медонанд.

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ намуди санадҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дар радифи таснифбандии он қарор гирифтааст.

Дар асоси таснифбандии муаллифон санади ҳуқуқӣ ба намудҳои гуногун ҷудо мешаванд. Аз ҷумла, санади ҳуқуқӣ мафҳуми умумиест, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, созишномаҳои меъёрӣ, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, санадҳои тафсирӣ, санадҳои амалигардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро дар бар гирифта,

мавҷудияти далел, ҳолат, шароитҳоро баён ва тасдиқ мекунанд ва боиси оқибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ мегарданд [257, с. 113].

Ҳамчунин, санадҳои ҳуқуқӣ бо асосҳои гуногун, аз ҷумла, аз рӯи қувваи ҳуқуқӣ, соҳаи амал, шакл, мазмун ва ғ. тасниф карда мешаванд [325, с. 13-14].

Ҳар як намуди санадҳои ҳуқуқӣ дар назарияи ҳуқуқ ва амалияи он аҳамияти калон доранд. Тавассути онҳо муносибати муҳими ҷамъиятӣ ба танзим дароварда шуда, ҳамчунин, масъалаи муайяни ҳуқуқӣ баррасӣ ва роҳи ҳалли худро меёбад.

Дар баробари санадҳои зикршуда, инчунин, санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ дар амалияи ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ бароварда мешаванд. Чунин санадҳоро дар адабиёти ҳуқуқӣ санадҳои ғайримеъёрӣ меноманд, ки ба масъалаҳои ташкилӣ алоқаманд мебошанд [138, с. 60]. Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ натиҷаи мушаххаси фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ буда, хусусият, имконият, инчунин, вақт ва макони рафтори ҳуқуқии субъектҳоро пурра равшан, дар баробари ин, роҳҳои расидан ба ҳадафи онро муайян мекунанд.

Санади ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура функсияи танзимнамоӣ, амалигардонии ҳуқуқ, ҳимоякунӣ, иттилоотӣ ва ғ.ро иҷро менамояд.

Назарияшинос В.Д. Перевалов чунин андеша доранд, ки санади татбиқи ҳуқуқ ҳамчун «санади ҳуқуқии мақоми салоҳиятдор ё шахси мансабдор, ки дар асоси далел ва меъёрҳои ҳуқуқӣ бароварда шуда, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ё чораи ҷавобгарии ҳуқуқии шахсони мушаххасро муайян мекунад» мебошад [130, с. 326].

И.В. Волколупов ақида дорад, ки “санади ҳуқуқтатбиқкунӣ қарори расмии мақомоти салоҳиятдор оид ба парвандаи мушаххаси ҳуқуқӣ буда, хусусияти ҳокимиятӣ-давлатӣ дошта, дар шакли муайян ифода ёфта, ба танзими инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст” [294, с. 46].

И.А. Миннекес “ба ин назар аст, ки санади ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки як намуди санади ҳуқуқии фардӣ мебошад, дар механизми танзими ҳуқуқӣ дастурҳои

меъёриро дар робита ба ҳолат ва субъектҳои мушаххас дар амал таъмин менамояд” [309].

Ҷойи асосиро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ қарори идоравӣ – санади ҳокимиятии фардӣ ташкил медиҳад, ки дар хаттӣ ба шахси муайян ё масъалаи мушаххас равона мегардад [137, с. 175].

Санади ҳуқуқтатбиққунӣ бо риояи як қатор талабот таҳия ва қабул карда мешавад. Ҳангоми қабули чунин санадҳо принсипҳои касбият, фарҳанги таҳия ва иҷрои санад, забон ва услуби баёни он аҳамият доранд. Нақши асосии онро техникаи ҳуқуқӣ, яъне низоми қоидаҳое, ки барои ташаккули маводи ҳуқуқӣ истифода мешаванд, иҷро менамояд [78, с. 9].

Ш.М. Исмоилов, Р.Ш. Шарофзода чунин талаботи санадҳои татбиқи ҳуқукро пешниҳод кардаанд [121, с. 246]:

1. Асоснокии санадҳо. Санади татбиқи ҳуқуқ бояд ба ҳолатҳои воқеии саҳеҳ асос ёбад. Онҳо бояд бо далелҳои кофӣ исбот шуда бошанд. Истифодаи ҳолатҳои сохташуда (ҷойнадошта), далелҳои дар қонунҳо пешбинӣ нашуда мумкин нест.

2. Қонунӣ будани санад. Санади татбиқи ҳуқуқ бояд дар доираи салоҳияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор бо риояи шакли расмии ифодаи он қабул гардад. Далелҳо тавассути риояи меъёрҳои мурофиавӣ ҷамъ шаванд. Меъёри ҳуқуқ бояд дуруст интихоб гардида, асоси ҳуқуқии ҳалли кор бошад. Санади ҳуқуқтатбиққунӣ бояд бо риояи меъёрҳои дахлдор қабул шавад (мисол, ҳукми суд дастҷамъӣ, қарори суд ба таври танҳо қабул мешаванд).

3. Мувофиқи мақсад будани санад. Дар баробари қонунӣ будан, санади ҳуқуқтатбиққунӣ дар асоси риояи принсипи адолат, бо дарназардошти вазъи молумулкии тарафайн, дараҷаи кирдори содиршуда ва гуноҳ, ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷавобгарӣ қабул мешавад.

И.Ҳ. Бобоҷонзода андеша дорад, ки “санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун як намуди санадҳои ҳуқуқии инфиродӣ (тамоми низоми ин санадҳо) дар механизми танзими ҳуқуқӣ нақши ниҳоят муҳимро ишғол мекунад, зеро онҳо эътибори мушаххас кардани дастурҳои меъёриро нисбат ба ҳолатҳо ва

субъектҳои мушаххас таъмин менамоянд. Бо вуҷуди ин ҳолат, масъалаи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамоно камтаҳқиқ боқӣ мемонад".

Дар таҳқиқоти худ В.А. Юсупова оид ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти идоракунӣ чунин қайд кардааст, ки санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз рӯи хусусиятҳои зерин фарқ мекунанд:

- санади меъёрии ҳуқуқӣ характери умумӣ дошта, намуди муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд, барои бисёр шахсон то бекор карда шудани он эътибор дорад. Санади ҳуқуқтатбиққунӣ инфиродӣ буда, муносибати иҷтимоии мушаххасро ба тартиб медарорад, ба шахси муайян тааллуқ дорад, таъсири он ба як шахс мушаххас паҳн мешавад;

- санади меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ё бекор мекунад, асоси умумии меъёрии танзими ҳуқуқӣ мебошад. Аммо санади ҳуқуқтатбиққунӣ инро амалӣ карда наметавонад. Он "дастурҳои умумии санади меъёриро дар ҳаёт татбиқ мекунад, ки ҳамчун воситаи зарурии таҳвили қоидаҳои умумиҳатмӣ дар соҳаи мушаххаси ҳаётӣ ва дар муносибат бо одамони мушаххас баромад мекунанд" [173, 100].

Ба андешаи дигар муаллифон, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ бо хусусиятҳои зер аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунанд: онҳо қарори мақомоти ваколатдор оид ба масъалаи мушаххас мебошанд, ки давлат барои амалигардонии ҳуқуқ ва соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсис додааст; санади ҳуқуқтатбиққунӣ дорои ифодаи давлатӣ-ҳокимиятӣ буда, риоя ва иҷрои он аз тарафи ҳамаи шахсоне, ки ба онҳо муроҷиат шудааст, ҳатмӣ мебошад; шакли санади татбиқи ҳуқуқ, ки қонун муқаррар кардааст; санади ҳуқуқтатбиққунӣ ба танзими инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст [73, с. 460].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, муаллифон, аз ҷумла, профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода, аломатҳои ба ҳама санадҳои ҳуқуқии инфиродӣ хосро ҷудо мекунанд, аз ҷумла:

-"онҳо дар худ меъёрҳои ҳуқуқро дар бар намегиранд, барои танзими ҳуқуқии инфиродӣ пешбинӣ шуда, ба ҳалли ҳолатҳои мушаххас равона гардидаанд;

-ба субъектҳои мушаххас муайяншуда равона шудаанд;

-бо кумаки онҳо бо таври инфиродӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ муқаррар, тағйир ё қатъ гардида, онҳо дорои ифодаи равшани хислати иродавӣ мебошанд” [189, с. 56].

“Дар илми ҳуқуқшиносӣ санадҳои татбиқи ҳуқуқро дар шакли умумӣ як навъи мустақили санадҳои ҳуқуқӣ медонанд, ки санади расмӣ мебошанд ва аз ҷониби мақомоти дахлдори ваколатдор ё мансабдор дар ҳар ҳолат нисбати субъекти муайян (субъектҳо) дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор қабул карда мешаванд. Хусусиятҳои онҳо дар ҳолатҳои зерин ифода меёбад:

- ба таври инфиродӣ муайян карда мешаванд, яъне нисбат ба шахсони мушаххасе, ки онҳоро бо исмашон метавон ном бурд, ишора мекунад, дар тафовут аз санадҳои меъёрие, ки беноманд (барои гуруҳи номуайяни шахсон) пешбинӣ шудаанд;

- хусусияти ҳатмии ҳокимиятиро барои иҷро доранд, зеро онҳо аз номи давлат ё бо ризоияти он аз субъектҳои ғайридавлатӣ, ки (ваколат вогузор шудааст) салоҳият мегиранд ва барои риоя накардани чунин талабот ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда метавонад;

- дар худ меъёрҳои ҳуқуқро дар бар намегиранд, бинобар ин онҳо сарчашма ва шакли манбаи ҳуқуқ шуда наметавонанд;

- мақсади онҳо эҷод кардани меъёри ҳуқуқ набуда, балки татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқ мебошад;

- танзими маҳдуди ҳуқуқиро ба амал мебарорад, дастурҳои умумиро мушаххас мекунад;

- ҳамчун ҳолатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд (яъне онҳо муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқиро байни шахсоне, ки меъёрро татбиқ мекунанд ва ба онҳое, ки равона карда шудааст, ба вуҷуд меоранд);

- чун қоида, бо як татбиқкунӣ ба итмом мерасад, ба ҳолатҳои дигар ва дигар субъектҳо татбиқ намегардад;

- бо маҷбурии давлатӣ таъмин карда мешаванд.

Талаботи асосӣ ба санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайян қабул мешаванд ва шартҳои дарҷгардидаро қатъиян риоя мекунанд; дар доираи салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ваколатдор ё шахсони мансабдор содир мешаванд; тавсифи амиқ ва мукаммали кор ё парвандаи додашударо дарбар мегиранд" [74, с. 34-41].

Ба андешаи мо низ санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки фарқияти онро аз дигар намуди санадҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад. Дар қатори хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ дарҷ кардан мумкин аст, ки онҳо санадҳои фардӣ буда, ба субъектони мушаххаси ҳуқуқӣ дахл дошта, бо мақсади татбиқ намудани ҳуқуқ равона мегарданд. Чун дигар намуди санадҳои ҳуқуқӣ, бо онҳо барои амалӣ нагардидани санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Р.Ш. Шарофзода чунин андеша дорад, ки дар сатҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тафовути аниқи санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. "Айни замон имконияти қабули санадҳои ҳуқуқии омехта, ки хусусиятҳои санадҳои меъёрӣ ва татбиқи ҳуқуқро (фардиро) доранд, вуҷуд дорад. Чунончӣ, дар як қатор ҳолатҳо санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар заминаи меъёрҳои қонун қабул шуда, хусусияти фардӣ доранд, ҳамзамон бо ин, ба доираи васеи шаҳрвандон паҳн мешаванд. Ба андешаи аксарияти олимон, ҷудо намудани санадҳои ҳуқуқии омехта аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ асоси воқеӣ надорад, санади меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои фардиро дар бар гирифта наметавонад, дар санади татбиқи ҳуқуқ пешбинӣ намудани меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ мумкин нест" [282, с. 64-71].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои олимон вобаста ба мафҳуму моҳият ва аломатҳои санади ҳуқуқтатбиқкунӣ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки *санади ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳуҷҷати дар шакли хаттӣ тартибдодашудаи мақомоти ваколатдор мебошад, ки барои муайян кардани ҳолатҳои воқеии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқ қабул мешавад. Ба маънои дигар, санади ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буда, дорои муқаррароти мақоми*

*ваколатдор (шахси мансабдор) доир ба натиҷаи ҳалли масъалаи мушаххас мебошад, ки бо мавҷудияти далел (ҳолат)-и ҳуқуқӣ ба қувваи амал даромадааст.*

Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ аз санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ бо он фарқ мекунад, ки онҳо асосан аз ҷониби субъекти ваколатдор қабул гардида, дорои муқаррароти фардии мушаххас буда, бо далелҳои хоси ҳуқуқӣ асос ёфтаанд. Чунин санадҳо моҳияти якдафъинаи татбиқ ва ҳалли мушаххас вобаста ба факти ҳуқуқӣ доранд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бошанд, аз номи мақомоти ҳокимияти давлатӣ қабул гардида, дорои муқаррароти хусусияти умумӣ мебошанд. Онҳо ба танзими намудҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардида, ба ҳама шаҳрвандон тааллуқ дошта, дар як вақт, барои татбиқи чанддафъа нигаронида шудаанд.

Ба назари мо, низ яке аз фарқиятҳои асосии байни санади ҳуқуқтатбиқкунӣ ва санади меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти инфиродӣ, доираи иштирокчиён, ҳаҷми маҳдуди масъала ва муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда метавонад, ки нишонаҳои хоси санади ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошанд.

Алоқамандии санади татбиқи ҳуқуқ ва санади меъёрии ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳарду санади расмӣ буда, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул мешаванд.

Дар баробари хусусиятҳои фарққунанда, санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ вазифаҳои мушаххасро иҷро мекунанд. Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ вазифаҳои таъминотӣ-ташкилӣ ва назоратӣ-давлатӣ дошта, ба татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқ ва танзими инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидаанд. Дар мавриди меъёрҳои ҳуқуқ ин маънои мушаххас кардани мазмун, асос, тартиб ва ҳудуди татбиқи онҳо, фардикунонии дигар фактҳои ҳуқуқиро дорад, ки бо татбиқи минбаъдаи онҳо алоқаманд мебошанд. Чуноне, ки Н.В. Витрук қайд менамояд, “баъди қабули санади татбиқи ҳуқуқ амалигардонии меъёри ҳуқуқ дар шакли иҷро, риояи санади татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ё шахси мансабдор баровардашуда идома меёбад. Пас аз қабули санади татбиқи қонун амали гаштани волоияти қонун дар шакли иҷро, риояи санади татбиқи

қонун аз ҷониби мақоми ваколатдор ё шахси мансабдор баровардашуда идома меёбад” [62, с. 344-345].

Иҷро нагардидани санади татбиқи ҳуқуқ бо чораҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба мақомоти ваколатдор ва аҳамияти масъалаҳои баррасишаванда дар шаклу намудҳои гуногун қабул мешаванд.

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ дорои хусусияти қувваи ҳокимиятӣ ва оқибатҳои ҳуқуқӣ буда, даст кашидан аз иҷро ё иҷрои номатлуби он боиси ҷавобгарӣ мегардад. Аз рӯи аҳамияти ҳуқуқӣ санадҳои татбиқи ҳуқуқро ба асосӣ ва ёрирасон тақсим кардан мумкин аст. Санадҳои асосӣ қарори пурраи парвандаи ҳуқуқӣ доранд. Санадҳои ёрирасон санадҳое ҳисобида мешаванд, ки дорои дастурҳои омодакунандаи санадҳои асосӣ (дархости ҳуҷҷатҳо, тартиб додани протокол ва ғ.) мебошанд. Вобаста ба муҳлати амал санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ба санадҳои амали якдафъаина (ҷарима кардан) ва давомнок (қарор дар бораи додани иҷозатнома) тақсим мешаванд [137, с. 182-183].

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба муносибати ҷамъиятӣ ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, таснифоти онҳоро бо асосҳои зерин ба намудҳо метавон анҷом дод:

- аз рӯи предмети танзими ҳуқуқӣ: конститутсионию ҳуқуқӣ (амр, фармон, қарор), маъмурию ҳуқуқӣ (фармон, супориш, иҷозатнома) маданӣ-ҳуқуқӣ (ваколатнома), ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқтатбиққунии моддию мурофиавӣ (ҳалнома, ҳукм);

- аз рӯи субъекти ҳуқуқтатбиққунӣ: санадҳои мақомоти давлатӣ, санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии давлатӣ, санадҳои мақомоти судӣ ва прокуратура, санадҳои мақомоти назоратӣ, санадҳои дастаҷамъона ва ягона (амр, фармон, қарор, пешниҳод, эътироз, дастур, супориш, ҳукм, ҳалнома ва ғ.);

- аз рӯи шакли ифодаи беруна: ба санадҳои шифоҳӣ ва санадҳои хаттӣ;

- вобаста ба мазмуни муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки нисбат ба онҳо татбиқ мешаванд: санадҳои танзимкунанда ва санадҳои амалигардонии ҳуқуқӣ;

- аз рӯи аҳамияти ҳуқуқиашон: асосӣ ва ёрирасон;

- аз рӯи муҳлати амал онҳо ба санадҳои доимӣ ва муваққатӣ ҷудо мешаванд.

Муаллифони ватанӣ таснифи худро дар мавриди намудҳои санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла, ба андешаи Ш.М. Исмоилов, Р.Ш. Шарофзода санадҳои татбиқи ҳуқуқ намудҳои гуногун доранд [121, с. 229]:

1. Вобаста ба субъектони қабул ба санадҳои мақомоти олии қонунгузор, Президент, Ҳукумат, вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллӣ, маъмурияти корхонаву муассиса, суд, прокуратура, нотариат ҷудо мешаванд.

2. Аз рӯи тарзи қабул ба санадҳои дастҷамъӣ ва танҳо тақсим мешаванд. Масалан, ҳукми суд ба тарзи дастҷамъӣ, фармони сардори корхона танҳо қабул мешаванд.

3. Аз нигоҳи мушаххасгардонии унсурҳои меъёрҳо: а) танзимсозанда (бо мақсади татбиқи диспозитсияҳо ва аниқ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳо) ва б) ҳифзкунанда (бо мақсади татбиқи санксияҳо ва истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ) мешаванд.

И.Ҳ. Бобоҷонзода, инчунин, санадҳои корпоративиро дохил намуда қайд менамояд, ки ба ин намуд санадҳо диққати махсус додан лозим аст. Санадҳои ҳуқуқии инфиродӣ дар корпоративҳо нисбат ба як гуруҳи санадҳои меъёрие табдил ёфтаанд, ки гуруҳи калони ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Онҳо хусусияти баланди ҳуқуқтатбиқкунӣ доранд.

Дар амал, ба гуфтаи Н.И. Матузов санадҳои ҳуқуқтатбиққуниро аксар вақт намудҳои гуногуни «ҳуҷҷатҳои расмӣ» меноманд: маълумотнома, расид, ҳисобнома-фактура, ваколатномаҳо, ба ҳамин монанд ҳуҷҷатҳое, ки ҳамчун воситаи воқеии ҳамкории байни шаҳрвандон, ташкилотҳо, инчунин байни якдигар истифода мегардад .

Бо дар назардошти зиёд шудани шумораи субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият ва шаклҳои

ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқии ҷамъиятӣ шумораи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ низ зиёд шудааст.

Фаъолияти прокурор ба риояи дақиқ ва таъмини иҷрои қонунҳо нигаронида шудааст. Қарорҳои прокурор тавассути санадҳои ҳуқуқии қабулкардаи ӯ амалӣ мегарданд. Мақомоти прокуратура барои амалигардонии фаъолияти худ ва ҳалли муносибатҳои мушаххас санадҳои муайянро қабул менамояд. Санадҳои мақомоти прокуратура дар асоси Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои ҷорӣ ва дигар санадҳои зерқонунӣ қабул карда мешаванд.

Дар таҳқиқоти олимон санадҳои ҳуқуқии мақомоти прокуратура мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ба андешаи Ф.Ф. Галиев, санадҳои прокурорӣ воситаҳои мушаххаси ҳуқуқие мебошанд, ки қонун муқаррар карда, аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти прокуратура дар ҷараёни амалисозии ваколатҳои назоратӣ ва ғайриназоратӣ истифода мешаванд [199, с. 76-80]. Аз ин ҷо бармеояд, ки санадҳои прокурориро танҳо шахсони мансабдори мақомоти прокуратура ҳуқуқи қабул намудан дошта, онҳо дар раванди фаъолият дар доираи ваколатҳои бо қонун муқarraргардида мавриди татбиқ қарор мегиранд.

Санадҳои ҳуқуқии прокурор ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти тобеиятие мебошанд, ки бо қонун танзим ва дар шакли муайян тартиб дода шудаанд [138, с. 198]. Хусусияти тобеиятии чунин санадҳо маънои онро дорад, ки аз рӯи низоми мартабавии шахсони мансабдори мақомоти прокуратура қабул шуда, аз сатҳи поёнӣ ба зинаи болоӣ тобеият доранд.

С.Е. Якушева санадҳои ҳуқуқии мақомоти прокуратураро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, санадҳои тафсир, санадҳои шартномавӣ ва санадҳое, ки ба амалигардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо равона гардидаанд, ҷудо кардааст [325, с. 13-14].

Дар асоси таснифбандиҳои гуногун мақомоти прокуратура санадҳои мухталифро қабул ва татбиқ менамояд. Вобаста ба табиати ҳуқуқӣ санадҳои ҳуқуқии прокуратура ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (амру фармон), санадҳои

ҳуқуқтатбиққунӣ (амр, эътироз, қарор, пешниҳод ва ғ.), санадҳои тафсиркунанда (шарҳдиҳанда) ва санадҳои шартномавӣ ҷудо мешаванд. Шарҳи пурра чунин намудҳои санадҳо дар боло зикр шуда, дар доираи мавзӯи таҳқиқотӣ санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура таҳлил барррасӣ мегарданд.

Дар таҳқиқоти мазкур танҳои ба санадҳои ҳуқуқтатабиққуии мақомоти прокуратура диққат равона мегардад. Зеро мақомоти прокуратура фаъолияти ҳуқуқии худро бо роҳи қабули санадҳои гуногуни ҳуқуқтатбиққунӣ ба роҳ мемонад.

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура санадҳои ҳуқуқие мебошанд, ки “аз ҷониби роҳбарият, шахсони мансабдори мақомоти прокуратура ва зерсохторҳои он дар доираи ваколатҳои онҳо оид ба ташкили кор, иҷрои вазифаҳо ва тақсимоти ухдадориҳо қабул шуда, дорои хусусияту нишондодҳои фардӣ ва ҳатмӣ иҷрошаванда аз ҷониби шахсоне мебошанд, ки ба унвонии онҳо ин санадҳо ирсол шудааст” [325, с. 19].

"Ба назари мо, хусусияти санади ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар инҳо зоҳир мегардад:

а) “он санади мақомоти давлатӣ – прокуратура мебошад, ки ваколати татбиқи ҳуқукро дар соҳаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад;

б) мавҷудияти қарорҳои давлатӣ дар санади татбиқи ҳуқуқ, ки иҷрои онҳо ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ҳатмӣ буда, ҷиҳати ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо бо қувваи давлатӣ ҳифз карда мешаванд;

в) санади ҳуқуқтатбиққунӣ шакли муайян дорад;

г) мақсади чунин санадҳо танзими инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ба ҳолати мушаххас вобаста аст.

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура бо асосҳои зерин таснифбандӣ мешаванд:

1) аз рӯи субъектҳо, мақомоти содиркунандаи он, метавон онҳоро ба прокурорҳо (сатҳҳои гуногун) ва дигар кормандони фаврии мақомоти прокуратура (ёрдамчиёни прокурор ва муфаттишон) ҷудо кард;

2) аз рӯи амал– якдафаъина ва доимоамалкунанда;

3) аз рӯи раванди қабул - коллективӣ ва ягона;

4) аз рӯи таъиноти вазифавӣ: а) ҳамчун воситаи танзими инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ; б) санадҳои таъминкунандаи ҳуқуқӣ, ки метавонанд, санадҳои назоратии прокурориро дар бар гирифта, иҷрои муносибат ва иҷрои меъёрии ҳуқуқии мушаххасро таъмин намоянд” [324, с. 120-121].

Санади ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура натиҷаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии онро нишон медиҳад, ки вобаста ба парвандаи мушаххас баррасӣ шуда ва ба шахсони муайян равона мегарданд. Шаклҳои санадҳои ҳуқуқӣ, ки шахсони мансабдори прокуратура қабул мекунанд, дар қонун муқаррар гардидаанд.

Дар маҷмуъ, санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ба самтҳои гуногун, аз ҷумла, ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо равона гардидаанд. Санадҳои ҳуқуқтатбиққуние, ки аз ҷониби прокурорҳо қабул мешаванд, ба ду шакл – умумӣ ва махсус тансниф карда мешаванд.

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ шакли санади ҳуқуқӣ буда, аз ҷониби шахсони мансабдор дар асоси факти ҳуқуқӣ қабул шуда, дорои хусусияти императивӣ мебошад ва ба ашхоси алоҳида, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва меъёрҳои манъкунандаро ба вуҷуд меорад [264, с. 18-20]. Мақомоти прокуратура низ дар фаъолияти худ ба монанди дигар мақомоти давлатӣ санадҳои ҳуқуқтатбиққуниро содир менамояд.

Санадҳои умумии прокурорӣ, дар соҳаи назорати прокурорӣ ва тафтиши ҷиноятҳо татбиқ карда мешаванд. Дар низоми фаъолияти мурофиавӣ қарор яке аз ҷойҳои калидиро ишғол карда, он ҳамчун санади эътинонии прокурориро дар муносибат бо субъекти ҳуқуқ барои амалгардонии фаъолияти қонунии онҳо маҳсуб мегардад [39, с. 39]. Ба санадҳои умумӣ, санадҳои эътинонӣ дохил мешаванд, ки дар раванди назорати прокурорӣ қабул мегарданд.

Санадҳои назоратиро инчунин санадҳои эътиноии прокурорӣ ё санадҳои инфиродӣ низ меноманд. Онҳо санадҳои мушаххасе мебошанд, ки ҳангоми

қонунвайронкунӣ қабул шуда, танҳо аз ҷониби прокурор ҳангоми иҷрои ваколатҳояш ба амал бароварда мешаванд. Санадҳои назоратӣ ба мақомот ва шахсони мансабдор вобаста ба ҳолатҳои мушаххас (вайронкунии қонун) фиристода мешаванд.

Байни санадҳои назоратӣ ва санадҳои эътиноӣ то ҳол шарҳи пурра вуҷуд надорад. Ю.Е. Винокуров санадҳои назорати прокурориро санадҳои махсуси ҳуқуқӣ меҳисобад, ки аз ҷониби прокурор барои амалигардонии ваколатҳои худ қабул карда мешавад [141].

В.Г. Бессарабов санади назорати прокурориро ҳамчун воситаи меъёри ҳуқуқии вокуниши прокурор ба вайронкуниҳои қонун, ки дар шаклҳои пешбининамудаи қонун ҳангоми амалисозии ваколатҳо ошкор, бартараф ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо истифода мешавад, мефаҳмад [49, с. 206].

А.В. Боретский ва В.В. Долежан санадҳои назорати прокурориро ҳамчун амали прокурор ҳангоми амалигардонии ваколатҳои худ, аз ҷумла, дар татбиқи «назорати умумӣ» ва ҳуҷҷатҳои марбут ба татбиқи ваколатҳои назоратӣ мешуморад [54, с. 5]. Ҳамин тариқ, ба назари мо санадҳои эътиноӣ санадҳои назорати прокурорӣ буда, предмет ва мақсадҳои ягона дошта, ба санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура мансуб мебошанд.

Санадҳои эътиноӣ ҳамчун ҷузъи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура аз ҷониби олимон шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Ба андешаи Ю.А. Авагимова санади эътиноии прокурорӣ ифодаи хаттии ваколатҳои прокурор, воситаи ҳуҷҷатии эътиноии прокурорӣ мебошад. Санади эътиноии прокурор дорои хусусияти сирф моддӣ буда, салоҳияти прокурорро дар рӯи коғаз таҷассум мекунад ва онро ба забони давлатӣ нашр мекунад. Дар санади эътиноии прокурор маълумот дар бораи сана ва ҷои таҳияи он, субъекти ин санад, ба ҷониби кӣ пешниҳод шудааст, моҳияти вайронкунии қонун, маълумот дар бораи амалҳое, ки субъекти санади эътиноии прокурор бояд ба ҷавобгарӣ кашида шавад, дар бар мегирад. Санади эътиноии прокурор наметавонад шифоҳӣ бошад, зеро он моҳиятан таҷдиди моддии ваколатҳои прокурор мебошад [176, с. 65]. Дар адабиёти махсус санади эътиноии прокурорӣ ҳамчун

воситаи мушаххаси ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонун фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби шахсони мансабдори макомоти прокуратураи дар қонун зикршуда ҳангоми амалисозии ваколатҳои назоратӣ ва ғайриназоратӣ истифода мешаванд [298, с. 118], инчунин, шакли берунии амалисозии ваколатхо оид ба ошкор намудани вайронкуниҳои қонун, сабаб ва шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда [49, с. 206-207]. Санадҳои эътиноӣ қарори ягона аз ҷониби корманди ваколатдори мақомоти прокуратура қабул шуда, дар он талаби иҷрои ҳатмӣ, ба мақомоте, ки пешниҳод шудааст, дарҷ мегардад. Чунин навъи санад хусусияти инфиродӣ дошта, ба шахси мушаххас, ки қонунвайронкуниро содир кардааст, нигаронида шудааст.

Санади эътиноии прокурориро баъзан санади вокуниши прокурорӣ меноманд, зеро он санади татбиқи ҳуқуқ мебошад, ба меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқ асос ёфта, қоидаҳои навро ба миён намеорад. Мақсади қабули ин санад барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо равона шудааст. Он бояд ба қонун асос ёфта, далелнок ва мувофиқ бошад. Чунин намуди санадҳо сохтори муайян дошта, ба мисли ҳама гуна ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, қисмҳои муқаддимавӣ, тавсифӣ, ҳавасмандкунӣ ва амалиро дар бар мегирад.

Санадҳои назорати прокурорӣ мақомот ва дигар шахси мансабдорро вазифадор мекунанд, ки ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҷавоб гардонад, онро баррасӣ карда, чораҳои зарурӣ андешад ва ба прокуроре, ки онро татбиқ кардааст, хабар диҳанд. Дуруст тартиб додани санадҳои назорати прокурорӣ, дар онҳо муайян ва пурра ифода намудани ваколатҳои прокурорҳо, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд ва талаботҳое, ки ба онҳо асос ёфтаанд, шарти ҳатмии асоснокии назорат аз болои иҷрои қонунҳо мебошад.

Ҳамагуна санади ҳуқуқии прокурор, бояд ба Конститутсия, қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои зерқонунӣ мувофиқат дошта бошад. Дар асоси банди якуми моддаи 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикитон муқаррар гардидааст, ки «... Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд» [1, с. 7]. Тибқи қонун

санадҳои мақомоти [11, с. 12] Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатиро анҷом медиҳад. Дар ин ҷо қобили қайд аст, ки мақомоти прокуратура тамоми санадҳои ҳуқуқиии аз ҷониби доираи гуногуни субъектон қабул шудааст, назорат карда, санадҳои ғайриқонуниро бекор мекунад. Аммо Суди конститутсионӣ дар навбати худ, мухолифати онҳоро ба муқаррароти Конститутсия назорат мекунад.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти прокуратура вазифаи назорат аз риояи Конститутсия ва қонунҳо дода шудааст. Назорати прокурории риояи Конститутсия ва қонунҳо хусусияти пешгирикунандаи содиршавии вайронкуниҳои меъёрҳои қонунгузорӣ мебошад. Аммо назорати судии конститутсионӣ аллакай марҳилаи татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ барои вайронкуниҳои меъёрҳои Конститутсия ба ҳисоб меравад.

Санадҳои ҳуқуқӣ, ки доираи шахсони мансабдор ва роҳбарони мақомот қабул мекунанд, объекти назорати прокурорӣ ва санадҳои байнидоравӣ (якҷоя) мебошанд [326, с. 15].

Санадҳои эътинoии прокурор дар қонунгузорӣ низ мустаҳкам гардидаанд. Мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» санади эътинoии прокурорӣ – ин воситаи дар қонун пешбинишудаи татбиқи ваколатҳои прокурор ҷиҳати бартараф намудан ва пешгирӣ кардани қонунвайронкунӣ мебошад.

Санадҳои эътинoии мақомоти прокуратура дар самт ва соҳаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, назорати прокурорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо равона мегардад. Чунончӣ, дар асоси моддаи 36 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор дар сурати ошкор намудани қонунвайронкунӣ ҳангоми баррасии парванда (мавод) оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ваколати бартараф намудани онро дорад, ки он тавассути санадҳои прокурорӣ амалӣ карда мешавад [4]. Аз рӯи нишондои мазкур бо санади прокурорӣ қонунвайронкуниҳои ошкоргардида бартараф

шуда, ҷиҳати роҳ надодани ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар оянда таъсир мерасонад.

Тибқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» “мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи ваколатҳои худ уҳдадор аст, ки супоришҳои хаттии мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва қарори судро (судяро) оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятие, ки дар пешбурди онҳо қарор доранд, иҷро намояд” [16]. Сари вақт таҳияву пешниҳоди санадҳои эътиноии прокурорӣ ва таъмини назорати иҷрои он гарави фаъолияти муназзами прокурорӣ ҷиҳати амалӣ намудани назорати иҷрои қонунҳо дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шумор меравад.

Тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои прокурор дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ (моддаи 150) ва ҳангоми анҷом додани таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ (моддаҳои 158 ва 168), аз ҷумла, додани дастурҳои хаттӣ ба таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ ва муфаттиш дар хусуси иҷрои талаботи қонун ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва бо дастур дар хусуси пешбурди тафтиши иловагӣ ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар шудааст [3]. Прокурор ваколатҳои худро бо ирсоли пешниҳод, додани супоришу дастурҳо, талаби хаттӣ, баровардани қарор ва додани розигӣ ба ин ё он амал ё қарор амалӣ менамояд. Супоришу дастурҳои прокурор яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ҳангоми пешбурди тафтишот ба шумор меравад. Супориш ва ё дастур дар шакли хаттӣ қабул шуда, дар он метавонад масъалаҳои гуногун, аз қабили анҷом додани амалҳои тафтишотии зарурӣ, интихоб кардани чораи пешгирӣ, бандубасти ҷиноят, андозаи айбдорӣ, ирсоли парванда ба суд ва ё қатъ намудани он гузошта шавад [144, с. 210].

Уҳдадории шахсе, ки ба ӯ санади ҷавобии прокурор фиристода шудааст, аз он иборат аст, ки дар муҳлати муқарраргардида ба прокурор оид ба натиҷаҳои баррасии санад ҷавоб фиристад. Аз ин рӯ, “хусусиятҳои асосии ҳар як санади вокуниши прокурор, ки таъсирнокӣ ва самаранокии таъсири онро таъмин

менамоянд, асоснокӣ ва боварибахшӣ, қонуният, риояи принсипҳо ва талабкунӣ мебошанд” [199, с. 76-80].

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» чор намуди санадҳои прокурориро пешбинӣ кардааст: эътироз, пешниҳод, қарор ва амр. Қобили зикр аст, ки эътироз дар амалияи низомҳои ҳуқуқии кишварҳои дигар бо номи «протест» (аз калимаи лотинии «protestor» гирифта шуда, мазмуни талаб, изҳорот ва исботкуниро ифода мекунад) [52, с. 989; 53, с. 563] истифода шуда, «эътироз» ба маънои маъмулӣ – эътирози шадид ба чизе ё изҳори мухолифат бо баъзе қарорҳоро баён мекунад [126, с. 624]. Бояд гуфт, ки зимни эътироз иҷрои ҳуқуқ талаб шуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо ё мухолифатҳо чораҳо андешида мешаванд.

Ба андешаи Н.В. Мелников дар овардани эътироз ба прокурор барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ваколатҳои махсус дода шудааст. «Татбиқи вазифаи ҳимояи ҳуқуқи инсон ба ваколатҳои давлатии мақомоти прокуратура, ки дар санадҳои вокуниши прокурор ифода ёфтааст, асос меёбад» [308, с. 226-227].

Эътироз санади татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки ғайриқонунӣ ва зиддиҳуқуқии санади ҳуқуқии баровардаи мақомоти таҳти назорати прокуратура ва шахсони мансабдори онҳоро асоснок менамояд. Прокурор бо эътироз ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба қонун мухолифат мекунанд, ҳуқуқвайронкуниҳои дар санад бударо бартараф намуда, оқибатҳои эҳтимолии манфии татбиқи ин санад, инчунин сабабу шароитҳоеро, ки ба ин ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат мекунанд, пешгирӣ мекунад [136, с. 40].

Эътироз санади ҳуқуқие мебошад, ки дар шакли он прокурор оид ба вайронкунии қонун талаби асосноки қонунӣ пешниҳод намуда, дар баровардани санади ҳуқуқии ғайриқонунӣ аз ҷониби мақоми дахлдор ё шахси мансабдор ифодаёфта, барқарор намудани ҳуқуқи вайроншударо талаб мекунад. Эътироз ҳуҷҷати вокуниши прокурор ба санади ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти назоратӣ,

роҳбарияти ташкилоти тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё шахсони мансабдори дахлдор мебошад, ки дар он талаби асоснок дар бораи бекор кардан ё ба мувофиқа даровардани он баён шудааст. «Ин воситаи назоратии вокуниши прокурорист, ки ду мақсад дорад: 1) бартараф намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар санади ғайриқонунӣ ва оқибатҳои онҳо; 2) барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи субъектҳои назоратӣ» [141, с. 143].

Аз ин рӯ, унсурҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, аз ҷумла, барқарорсозии ҳуқуқ, бекоркунию мувофиқасозии амал, бартарафсозии масъала ё кирдори муайян дар эътирози прокурор дарҷ гардида, онро ҳамчун санади ҳуқуқтатбиқкунӣ инъикос мекунад.

Эътироз санади татбиқи ҳуқуқро ташкил медиҳад, ки ғайриқонунӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани санади ҳуқуқиро ифода карда, аз ҷониби зерсохтори мақомоти прокуратура ва шахсони мансабдори онҳо қабул мешавад. “Бо роҳи эътироз ба санадҳои мухолифатдошта ба қонун прокурор қонунвайронкуниҳоро дар санад бартараф карда, эҳтимолан натиҷаҳои манфии татбиқи санади мазкурро пешгирӣ менамояд ва ҳамчунин сабабу шартҳое, ки ба вайронкуниҳои мазкур оварда расонидааст, муқаррар мекунад” [136, 40]. Бинобарин аз рӯ, маҳакҳои номбаршуда метавон тасдиқ намуд, ки эътироз навъи асосии санади ҳуқуқтатбиқкунӣ буда, мақсади асосии он пеш аз ҳама ба бартарафсозии мухолифатҳо дар қонун, татдиқи меъёрҳои он ва пешгирикунии амалҳое, ки ба иҷрои ҳуқуқ халал мерасонанд, мебошад.

Эътироз ба санад, супориш ва дигар ҳуҷҷатҳои мақомот ва шахсони мансабдоре, ки хилофи қонун мебошанд, аз ҷониби прокурор ё муовинонаш дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мақомоти интишордодаи ин санад ё мақомоти болоӣ оварда мешавад. Аз ин рӯ, прокурор метавонад эътирозро ба мақомоти дахлдор фиристонад. Дар амалияи прокурорӣ эътирозро бевосита ба ҳамон мақом ва шахси мансабдоре, ки санади хилофи қонун баровардааст, ирсол менамояд. Зеро ин мақомот ва шахсони мансабдор эътирозро фавран баррасӣ ва иҷрои онро таъмин менамоянд. Эътироз ба

мақомоти болоӣ дар мавридҳое фиристонида мешавад, ки агар мақомоти поёнӣ ё шахси мансабдори он аз иҷрои талаби он саркашӣ намояд.

Прокурор дар эътирози худ масъалаҳои бекор кардани санад, ба қонун мутобиқ гардонидани он, инчунин қатъ кардани амали ғайриқонунии шахсони мансабдор, барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшударо ба миён мегузорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки бо эътироз прокурор иҷрои яке аз ин 4 ҳолатро талаб менамояд:

– бекор кардани санади хилофи қонун. Масалан, ҳангоми аз ҷониби раиси ноҳия ғайриқонунӣ баровардани қарор дар бораи ҷудо кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба шахсе, ки муҳтоҷи ин замин нест. Ё ин ки аз тарафи сармеъмор додани иҷозат барои сохтмони манзили истиқоматӣ дар замини маҳалле, ки зери садама қарор дорад. Дар вақти ошкор кардани чунин ҳолатҳо прокурор талаби бекор кардани санадҳои раиси ноҳия ва сармеъморро дар эътироз дарҷ менамояд;

– ба қонун мутобиқ гардонидани санад – одатан чунин ҳолатҳо дар мавриди нодуруст татбиқ кардани меъёрҳои қонун аз ҷониби шахсони мансабдор, бахусус ҳангоми аз тарафи мақомоти назоратӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони мансабдор ва шаҳрвандон дида мешаванд. Дар ин мавридҳо прокурор эътироз оид ба қонун мутобиқ намудани қарори ба ҷавобгарии маъмурӣ кашиданро мебарорад;

– қатъ кардани амали ғайриқонунии шахсони мансабдор. Эътироз дар ин мавридҳо ҳангоми аз тарафи шахсони мансабдор ғайриқонунӣ, бидуни иҷозатномаи дахлдор, фаъолият намудан дар соҳаҳои гуногун бароварда мешавад. Масалан, бидуни иҷозатнома ба коркарди канданиҳои фоиданок машғул шудан, сохтмони биноҳои баландошёна, ташкил кардани ширкати сайёҳӣ, гузаронидани экспедитсияҳои геологӣ, ҷамъоварии растаниҳо ва гиёҳҳои нодири ба Китоби сурхи Тоҷикистон воридшуда ва ғ. Дар ин ҳолат прокурор дар эътироз қатъ кардани чунин фаъолияти ғайриқонуниро талаб менамояд.

– барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда. Дар вақти ошкор кардани поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, прокурор бояд фавран оид ба ин ҳолат чораандешӣ намояд, ки овардани эътироз ба яке аз ин чораҳо шомил аст. Масалан, ҳангоми санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузории меҳнат ошкор кардани ғайриқонунӣ озод кардан аз вазифа, ба вазифаи пасттар гузаронидан, баъди аз рухсатии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд баргашта омадани корманд ба вазифаи пештара қабул накардан ва ғ.-ҳо барои барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи кормандон прокурор ба санади ғайриқонунии шахси мансабдори ин мақомот эътироз меорад.

Ба ҳар як санади ғайриқонунӣ дар алоҳидагӣ эътироз оварда мешавад. Эътирози прокурор амали санади аз болояш эътирозовардашударо бозмедорад ва онро бояд мақомоти дахлдор ё шахси мансабдор на дертар аз даҳ рӯзи баъди ворид шуданаш ҳатман баррасӣ намояд.

Дар ҳолати овардани эътироз нисбати қарори мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ он бояд дар иҷлосияи наздиктарин баррасӣ шавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, ки бартараф намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунро талаб мекунад, прокурор ҳуқуқ дорад барои баррасии эътироз муҳлати кӯтоҳтар муқаррар намояд. Аз натиҷаи баррасӣ ба прокурор фавран хаттӣ хабар дода мешавад. Дар сурати баррасӣ кардани эътироз дар мақомоти коллегиалӣ дар бораи рӯзи маҷлис ба прокуроре, ки эътироз овардааст, хабар дода мешавад.

Оид ба қонеъ кардани эътироз шахсони мансабдор ба таври хаттӣ ба прокурор хабар дода, барои тасдиқи иҷрои талаби прокурор ҳуҷҷатҳои дахлдорро замима менамоянд. Аз ҷумла, нусхаи фармон оид ба бекор кардани санади қаблӣ, иқтибос аз протоколи ҷаласаи баррасии эътироз ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Эътироз мумкин аст то баррасӣ шудани он аз ҷониби прокурори эътирозоварда ё прокурори болоӣ бозхонда шавад. Дар сурати бесабаб рад кардани эътироз ё дар муҳлати муқарраршуда дида набаромадани он, прокурор

метавонад дар бораи ғайриқонунӣ донистани санад ба суд бо аризаи даъвогӣ мурочиат намояд. Пешниҳоди чунин ариза амали санади ҳуқуқиро бозмедорад.

Ҳамин тариқ, эътирози прокурор санади вокуниши самарабахш буда, бевосита боиси оқибатҳои ҳуқуқи мегардад ва метавонад санади ҳуқуқии ғайриқонуниро бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда ва қонуният бекор кунад.

Пешниҳод – яке аз санадҳои эътиноии прокурории бештар татбиқшаванда мебошад. Он ҳамчун санади ёрирасони прокурор баромад карда, баёния ва таҳлили далелҳои асосиро дар бар мегирад ва дар баробари онҳо оид ба бартараф намудани вайронкунии қонун пешниҳодҳо манзур карда мешаванд. Дар асоси моддаи 26 Қонуни конститутсионӣ пешниҳод дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда аз ҷониби прокурор, муовини ӯ ба мақом, ташкилот ё шахси мансабдоре, ки барои бартараф кардани қонунвайронкунӣ ваколат дорад, пешкаш мешавад ва он бояд баррасӣ шавад.

Пешниҳод дар бораи роҳ надодан ба вайронкуниҳои қонун санади махсуси эътиноии прокурор аст, ки дар ҳолати мавҷудияти маълумот дар бораи амалаҳои зиддиҳуқуқӣ қабул мешавад. Чунин санади ҳуқуқтатбиққунӣ танҳо ҳангоми амалигардонии назорат аз болои қонунҳо ва қонунияти санадҳои ҳуқуқӣ, ҳамчунин дар асоси амали зиддиҳуқуқӣ ба миёномада амалӣ мешавад.

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» прокурор, муовини ӯ бо назардошти хусусияти қонунвайронкунӣ аз тарафи шахси мансабдор ё шаҳрванд оид ба оғоз намудани истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашидан ё дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ қарори асоснок мебарорад.

Қарор дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ё ҷавобгарии маъмурӣ кашидан дар муддати даҳ рӯзи баъди расидани он бояд аз тарафи шахси мансабдор ё мақоми салоҳиятдор баррасӣ шавад. Шикоят аз рӯйи қарори

қабулшуда иҷрои онро бознамедорад. Аз натиҷаи баррасӣ ба таври хаттӣ ба прокурор хабар дода мешавад.

Амри хаттӣ бо мақсади водорсозии мақомоти махсуси таҳқиқ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти татбиқи қонуният амалӣ мешавад [39, с. 72]. Амр дар шакли хаттӣ дар бораи бартараф намудани қонунвайронкунӣ аз тарафи прокурор ё муовини ӯ ба мақом, шахси мансабдор ё шахсони воқеӣ, ки ба вайрон кардани қонун роҳ додаанд, дода мешавад. Амр дар мавридҳое пешниҳод карда мешавад, ки қонунвайронкунӣ хусусияти ошкоро дошта, ба манфиати давлат, корхона, муассиса, ташкилот, инчунин шаҳрвандон агар он фавран бартараф карда нашавад, зарари ҷиддӣ расонида метавонад. Амр бояд бетаъхир иҷро гардад, ки дар ин бора ба прокурор хабар дода мешавад.

Амр шакли махсуси навиштро дошта, дар он бояд номи мақомот, шахси мансабдор ё шахси воқеӣ, ки ба он амр дода мешавад, мазмуни мухтасари ҳуқуқвайронкунӣ, меъёри вайроншудаи қонун, талаби прокурор дар бораи фавран бартараф кардани қонунвайронкунӣ, бетаъхир иҷро кардани амр ва аз натиҷаи баррасӣ ҳаттӣ хабар додан ба прокурор, вазифа, рутбаи дараҷавӣ ё ҳарбӣ, насаб ва имзои прокурор ё муовини ӯ ё шахси дигари ваколатдоре, ки амрро баровардааст, дарҷ карда мешавад.

Шахсони мансабдор ё шахсони воқеие, ки эътироз, пешниҳод, қарор ва амри прокурорро дар муҳлаташ иҷро накардаанд ё беасос рад намудаанд, мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Мувофиқи моддаи 29 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар эътироз, пешниҳод, қарор ё амри прокурор ҳатман зикр мегардад, ки кадом талаби қонун аз тарафи кӣ вайрон карда шудааст, моҳияти вайрон кардани қонун дар чист ва шахсони мансабдор, мақомот, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ бояд дар кадом муҳлат онро бартараф намоянд.

Шахсони мансабдор, мақомоти салоҳиятдор ё шахсони воқеӣ, ки эътироз, пешниҳод, қарор, амри прокурорро дар муҳлат иҷро накардаанд, бе асос рад намудаанд ё барои бартараф намудани вайронкунии қонун, ки дар пешниҳоди

прокурор нишон дода шудааст, чора надидаанд, мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Дар амалия ҳамасола мақомоти прокуратура нисбат ба қонуншиканиҳо ва татбиқ нагардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ чора андешида, санадҳои эътинои қабул мекунад. Дар давраи соли 2022 дар муқоиса бо соли 2021 Прокуратари генералӣ вобаста ба вазъи риоя ва иҷрои қонунгузории мамлакат 6 514 (6291) санҷишҳо гузаронида, бо натиҷаи онҳо 43158 (35665) санадҳои эътиноии прокурорӣ, аз ҷумла 20142 (16722) амр, 9311 (8021) пешниҳод ва ба санадҳои ғайриқонунӣ 13705 (10922) эътироз оварда, 54270 (49841) қарорҳо оид ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашидан баровarда, 3897 (3652) парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда, ҳуқуқу манфиатҳои поймолшудаи 183 341 шаҳрвандон барқарор карда шуд [335].

Ба андешаи Р.Т. Биктагиров, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ дар шакли фармонҳо, дастурҳо, қарорҳо, супоришҳо қабул мешаванд. Санадҳои ҳуқуқӣ бо номҳои «низомнома», «дастур» дар тобеияти ҳуқуқӣ хусусияти дуюмдараҷа доранд, яъне бо дигар намуди санади ҳуқуқӣ – фармон тасдиқ карда мешаванд. Чунин амалия на танҳо дар прокуратура, балки дар дигар идораҳо низ ҷой дорад [187, с. 145]. Аммо ба андешаи санадҳои монанд ба дастур ё низомнома ҳамчун санадҳои меъёрии прокурорӣ ҳисобида мешаванд ва онҳо ба қатори санадҳои локалии мақомоти прокуратура дохил мешаванд, ки дар баробари муқаррароти ташкилӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти мақомот, инчунин асос барои дигар санадҳои татбиқи ҳуқуқ мегарданд.

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар асоси дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул мешаванд. Мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Прокурори генералӣ низомномаҳои воҳидҳои низомии Прокуратураи генералии ҶТ-ро тасдиқ мекунад, фармонҳо, амрҳо, дастурҳо, низомномаю дастурамалҳо мебарорад, ки иҷрои онҳо аз тарафи ҳамаи кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад (моддаи 18) [10]. Бинобарин санадҳои мазкур барои санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ

заминаи ҳуқуқӣ буда, тартиби ташкили фаъолият, назорати иҷро ва дигар масъалаҳои мубрами мақомоти прокуратураро муқаррар мекунанд.

Фармонҳои дастурӣ самтҳои асосии назорати прокурориро танзим намуда, амри Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо мақсади баамалбарории чораҳои хусусияти яккаратадошта ё кӯтоҳмуддат дода мешаванд.

Дастурамал барои ба танзим даровардани масъалаҳои алоҳида қабул карда мешавад. Дастур одатан баъди ҷамъбаст намудани таҷрибаи назорати прокурорӣ оид ба ин ё он масъала таҳия ва барои ба роҳбарӣ гирифтан ба сохторҳои дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ ва прокурорҳои поёнӣ фиристода мешавад. Масалан, Дастури Прокурори генералии ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН аз 8 апрели соли 2013, таҳти №5-21 «Дар бораи тафтиши пешакии ҷиноятҳои алоқаманд ба худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин ва сохтмони худсарона дар он», ки бо омӯзиши таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ бо ин қабил ҷиноятҳо аз ҷониби Прокурори генералӣ тасдиқ ва барои ба роҳбарӣ гирифтан ба прокурорҳои поёнӣ фиристода шудааст.

Дастурҳои методӣ оид ба тарзу усули санҷиши ҳолати иҷрои қонунҳо вобаста ба самтҳои назорати прокурорӣ, аз ҷумла, назорати умумӣ, андоз, гумрук, ноболиғон ва ҷавонон, ошкору тафтиши ҷиноятҳо ва дигар самтҳо аз ҷониби раёсату шуъбаҳои Прокуратураи генералӣ таҳия карда мешаванд. Дастурҳои методӣ ҳамчун барномаи роҳандозикунанда хизмат карда, ҷиҳати ташкил ва гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ ва тафтиши ҷиноятҳои категорияҳои алоҳида аҳамияти хоса доранд. Ба роҳбарӣ гирифтан ва иҷрои онҳо аз ҷониби прокурорҳои поёнӣ ва муфаттишони мақомоти прокуратура ҳатмӣ мебошанд [144, с. 42-46].

Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура бояд ба талаботи муқарраршуда мувофиқат кунанд ва сохтори муайян дошта бошад. Онҳо қисмҳои муқаддимавӣ, тавсифӣ, далеловарӣ ва хулоса иборат мебошанд. Тартиби мазкур ивазнашаванда ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин дар санад ном, таърихи рӯз ва ҷойи қабули он, имзо дарҷ мегардад.

Қисми муқаддимавии санад аз маълумот дар бораи шахси мансабдори мақомоти прокуратура иборат буда, дар он мушаххасан ҳолати кор инъикос гардида, прокурор далелҳои қонунвайронкунӣ ва мутобиқати онҳоро бо талаботи қонун, ҳамчунин, сабабу ҳолатҳои содиршавии онҳоро тавсиф менамояд. Қисми мазкур аз ҳама қисмҳои дорои маълумоти бештар аст, ки дар он бояд маълумоти дуруст ва мавҷудияти алоқаи мантиқӣ ба назар расад. Дар қисмии далеловарӣ, аз нуктаи назари ҳуқуқӣ маълумоти дар қисми тавсифӣ оварда шуда, баҳогузорӣ мешавад. Қисми охири санади ҳуқуқтабиққунӣ қарори прокурорро инъикос мекунад [136, с. 81-82].

Ҳамин тариқ, ваколатҳои мақомоти прокуратура оид ба сари вақт ошкор ва бартараф намудани вайронкуниҳои қонун маҷмӯи тамоми воситаҳои ҳуқуқиро ифода мекунанд, ки ба рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо, барқарор намудани волоияти қонун ва татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон, инчунин, рафъи оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи вайронкуниҳо ба амал омадаанд, нигаронида шудаанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо, дар маҷмуъ фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро инъикос мекунад, ки натиҷаи ниҳоии онро санади ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ташкил медиҳад.

Хулоса, санади мақомоти прокуратура санади ҳуқуқиест, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура дар доираи салоҳияти бо қонун муқарраргардида барои ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо, инчунин, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул карда мешавад. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура намуди санадҳои муайяни мақомоти прокуратура мебошанд, ки барои таъмини татбиқи ҳуқуқ қабул карда мешаванд. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура намуди санадҳои муайяни мақомоти прокуратура мебошанд, ки барои таъмини татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби шахсони мансабдори он қабул карда мешаванд. Муҳимтарин хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо санадҳои императивӣ буда, аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабул ва татбиқ мешаванд.

Инчунин, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ба доираи муайяни шахсон паҳн мегарданд, аз нишондодҳои фаврӣ, унсурҳои фармоишиву иттилоотӣ иборат

мебошанд. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура бо мақсадҳои риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳо ва коҳиши натиҷаҳои манфии онҳо, мусоидат ба баррасии босифат ва фаврии парвандаҳо, қабули қарорҳои қонунӣ, муайян намудани сабаб ва шароитҳои содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ ва ғ. қабул мешаванд. Дар натиҷа, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, ки дар мақомоти прокуратура татбиқ мешаванд, ҳамаи нишона ва хусусиятҳое, ки ба чунин намуди санадҳо хос аст, доранд.

Хусусияти санади ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар инҳо зоҳир мегардад: а) он санади мақомоти давлатӣ – прокуратура мебошад, ки ваколати татбиқи ҳуқуқро дар соҳаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад; б) мавҷудияти қарорҳои давлатӣ дар санади татбиқи ҳуқуқ, ки иҷрои онҳо ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ҳатмӣ буда, ҷиҳати ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо бо қувваи давлатӣ ҳифз карда мешаванд; в) санади ҳуқуқтатбиққунӣ шакли муайян дорад ва ғ. Самаранокӣ ва натиҷабахшии санадҳои татбиқи ҳуқуқ моҳияти қатъӣ ва ҳалкунанда оид ба масоили кафолати ҳуқуқи инсон, ҳимояи қоидаҳои ҳуқуқии муқарраршуда, қонуният ва таъмини амнияту тартиботро доранд.

## БОБИ III. ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 3.1. Ҳамкории самараноки мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ

Амалӣ намудани вазифаҳои мақомоти прокуратура бе ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ ғайриимкон буда, ва ин ҳамкорӣ ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад.

Дар зери мафҳуми «ҳамкорӣ» фаъолияти мақомоти гуногун, ки ҳадафу вазифаҳои муштарак доранд, фаҳмида мешавад. Дар таҳқиқоти Г.М. Андреева, ҳамкорӣ ё ҳамкории муштарак маънои ҳамоҳангсозии қувваҳои алоҳидаи иштирокчиён (фармоиш, муттаҳидшавӣ, ҷамъбасти ин қувваҳо)-ро дорад. Хусусиятҳои ҳамкорӣ ёрии байниҳамдигарии иштирокчиён, таъсиррасонӣ, иштироки онҳо дар фаъолияти мутақобила мебошанд [44, с. 106].

Ба андешаи А.А. Вартанян, намуди махсуси ҳамкории мутақобила робитаҳо миёни шахсони алоҳида, инчунин, байни даста, гурӯҳ, муассиса ва низомҳо мебошанд [57, с. 10-11].

Р.Н. Зинуров дар иртибот ё вобаста ба фаъолияти прокуратура зери мафҳуми ҳамкорӣ фаъолияти якҷояи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ бидуни маркази ягонаю доимии ташкилӣ ва ваколати меъёрӣ-танзимӣ оид ба таъмин ва татбиқи уҳдадориҳои вазифавӣ медонад [80, с. 215].

Қобили зикр аст, ки ҳамкорӣ вобаста аз доираи муносибатҳо метавонанд ҳадафҳои асосӣ, функсионалӣ ва ёрирасон дошта бошанд.

Дар робита ба назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми ҳамкорӣ тафсири якхела надошта, дар адабиёти илмӣ баҳсҳоро ба миён овардааст.

Фаъолияти ҳамкории мақомоти давлатӣ дар асарҳои Ф.М. Кобзаров, Ю.М.Козлов, Б.М. Лазарева, Б. Страшуна, В.Е. Чиркин, У. Ямполский ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба андешаи Ф.М. Кобзарева, барои муайян намудани ҳамкорӣ ҳамчун намуди мустақил, алоҳида ё дигар соҳаи фаъолият асосҳои кофӣ вуҷуд надоранд. Ин назария чунин асоснок карда мешавад:

1.Ҳамкории байниидоравӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура дар шаклҳои гуногун дар тамоми самтҳои фаъолият ба роҳ монда мешавад;

2.Дар раванди ҳамкорӣ иҷрои дурусти вазифа ва мақсадҳои фаъолияти мақомоти прокуратура таъмин мегардад [220, с. 58].

Ин равандро метавон ҳамчун фаъолияти густарда тавсиф намуд ва зимнан, мафҳуми "ҳамкорӣ" тамоми доираи фаъолияти прокуратураро фаро мегирад.

Ҳамкорӣ байни мақомоти прокуратура ва мақомоти давлатию иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз унсурҳои муайян иборат буда, дар таҳқиқоти мазкур тавсифи алоҳидаи онҳо дода мешавад: 1. Мақсадҳои ҳамкорӣ; 2.Асоси ҳуқуқии ташкили ҳамкорӣ; 3. Шаклҳои асосии ҳамкорӣ; 4. Объект ва предмети ҳамкорӣ; 5. Давра ё марҳилаҳои ҳамкорӣ.

Ба андешаи В.З. Гушин, прокуратура, пеш аз ҳама "нақши мақомоти назораткунанда" дошта, аммо мақомоти идоракунӣ ва ҷамъиятӣ бошад "нақши назоратшаванда"-ро иҷро менамоянд. Ҳар як намуди ҳамкорӣ бо як мақсад "таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрванд" ба роҳ монда мешавад [203, с. 55-56]. Мақсади механизми ҳамкории мутақобила баланд бардоштани самаранокии мақомоти прокуратура тавассути ба роҳ мондани фаъолияти ҳамоҳангшуда бо субъектҳои ваколатдор иборат буда, дар рафти вазифагузорӣ ва иҷрои он дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ амалӣ мегарданд.

Барои мақомоти прокуратура самти асосии фаъолияти он таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ҷамъият ва давлат мебошад. Барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ бошад, масъалаҳои қонуният, бехатарӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ошкор ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо як ҷузъи фаъолияти онҳо буда, ба салоҳияти онҳо ҳалли бисёр масъалаҳои дигар низ дахл дорад. Ҳарчанд прокуратура дар муносибат бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ мақсадҳои умумӣ

дошта бошад ҳам, оид ба масъалаҳои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ робитаҳои мутақобиларо амалӣ намуда, ҳамкориро ба роҳ мемонад. Дар қатори мақомоти давлатӣ субъекти ҳамкориро мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор, ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ташкил медиҳанд.

Вазифаҳои асосии ҳамкорӣ таъмини фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ягонагӣ ва таҳкими волоияти қонун мебошад, ки дар асоси он самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура баланд бардошта мешавад. Ҳамзамон, он ба ташаккул ва татбиқи ҳадафҳои функсионалӣ – муттаҳид намудани кӯшиши мақомоти давлатӣ барои саривақт ва пурра татбиқ гардидани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа, пешгирӣ ва ошкор намудани қонунвайронкуниҳо, муайян намудани шахсони гунаҳгор, ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо равона гардидааст.

Зимни ҳамкорӣ метавон низ ҳадафи ёрирасон, саривақт ва фаврӣ гирифтани иттилоот, фароҳам овардани шароити зарурии ташкилӣ барои ҳалли масъалаҳои минбаъда номбар намуд.

Асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти прокуратура ва субъектҳои дигар бевосита дар муқаррароти қонун инъикос ёфтаанд ё аз салоҳият, хусусият, принсипҳои ташкил ва фаъолияти кории он бармеоянд.

Асоси ҳуқуқии ташкили ҳамкории муносибатҳои байни прокуратура бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифодаи худро ёфта, фаъолияти бо принсипҳои қонуният, шаффофият, маҷмуӣ, низомнокӣ ва самаранокӣ ба роҳ монда мешавад.

Тибқи қонунгузорӣ шаклҳои ҳамкории мақомоти прокуратура бо мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудаанд. Масалан, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Суди конститутсионӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд.

Шакли дигари ҳамкорӣ таҳия ва татбиқи нақша-чорабиниҳо оид ба самти фаъолияти муайян мебошад.

Таҳияи накшаҳо пеш аз ҳама барои амалӣ гардонидани вазифаҳо, ки дар асоси санадҳои мақомоти болоӣ (асосан Президент, Парламент) қабул мешаванд, амалӣ мешаванд. Масалан, ҳамасола Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегардад, ки барои амалӣ гардонидани нуктаҳо ва вазифаҳои дар Паём ироагардида нақшаи чорабинии алоҳида дар самтҳои гуногун таҳия мегарданд.

Ҳадафи дигари нақшаҳо ин ба роҳ мондан ва ҷалб намудани ҳамаи мақомоти давлатӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои мушаххас мебошанд. Дар татбиқи нақшаҳо мақомотҳои давлатӣ якҷоя амалӣ намуда, аз самти фаъолияти худ ба мақомоти масъул ҳисобот пешниҳод менамоянд. Масалан, ҷиҳати амалӣ намудани Стратегияи муқовимат бо терроризм ва экстремизм, Нақшаи алоҳида таҳия шуда, дар заминаи он нақшаҳои дохилидоравӣ қабул мешавад ва бандҳои он дар дохили мақомоти мавриди амалӣ гардонӣ қарор мегиранд. Чунин амалия аллакай дар мақомоти прокуратура низ роҳандозӣ мегардад.

Пеш аз ҳама, санҷиши ҳолати риояи қонунҳо бо ҷалб намудани мутахассисони мақомоти давлатӣ; умумигардонии амалияи татбиқ ва ташкили ҳамкорӣ; вохӯриҳои байниидоравӣ; фаъолиятҳо оид ба баланд бардоштани тахассуси касбӣ; маҷлисҳои мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Ташкили гурӯҳҳои корӣ оид ба баррасии вазъи ҳуқуқтатбиқкунӣ аз шаклҳои пурсамари ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, “дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷиҳати таҳияи Қонун “Дар бораи мақомоти прокуратура”, ки мақоми асосии ҳуқуқтатбиқкунанда ба ҳисоб мерафат, бо фармони Прокурори ҶМШСТ аз 3 июли соли 1991 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи қонуни мазкурро таҳия намуда, ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд”. “Бо мақсади амалӣ намудани самтҳои ҳамкорӣ ҳар сол дар асоси Нақша-чорабиниҳои якҷояи Вазорати корҳои дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати гурӯҳи корӣ иборат аз кормандони ин ниҳод чорабиниҳои мақсаднок ва вохӯриҳо мегузаронанд. Ҳамчунин аз соли 2013 ин

ҷониб кормандони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳҳои кории дар назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба муайян намудани фурӯши ғайриқонунии заминҳои обӣ», «Баргардонидани маблағҳои қарзии бонкӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мусоидат намудан ба муътадил гардонидани фаъолияти низоми бонкӣ, солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои саҳҳомӣ, таъмини пардохтпазирии бонкҳо ва саривақт баргардонидани пасандозҳои аҳолӣ» ва «Муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ» шомил буда, дар ин самтҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд” [253, с. 20-23].

Гуруҳҳои кории мақомоти машваратӣ аз ҳисоби кормандони салоҳиятнок, бонуфуз ва ботаҷриба, ки дорои дониши зарурии касбӣ мебошанд, ташкил карда мешаванд. Илова бар ин, онҳо метавонанд ба фаъолияти тамоми гурӯҳ аз ҷиҳати пешниҳоди иттилооти зарурӣ таъсири мусбӣ расонанд. Дар ин ҳолат суръати дастрасӣ ба иттилооти ҷамъшуда, инчунин, сифати он дар сурати кумаки мутахассисони дахлдор ва ҷалби воситаҳои техникии зарурӣ меафзояд.

Дар фаъолияти гуруҳҳои корӣ баррасии масъалаҳо оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонун, вазъи ҳуқуқтатбиққунӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонанда, камбудиҳои ҷойдошта дар ин раванд, пайдо кардани роҳҳои муассиру самарбахш ба баланд бардоштани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ баррасӣ мегарданд. Бинобар ин дар назар доштан лозим аст, ки барои дуруст тақсим кардани вазифаҳо ба аъзои гурӯҳҳои корӣ, ба назар гирифтани ҳаҷми пурраи кори мақомоти прокуратура, таносуби оқилонаи ҳуқуқу уҳдадориҳо, пайгирӣ ва мутамарказиро дар татбиқи фаъолияти гуруҳҳо корӣ зарур мебошад.

Ю. Раҳмон қайд менамояд, ки “роҳбарон ва кормандони раёсату шуъбаҳои Прокуратураи генералӣ, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура дар гурӯҳҳои корие, ки мақомоти дахлдор барои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсис медиҳанд, бо супориши роҳбарияти Прокуратураи генералӣ иштирок намуда, аз рафти он мунтазам ахборот пешниҳод менамоянд” [144, с. 367]. Қобили зикр аст, ки санадҳои

ҳуқуқтатбиқкунӣ низ дар гуруҳҳои корӣ метавонад баррасӣ гардида, бо ин васила такмил дода шаванд.

И.А. Кузмин, А.Ю. Усов дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дигар намуди шаклҳои ҳамкориро байни мақомоти прокуратура ва субъектҳои дахлдор суръат мегирад, пешниҳод намуданд, ки асосан аз инҳо иборат мебошанд: “мубодилаи иттилоот; пешниҳоди якҷоя ба мақомоти давлатӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти онҳо оид ба таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шахрванд; интишори тавзеҳоти муштарак, мактубҳои иттилоотӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ташкилию маъмурӣ; мубодилаи мутақобилаи маводи таълимӣ оид ба такмили фаъолияти муштарак; гузаронидани семинарҳо, ҷаласаҳо, мизҳои мудаввар, гурӯҳҳои корӣ оид ба масъалаҳои мубрами татбиқи қонунгузорӣ; таҳлили муштараки амалияи татбиқи ҳуқуқ ва қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла, бархурдҳо ва «холигиҳо» дар он” [225, с. 137-146].

Ба андешаи муаллифон И.А.Кузмин, А.Ю.Усов марҳилаҳои механизми ҳамкорӣ марҳилаҳои пайдарпайи фаъолияти мутақобилаи мақомоти прокуратура ва субъектҳои назоратнашавандаро ифода мекунанд, ки тавассути пешбурди онҳо ҳадафҳои худи механизм амалӣ мегардад. Марҳилаҳои механизми таъсири мутақобила метавонанд аз тарафи берунӣ (объективӣ) ва дохилӣ (субъективӣ) зоҳир гарданд [225, с. 137-146]. Ба андешаи муаллифони мазкур ҳамкории объективии мақомоти прокуратура бо дигар сохтори ғайриназоратӣ дар фаъолияти берунии расмӣ оид ба ташкил ва амалигардонии ҳамкории мушатарак амалӣ мегардад.

Дар раванди ҳамкорӣ чунин марҳилаҳоро аз ҷанбаи ифодаи объективии ҳамкорӣ муайян кардаанд: муроҷиат барои барқарор намудани ҳамкорӣ; баррасии масъалаҳои ҳамкорӣ; муқаррар намудани ҳамкорӣ; амалигардонии ҳамкорӣ; назорат аз болои амалигардонии ҳамкорӣ.

Ҷанбаҳои субъективии ҳамкории мақомоти прокуратура бо мақомоти ғайриназоратӣ дар марҳилаҳои дохилии механизми он ифода меёбад, ки хусусияти функсионалӣ доранд ва ҳамкориро аз нуқтаи назари мантиқӣ ва

фикрӣ муайян мекунанд. Марҳилаҳои тарафи субъективии ҳамкорӣ бошад, аз инҳо иборат мебошанд: зарурати муқаррар намудани эҳтиёҷот ба ҳамкории мутақобила; коркарди мазмуни ҳамкорӣ; қабули қарорҳо дар бораи ҳамкорӣ; таҳияи қарорҳои ҷории стратегӣ ва тактикӣ оид ба амалӣ намудани ҳамкории мутақобила.

Раванди ташаккули ҳамкорӣ як қатор марҳилаҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла: бастани санади мушаххас, ҷамъоварии маълумот, таҳлили маълумоти гирифташуда бо мақсади муайян намудани масъалаҳои мушаххас ва пешгӯии такмили он, таҳияи лоиҳаи нақша-чорабиниҳо, муҳокима, тасдиқ ва ташкили иҷрои он.

Дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мақомоти прокуратура дар заминаи ҳамкории мутақобила воситаҳои муайянро истифода менамояд, ки он ҳамкориро бо субъектҳои назоратнашаванда таъмин намуда, барои фаъолияти муштарак роҳнамо гардад. Дар байни воситаҳои асосии механизми таъсири мутақобила, аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии инфиродӣ баромад мекунанд.

Прокуратура дар доираи фаъолияти худ бо ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамкорӣ менамояд. Дар самти ҳуқуқтатбиқкунӣ пеш аз ҳама ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ роҳандозӣ мегардад.

Ю.А. Усов чунин сохтори давлатие, ки бо мақомоти прокуратура ҳамкорӣ менамояд, “мақомоти ғайриназоратӣ, яъне таҳти назорати прокуратура қарор надошта номида, ба рӯйхати онҳо асосан Президент, Парламент, Ҳукумат, мақомоти судӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Комиссияи марказии интихоботӣ номбар намудааст” [268, с. 119-124].

Ҳамин тавр, субъектҳое, ки мақомоти прокуратура бо онҳо ҳамкориро ба роҳ мемонад, ба гурӯҳҳои зер тақсим карда мешаванд: Маҷлиси Олӣ – Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Мақомоти судӣ; вазорату кумита ва идораҳои давлатӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии иҷроия; Институтҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ, ВАО, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои олии таълимӣ ва ғ.

Ҳамкории мақомоти прокуратура ва парламент, аз ҷумла, татбиқи назорати прокурорӣ аз болои иҷрои қонунҳо, ки кафолати устувори ҳамаи низоми қонунгузорӣ мебошад, дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ, дар раванди таҳия ва шиносоӣ бо ҳисоботи солонаи Прокурори генералӣ оид ба ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ғ. амалӣ карда мешаванд.

Прокуратура мақомотест, ки парламент бо онҳо ҳамкории мутақобила дорад. Парламент ва прокуратура, ҳамчун мақомоти низомофари ҳокимияти давлатӣ ҳамкории мутақобилаи худро дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимият ба роҳ мемонанд. Аз таҳлили меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда бармеояд, ки чунин ҳамкорӣ дар се самти муҳим – самти назоратӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилӣ анҷом дода мешавад [87, с. 114].

Ба андешаи В.Ю. Шевченко, прокуратура дар ҷараёни фаъолияти худ ба монанди дигар мақомот бо мушкилоти воқеии татбиқи қонунҳо ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дучор меояд. Аз ин рӯ, прокуратура дар бораи вазъи волояти қонун дар кишвар, камбудӣ ва зиддиятҳои танзими ҳуқуқӣ бештар маълумот дорад. Прокуратура метавонад бо хулоса ва пешниҳоди худ ба такмили тамоми низоми ҳуқуқии давлат таъсири мусбат расонад [283, с. 66]. Гарчанде прокуратура ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ надошта бошад ҳам, метавонад хулоса ва пешниҳоди худро бо парламент баррасӣ намуда, ҳисобот аз риояи дақиқ ва якхелаи иҷрои қонунҳо таклифу пешниҳод манзур намояд ва бо ҳаин ба низоми ҳуқуқтатбиқкунии давлат тағйиротҳои ҷиддӣ ворид намояд. Вобаст ба ин бо ақидаи И.В. Велиев розӣ шудан мумкин аст, ки чунин тартиб тобеъ будани прокуратураро ба шохаи қонунгузори ҳокимият муқаррар наменамояд [197, с. 32-33]. Ба андешаи А.С. Жмакин «чунин намуди фаъолияти Прокурори генералӣ оид ба пешниҳод намудани маърӯза метавонад ҳамчун иттилоотонӣ арзёбӣ гардад, на ҳамчун тобеият» [299, с. 136-158].

Тавре ки баъзе муаллифон қайд мекунанд, хулосаи прокурор хусусияти машваратӣ дорад. Прокурор ҳуқуқ надорад, ки амали санади меъёриро

боздорад ё аз эътибори қонунӣ маҳрум созад. Аммо фаъолияти густурдаи мақомоти прокуратура метавонад дар маҷмӯъ ба қонунгузорӣ ва рафъи ихтилофот дар танзими ҳуқуқӣ таъсири мусбӣ расонад [239, с. 38]. Ҳамаи таклифу пешниҳодҳо дар асоси таҳлили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва самараи он омода ва пешниҳод карда мешаванд.

Барои пешгирии қабули санадҳои хилофи Конститутсия ва дигар қонунҳо, ки бевосита низ ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсири бевосита мерасонад, ҳамкории судманди мақомоти прокуратура бо ҳокимияти қонунгузор зарур буда, дар ин самт иштироки бевоситаи прокуратура дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ (коркарди лоиҳаи қонунҳо, таҳияи хулоса ба онҳо, баромад дар ҷаласаҳо ва ғ.) ба миён меояд.

Ҳамин тавр, ҳамкории мақомоти прокуратура бо мақомоти қонунгузорӣ дар раванди татбиқи қонунҳо, пешниҳоди хулоса, иштирок дар ҷаласаҳо, ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар ва ғ. амалӣ карда мешавад.

Тибқи Конститутсияи кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯро таъйин ва озод мекунад (моддаи 69) [1]. Аз ин ҷо бармеояд, ки шахсони мансабдори мақомоти прокуратура дар амалигардонии вазифаҳои худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул буда, ҳамзамон, таъйину барканории онҳоро Сарвари давлат бо ризоияти Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад. Масъул будани Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 94 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст. Бинобар ин, дар рафти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ низ мақомоти прокуратура дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошад. Ҳамкории онҳо дар шакли пешниҳоди ахбороту ҳисобот оид ба ҳолати ҳуқуқтатбиқкунӣ зоҳир мегардад. Масалан, гузориши Прокурори генералӣ дар ин самт ҳамасола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон манзур карда мешавад, ки дар он вазъи ҳуқуқтатбиқкунӣ низ инъикос мегардад.

Профессор Д. Демичев дарҷ намудааст, ки "азбаски президент - Сарвари давлат аст, бевосита ё ба воситаи мақоме, ки ӯ таъсис медиҳад, риояи қонунҳоро назорат мекунад. Ба ин васила, масъулияти вазъи низом ва тартиботи ҳуқуқиро дар кишвар моҳиятан ба дӯш мегирад, пас дар чунин вазъият прокуратура муҳимтарин такягоҳи президент дар таҳкими суботи ҳуқуқии ҷомеа маҳсуб меёбад" [331].

Яке аз шаклҳои ҳамкорӣ амру супоришҳо вобаста ба амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба прокуратура амр ва дигар санадҳои махсусро қабул менамояд, ки асосан ба ҷоннок гардидани вазъи қонуният ва амалияи ҳуқуқтабиқкунӣ равона мегарданд. Чунончӣ, вобаста ба татбиқи ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар шароити пайдо шудани сирояти нави коронавирус амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки дар ҳайати ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID-19) Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардида буд [24]. Ба ҳамин монанд санадҳои дигар низ қабул карда шудаанд.

Шакли дигари ҳамкорӣ, иштироки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи кории назди Сарвари давлат мебошад. Доираи масъалаҳое, ки дар ин гуна ҷаласаҳо муҳокима мешаванд, васеъ буда, бо проблемаю вазифаҳое, ки мақомоти давлатӣ дар фаъолияти худ дучор меоянд, муайян карда мешавад. Ҳалли як қатор чунин масъалаҳо иштироки прокурорҳоро талаб менамояд.

Аҳамияти чунин фаъолият, аз ҷумла, ҳамкории мақомоти прокуратураро на танҳо бо Сарвари давлат, балки бо мақомоти қонунгузор низ таъмин мекунанд. Ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки мавқеи прокуратура оид ба масъалаҳои такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бевосита ба қонунгузор расонида шавад. Таҳлили асосии ҳисоботи солона бояд ҳадафҳои

муайян кардани тамоюл ва қонунҳои рушди давлати ҳуқуқбунёд, баҳодиҳии стратегӣ ва афзалиятҳои фаъолияти низоми ҳуқуқтатбиққунӣ ва ғ.-ро дар бар гирад.

Мақомоти прокуратура дар навбати худ вазифаи иттилоотонии мақомоти олии давлатӣ дар бораи вазъи ҳолати татбиқшавии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро дорад. Дар мавриди иттилоотонии Сарвари давлат, он тавассути бароммад бо гузориши махсус сурат мегирад, ки дар он баҳодиҳии вазъи ҷинояткорӣ дар кишвар, маълумот дар бораи натиҷаҳои фаъолият ва нақшаҳои дурнамои кори мақомоти прокуратура оварда мешавад. Ҳамчунин, дар рафти чунин чорабиниҳо ба президент аз раванди иҷрои дастуру супоришҳо иттилоъ дода мешавад.

Аз фаъолияти дар боло ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ низ чунин самти ҳамкориҳо аҳаммияти калон доранд. Зеро дар заминаи ҳисоботе, ки ба сарвари давлат ва дасгоҳи он пешкаш мегардад, самтҳои фаъолияти прокуратура, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии он таҳлил кард шуда, камбудиҳо ва норасоҳи дар ин самт ошкор мешаванд. Дар натиҷа мақомоти прокуратура водор мегардад, ки фаъолияти худро дар ин самт низ ҷоннок намуда, ба татбиқи бештари ҳуқуқҳои шаҳрвандон мусоидт намояд.

Ҳамкории мутақобилаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти прокуратура дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ ба он асос меёбад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Чӣ тавре ки М.С. Сулаймонов қайд мекунад: «вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили Конститутсия ва қонунҳо маҷмӯи муайяни воситаю механизмҳоеро (ваколатҳоеро) дар бар мегирад, ки ба як хел будани татбиқи меъёрҳои Конститутсия, қонунҳо, санадҳои байналмилалӣ дар ҳудуди кишвар аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии онҳо равона гардидааст. Ба сифати воситаю механизмҳои амалисозии вазифаи мазкур ваколатҳои назоратии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳо оид ба амалисозии

масъулияти конститутсионию ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ амал мекунанд» [154, с. 60-89].

Дар баробари ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маърӯза оид ба вазъияти риояи қонунҳо дар кишвар мақомоти прокуратура дар шахси Прокурори генералӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалисозии функсияи конститутсионӣ ҳамчун кафили Конститутсия ва қонунҳо мусоидат мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти функсионалии мақомоти прокуратура дахолат намекунад, лекин назорати умумиро амалӣ мегардонад [87, с. 136]. Аз ин ҷо бармеояд, ки прокуратура ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ ва кафолати онҳо ёрӣ расонида, ба ин васила шакли назорати президент прокуратураро роҳнамоӣ менамояд.

Дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои қонунҳо, дар ҳаёт татбиқ гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва манфиатҳои давлат нақши калон дорад. Дар баробари вазифаи иҷро намудани нишондоди қонунҳо, мақомоти ҳокимияти давлатии иҷроия дигар вазифаҳоро низ иҷро менамоянд. Дар раванди мувофиқакунӣ ҳамкории прокуратура бо ҳукумат амалӣ мегардад.

Мақомоти прокуратура барои таъмини фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ метавонад мустақилона ё бо ҷалб намудани мутахассисони зарурӣ, аз ҷумла кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ намояд.

Асосан ҳамкории мазкур дар шакли фаъолияти ҳамоҳангсозӣ амалӣ карда мешавад. Фаъолияти ҳамоҳангсозӣ ба арзёбии ҳолати ҷинояткорӣ, пешгӯии тамоюлҳои рушди он, омӯзиши таҷрибаи ошкор, тафтиш, пешгирӣ ва рафъи ҷиноятҳо нигаронида шудааст. Натиҷаи чунин амалҳо татбиқи барномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва маҳаллии мубориза бо ҷинояткорӣ, омода намудани таклифҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Ба андешаи Н.Т. Антипова, такмили фаъолияти ҳамоҳангсозӣ бо ҷалби васеи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ дар иштирок дар чорабиниҳои ҳамоҳангсозӣ ва таъмини онҳо, рафъи фаъолиятҳои зиёди расмиятӣ, андешидани чораҳои муассир оид ба ташаккули амалияи устувори татбиқи қонунҳо ва рафъи дигар масъалаҳо вобаста аст. Афзоиши таъсири мақомоти прокуратура дар фаъолияти ҳамоҳангсозӣ, инчунин, дар истифодаи шаклҳои нави он аз тарафи прокурорҳо ифода меёбад. Прокурор дар баробари ваколатҳои ҳамоҳангсозӣ дар ин раванд ваколатҳои назоратиро пурра нигоҳ медорад [178, с. 148].

Ҳангоми таҳлили фаъолияти мақомоти прокуратура ва муносибатҳои он бо мақомоти иҷроия, бояд қайд кард, ки прокуратура риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои қонунҳои амалкунанда дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, хадамот ва дигар мақомоти иҷроия ва таъмини ҳуқуқтатбиқкуниро талаб менамояд. Ин вазифаи муҳим дар фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура буда, дар сатҳи қонунгузорӣ ҷорӣ намудани воситаҳои муассири вокуниши прокурориро тақозо менамояд.

Назорати прокурорӣ айни ҳол доираи васеи мақомоти иҷроия: вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи дигари маҳаллии ҳокимияти давлатиро фаро мегирад. Вазифаи назорати прокуратура таъмини мувофиқати санадҳои қабулнамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, Конститутсия, қонунҳо, инчунин риояи дақиқи онҳо мебошад. Бо ёрии чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ прокуратура диққати шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ба камбудиву норасоиҳои дар фаъолияташон роҳдода, ки боиси татбиқ нашуани ҳуқуқҳо ё нодуруст фаҳмидани талаботи қонунгузорӣ мегарданд ва асоси интизоми давлатиро ташкил мекунанд, ҷалб менамояд. Эътирозу пешниҳод ва қарорҳои прокуратура ба роҳбарони мақомоти идораи давлатӣ имкон медиҳанд, ки камбудию норасоиҳои дар кори онҳо ошкоршуда бартараф карда шаванд. Ҷузъи муҳимми кори прокуратура оид ба назорат – таъмини риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад [87, с. 141-143]. Дар ин ҷо маҳз мурочиати шаҳрвандон самти муҳими фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба ҳисоб меравад.

Мақомоти судӣ вобаста ба самтҳои гуногун бо мақомоти прокурартура ҳамкорӣ менамояд, ки яке аз самтҳои муҳимро ҳуқуқтатбиққунӣ ташкил медиҳад.

Прокуратура бо суд ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкориро ба роҳ мемонад. Ҳамкории байни прокуратура ва суд дар асоси «васеъ намудани амалияи фаъолият», ки аз як тараф, аҳамияти ҷамъиятӣ дорад ва аз тарафи дигар, аз прокурорҳо омодагии ҷиддиву бодиққатонаро талаб мекунад [140, с. 59].

Вобаста ба ҳамкории мутақобилаи прокуратура ва суд Ю.И. Скуратов чунин қайд менамояд, ки: «ҳамчунноқили қонуният прокуратура барои ҳокимияти пурзӯри мустақил ва он ки ин ҳокимият нақшеро, ки бояд адолати судӣ дар ҷомеаи шаҳрвандии муқаррарӣ ва давлати ҳуқуқбунёд комилан иҷро кунад, хеле манфиатдор аст» [260, с. 6-7].

И.П. Виноградов андеша дорад, ки: «ҳамкории прокуратура ва суд дар замони мо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи қонуният ва самараи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба назорати мутақобилаву касбӣ табдил ёфтааст, ки ҳангоми муайян намудани асосҳои ҳуқуқии ҳамкории онҳо ба назар гирифта мешаван» [293, с. 111-135].

Дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамкории мақомоти прокуратура бо мақомоти судӣ аз масъалаҳои назариявӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Иштироки прокурор дар ҷаласаҳои судӣ, ки ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, дахл дорад, яке аз кафолатҳои таъмин намудани қонуният дар рафти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷаласаи прокурор на фақат мақомоти назораткунанда балки субъекти комилҳуқуқи татбиқи ҳуқуқ баромад мекунад ва ҳамчун субъекти айбдоркунанда баромад менамояд. Мақомоти прокуратура бо ҳамаи зинаҳои судӣ, аз ҷумла, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои ҳарбӣ, судҳои шаҳру ноҳияҳо ҳамкории мутақобила дорад. Чуноне, ки С.А. Исмоилзода қайд менамояд, нақши прокуратура дар ҳамкорӣ бо мақомоти судӣ дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ бо мусоидат намудан ба суд барои қабул намудани ҳукми қонунӣ,

асоснок ва одилона ва умуман, амалисозии адолати судии фаврӣ ва боадолат, ташаббус нишон додан дар муттаҳидсозии кӯшишҳо оид ба таҳияи тартиби истифодаи дуруст ва якхелаи меъёри ҳуқуқ, ташаккулдиҳии амалияи устувори ҳуқуқтатбиққкунанда зоҳир меёбад [87, с. 160].

Амалияи ҳуқуқтатбиққунии прокурорӣ, судӣ, тафтишотӣ ва дигар мақомотҳо мунтазам ҷамъбаст карда мешавад. Вазифаи асосӣ дар асоси маводи ибтидоӣ ба даст овардани маълумоти мукаммал, ки барои қабули қарорҳои мувофиқшуда асос шуда метавонад.

Вазифаҳои умумие, ки дар назди прокуратура ва суди конститутсионӣ истодаанд, ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо мебошанд. Ҳамчунин, муайян ва рафъи санадҳои ҳуқуқие, ки ба Конститутсия ва қонунҳо мувофиқат намекунанд, вазифаи умумии онҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамкории мақомоти прокуратура бо Суди конститутсионӣ аз он иборат аст, ки дархостҳо барои рафъи камбудиҳои дар натиҷаи назорати қонунҳо ба Конститусия ва натиҷаи санҷиши риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ба амал омада, пешниҳод мегардад. Ҳамкории прокуратура бо мақомоти судӣ ва адлия дар чунин шаклҳо амалӣ мегардад [122, с. 795-797]: иттилоотонӣ оид ба масъалаҳои ба ҳамкорӣ алоқаманд; истифодаи маълумоти омории судӣ ва маводҳои амалияи судӣ; таҳияи пешниҳодҳои якҷоя оид ба коркарди лоиҳаи қонунҳо; иштироки мутахассисон дар кор оид ба баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; муҳокимаи пешниҳод оид ба қарорҳо, мактубҳои якҷояи иттилоотӣ, роҳнамо ва хулосаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Дар мавриди самти якум бояд қайд, ки ба манбаҳои иттилооте, ки аз ҷониби прокуратура фиристода мешаванд, ҳисоботи таҳлилӣ, мактубҳои иттилоотӣ, фармону дастурҳо, хулосаҳо, тавсияҳои методӣ, қарорҳои коллегияҳо ва ҷаласаҳои байниидоравӣ, қарорҳои ҷаласаҳои ҳамоҳангсоз, ки роҳбарияти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо ба имзо мерасонанд [313, с. 99].

Ҳамзамон, ҳамкории муштараки мақомоти прокуратура ва суд ба таъмини волоияти қонун ва пешгирии вайронкунии қонунҳо, татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад.

“Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти якҷояи машваратӣ оид ба самтҳои алоҳида амал намуда, имкон медиҳад, ки ҳолати қонуният ва таҳкими он, бартараф кардани камбудиҳо, сабабу омилҳои он, пешниҳоди таклифҳои дақиқ ба роҳбарони маъмурӣ ва дигар сохторҳои салоҳиятдор татбиқ гарданд” [122, с. 797].

Ҳамин тариқ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратура бо иштироки худ дар дар баррасии парвандаҳои гуногун ба татдибиқи ҳуқуқҳои мухталифи шаҳрвандон мусоидат менамояд. Масалан, тибқи Кодекси мурофиаи граждании ҶТ [96, с. 83] прокурор оид ба ҳифзи ҳуқуқи интихоботӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар раъйпурсӣ (мод. 262 КМГ ҶТ); оид ба фарзандхондӣ (мод. 278 КМГ ҶТ); дар бораи бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд ё фавтида эълон кардани шаҳрванд (мод. 283 КМГ ҶТ); оид ба маҷбуран фиристодани шаҳрванд ба экспертизаи судию равоншиносӣ (мод. 288 КМГ ҶТ); оид ба ғайриқобили амал эътироф намудани шаҳрванд ё маҳдуд сохтани қобилияти амали ӯ (мод. 289 КМГ ҶТ); оид ба дорои қобилияти пурраи амал эътироф намудани ноболиғ (мод. 293 КМГ ҶТ); дар бораи бесоҳиб эътироф намудани молу мулки манқул ё эътирофи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба молу мулки ғайриманқули бесоҳиб (мод. 297 КМГ ҶТ); дар бораи бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ ё тамдиди муҳлати бистарикунонии маҷбурии шаҳрванде, ки мубталои бемории рӯҳӣ мебошад (мод. 309 КМГ ҶТ); маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ (мод. 70 Кодекси оилаи ҶТ); дар бораи маҳдуд намудани ҳуқуқи падару модарӣ (қ. 4 мод. 73 КО ҶТ); оид ба муқаррар намудани фарзандхондии кӯдак (қ. 1 мод. 126 КО ҶТ); оид ба бекор кардани фарзандхондии кӯдак (қ. 2 мод.140 КО ҶТ). Инчунин иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ҳангоми баррасии даъвои прокурор ҳатмӣ мебошад (мод. 42 қонуни конститутсионии мазкур).

Ҳамин тариқ, ҳамкории прокуратур бо мақомоти судӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба роҳ монда шуда, он дар шакли назорат аз болои иҷроиши санадҳои судӣ, иштироки ҳатмӣ дар мурофиаҳои судӣ, табодул иттиолоот ва ғ. таҷҷасум меёбад. Бидуни ҳамкории мутақобила бо мақомоти судӣ дар самти ҳуқуқтатбиққунии фаъолияти мақомоти прокуратура натиҷаҳои судманд ба даст оварда намешавад.

Баъзе аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, агентиҳо, идораҳо ва ғ. дар самти фаъолияти худ вазифаҳои назоратиро низ иҷро мекунанд ва ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ на фақат таъсир мерасонанд, балки дар он фаъолона иштирок менамоянд. Хусусияти муносибатҳои мақомоти прокуратура ва мақомотҳои мазкур то андозае дигар аст. Сарфи назар аз тафовути номҳои мақомоти танзимкунанда, онҳоро мақомоти назорати байниидоравии махсус меноманд. Субъектҳое назорати берунӣ чун қоида, воҳидҳои сохтории сарраёсатҳо, шуъбаҳо, инспексияҳо), мақомоти иҷроияи олӣ ва маҳаллӣ ташкил медиҳанд, ки салоҳияти иҷрои вазифаҳои назоратӣ дар соҳаи муайяни идоракуниро доранд. Онҳо махсус барои иҷрои вазифаҳои назоратӣ, гузаронидани санҷиши риоя ва иҷрои қонунгузории амалкунанда дар объекти мушаххас, мувофиқат ва самаранокии истифодаи ваколатҳои додашуда ташкил карда мешаванд.

Ҳамкории назорати идоравӣ ва назорати прокурорӣ воситаи боэътимоди таъмини волоияти қонун мебошад. Қобили зикр аст, ки мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ ба сифати мақомоти назорати идоравӣ ба шумор рафта, дар самтҳои гуногун ба мақомоти асосии назоратӣ – мақомоти прокуратура ёрӣ мерасонад. Мусоидати мақомоти мазкур дар шаклҳои баррасии масъалаҳо дар ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ ва иштироки онҳо дар кори худи намояндагони мақомоти давлатӣ ба роҳ монда мешаванд. Бо иштироки онҳо чорабинихои якҷоя ташкил, муҳокима ва ба нақша гирифта мешаванд ва дар татбиқи онҳо иштирок мекунанд. Намояндагони мақомоти давлатӣ низ дар таҳияи қарорҳои дахлдори муштарак ширкат меварзанд. Бинобар ин, дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар натиҷаи шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ назорати идоравӣ ва назорати умумӣ амалӣ карда мешавад.

“Ҳамчунин, ҳамкории мақомоти прокуратура дар шакли ҳамоҳангсозии фаъолият бо мақомоти корҳои дохилӣ, амният, андоз, гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқро оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар қонун муқаррар гардидааст” [10]. Дақиқтар, аз болои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо назорат бевосита мекунад.

Дар қатори дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқии кишвар мақомоти прокуратура дар сатмҳои гуногун, аз ҷумла дар самти ҳуқуқтатбиқкунӣ бо мақомоти корҳои дохилий ҳамкорӣ менамояд.

Ба андешаи Р.А. Раҳимзода, “мавҷудияти ҳамкориҳои мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура решаҳои таърихӣ дорад. Ҳанӯз аз даврони пайдоиши Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсиси мақомоти корҳои дохилӣ дар низоми мақомоти давлатӣ ин ҳамкориҳо вуҷуд доштанд. Дар он давраҳо, ки ба вижа ҷиноятҳо бар муқобили амнияти давлатӣ ва талаву торочи моликияти ҷамъиятиву давлатӣ хеле боло рафта буд, маҳз бо ҳамкорӣ ва ҳамдастии ин ду мақомоти қудратманд ин ҷиноятҳо ошкор ва пешгирӣ шудаанд. Дар баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ низ замони ноороміҳо, чангу хунрезиҳо, гурезаву бесарпаноҳ шудани одамон, хурӯҷи гурӯҳҳои мусаллаҳи муташаккили ҷиноятӣ ва боло рафтани ҷинояту ҷинояткорӣ ба вуҷуд омад. Дар рӯзҳои аввали истиқлолият бархе аз мақомоти давлатӣ фалаҷ шуда, вазифаҳои худро иҷро карда наметавонистанд. Мардум на ба мақомоти давлатӣ ва на ба шахсони мансаб- дор боварӣ ва умед надоштанд. Дар ин рӯзҳои вазнину нангин мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти прокуратура дар сафи пеши мубориза бо ҷинояту ҷинояткорӣ қарор доштанд” [253, с. 18-19].

Тибқи “банди 18 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»корманди милитсия ҳуқуқ дорад ҳангоми пешгирии бевоситаи ҷиноят, таъқиби шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбар ва вазъиятҳои фавқулоддаи ба бехатарии ҷамъиятӣ тахдидкунанда ба хонаҳои истиқоматӣ, ҳудуд ва бинои корхона, муассиса, ташкилот, қитъаҳои замини шахсони алоҳида (ба истисноги намояндагии дипломатӣ, муассисаи консулгарӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

аккредитатсияшуда) дохил шавад ва чорабиниҳои оперативӣ - тафтишотӣ гузаронад. Бо тартиби муқарраргардидаи қонун дар муддати 24 соат дар бораи ворид шудан ба манзил, биноҳои корхона, муассиса, ташкилот, қитъаи замини шахсони алоҳида бидуни иҷозати соҳибони онҳо ба прокурор хабар диҳад. Аз ин ҷо бармеояд, ки бо мусоидати прокурор ҳамчун субъекти бевоситаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мақомоти дигар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниашонро амалӣ менамоянд” [15].

Дар баробари ин, мақомоти прокуратура ҳамкориро дар самти татбиқи ҳуқуқҳои ҳамаи шаҳрвандон ва шаҳрвандони хориҷӣ дар соҳаҳои гуногун ба роҳ мемонанд. Мас., дар самти муҳоҷират, танзими масъалаҳои будубоши гурезаҳо ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, мукотиботи Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 бо мақомоти прокуратура 31 ададро ташкил додааст, ки онҳо равона шудаанд ба [253, с. 24]: пешниҳоди маълумотномаҳо оид ба тасдиқи шаҳрвандӣ; маълумотҳо оид ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ; бақайдгирии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд; шахсони гуреза ва паноҳҷӯянда; гирифтани шиносномаҳои дохилӣ ва хориҷӣ.

Амнияти давлату ҷомеа муҳимтарин омили таъмину тадбиқи ҳуқуқҳои инсон мебошад. Дар самти мусоидат ба ин ҳадафа мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо мақомоти прокуратура низ ба роҳ мемонад. Дар шароити муосир ба тадбиқи нагардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон падидаҳои терроризму ифротгароӣ, ҷиноятҳои киберӣ, гардиши маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо халал мерасонанд.

Чуноне, ки С. Ятимов менависад, “имрӯз, заминаи ҳуқуқии фаъолияти муштараки мақомоти амнияти миллӣ ва прокуратура дар самти мубориза бар зидди терроризму экстремизм, ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ ва фаромарзӣ, аз қабили қочоқи маводи мухаддир, аслиҳа, одамрабоӣ, ҳимояи тамомияти арзии кишвар, ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам аст. Дар ин росто, саҳми ду мақомотро дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии мансуб ба

масъалаҳои амнияти давлатӣ, аз ҷумла «Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифроттароӣ)» ва ғ. қайд кардан бамаврид аст. Санадҳои мазкур танзими ҳуқуқии муборизаро бо ин зуҳуроти хатарноки ҷаҳони муосир таҳким бахшиданд” [288, с. 25-27]. Бешубҳа пешгирии падидаҳои номатлуби ҷомеа маҳз дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкории мақомоти амният ва прокуратура амалӣ карда мешаванд, ки бо ин васила метавон ба татбиқи ҳуқуқ ишора намуд.

Дар баробари ин, дигар кирдори ҷинояткорона, ки дар ҷомеа реша паҳн намудааст, коррупсия мебошад. Ин ҷиноят бевосита дар ҳама самтҳои ба вазъи иҷро ва ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсирӣ манфӣ мерасонад. Мақомоти коррупсия фаъолияти худро дар мубориза бо коррупсия бо мақомоти прокуратура низ ба роҳ мемонад.

“Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидани санадҳои меъёрии байналмилалӣ вобаста ба коррупсия, дар қонунгузории кишвар ҷорӣ намудан ва дар амал татбиқ намудани талаботи он баҳри ҳамкории мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти прокуратура дар самти мубориза бо коррупсия заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ гузошт. Аз ҷумла, тибқи талаботи қисми 1-и моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» мақомоти прокуратура яке аз мақомоти мубориз бар зидди коррупсия эътироф гардидааст” [261, с. 29-34].

Дар раванди мубориза ба коррупсия мақомоти прокуратура метавонад, ки ба ҷоннок намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ноил гардад. Ҳамкории мақомоти прокуратура бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли гузаронидани монитронги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия, назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назоратии давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, таҳқиқу

тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешбурди мубориза бо омилҳои коррупсионӣ ва ғ. амалӣ карда мешавад.

Ҳамкории мақомоти прокуратура дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ ва иҷрои қонун бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ ба роҳ монда шуда, асосан мақомоти прокуратура иттилоотро бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқ инсон дар бораи натиҷаҳои назорати риоя ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва чораҳои ҳимояи онҳо мубодила мекунад. Ҳамзамон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Прокуратураи генералӣ дар хусуси ҳолати татбиқи ҳуқуқи инсон ва санадҳои ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки бар асоси шикоятҳои шаҳрвандон ба суд фиристода шудааст, ҳамчунин вайроншавии ҳуқуқҳо ва беамалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор иттилоъ медиҳад.

Аз нуктаҳои баррасишуда бармеояд, ки чунин шаклҳои ҳамкории прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ муайян карда шаванд:

- мубодилаи мутақобилаи иттилоот дар робита ба татбиқ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ташкили гурӯҳҳои корӣ дар робита ба ҷоннок намудани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ;
- фаро гирифтани мутахассисони мақомоти давлатӣ дар ташаккули фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ;

Мазмуни асосии фаъолияти прокуратура таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ҷамъият ва давлат ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, прокуратура дар муносибат бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳарчанд мақсадҳои муштарак дошта бошад ҳам, ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз баромад намекунад ва дар шакли ҳамкорӣ бо онҳо оид ба масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ амалҳои ҳамоҳангшударо ба амал мебарорад. Ҳамкории онҳо пеш аз ҳама бо коркард ва татбиқи барномаҳои маҷмуии

маҳаллӣ мебошад. Дар ин ҷо, прокуратура нақши ташкилкунандаи коркарди қарорҳои якҷоя ва низоми назорат барои татбиқи онҳоро иҷро мекунад. Прокуратура на танҳо иштироки худро дар коркарди он таъмин менамояд, балки мустақилона қарори қабулшударо иҷро менамояд [298, с. 96-97].

Хулоса, ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ самти алоҳидаи фаъолияти мақомоти прокуратура буда, дар раванди он мубодилаи иттилоот, таҳкими фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва иҷрои меъёрҳои қонун амалӣ гардонида мешавад. Мақсадҳои ҳамкорӣ бо вазифаҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

1. Ба роҳ мондани мубодилаи иттилоотӣ байни мақомоти прокуратура ва дигар субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ;

2. Ба мувофиқа омадани қабули қарорҳои ҳуқуқӣ ва иштирок дар қабули онҳо;

3. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои илмӣ (илмӣ-методӣ ва илмӣ-таҳлилӣ) ва таҷрибавӣ (назоратӣ, мушоҳида);

4. Ҷамъбасти муштараки маводҳо оид ба вайроншавии ҳуқуқҳо ва ё иттилооти дорои хусусияти ҳуқуқӣ;

5. Муроҷиати муштарак ба мақомоти давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти муайян.

Пеш аз ҳама, дар раванди ҳамкории байни мақомоти прокуратура ва дигар субъектҳои ҳуқуқтатбиқкунанда масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, методӣ, моддию техникӣ, иттилоотӣ ва ғ. ба миён меоянд, ки таҳияи қарорҳои баробар ва мувофиқро талаб мекунанд.

Дуюм, механизми ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад: мақсади механизми ҳамкорӣ (баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратура), марҳилаҳои механизми ҳамкорӣ (аз тарафи дохилӣ ва берунӣ, мурофиавӣ, функсионалӣ ва ғ.), асосҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои ҳамкорӣ (меъёрҳо, муносибатҳо ва санадҳо ҳуқуқӣ).

Сеюм, мақомоти прокуратура бояд тамоми воситаҳоро (имкониятҳоро) дар ихтиёри худ истифода баранд, то самаранокии ҳамкорӣ бо кормандони дигар мақомоти давлатӣ, бешубҳа, ба таҳкими волоияти қонун ва баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар кишвар мусоидат намояд.

Чорум, дар марҳилаи муайяни амалисозии ҳамкории муштарак байни прокуратура ва дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда вобаста ба инкишофи муносибатҳо тарафҳо дар бораи такмили минбаъдаи онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Панҷум, ҳамкории мутақобила имкон медиҳад, ки манзараи объективии вазъи ҷинояткорӣ ва волоияти қонун дар кишвар ташаккул дода шавад, назорати самаранокро аз болои иҷрои қонунҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти прокурорӣ таъмин намояд, қонунвайронкуниҳо пешгирӣ гардад, тавассути чораҳои ҷавобии прокурорӣ ва ғ. вазифаҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ амалӣ карда шавад.

## 3.2. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар шароити таваҷҷуҳ ба таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқии шахс симои нав гирифта, ба такмили механизми танзими ҳуқуқӣ бевосита алоқаманд аст. Ҳамзамон дар механизми танзими ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ санадҳои ҳуқуқии алоҳида, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки воситаи муҳим ва зарурии татбиқи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд, нақши назаррас доранд. Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар баробари дигар намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ дорои ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникӣ мебошад, ки барои самаранокгардонии фаъолияти мазкур истифода мешавад.

Ҳоло дар илм мафҳумои гуногун, аз ҷумла «техника» ва «технология» истифода мешаванд, масалан техникаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, технологияи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки зарур аст, дар асоси луғатномаҳо

маъно ва корбурди онҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла самти ҳуқуқтатбиқкунӣ шарҳу тавзеҳ дода шавад.

Дар асоси луғатномаҳои тафсирӣ калимаи «технология» (аз юнонӣ techne - санъат, маҳорат) [98, с. 453] гуногунҷабҳа буда, чун «маҷмӯи воситаҳои фаъолияти инсон барои пешбурди равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба эҳтиёҷоти ғайриистеҳсолии ҷомеа» тафсир шудааст. Дар асоси дигар манбаъ, он ҳамчун «маҷмӯи мошинҳо, механизмҳо, асбобҳо, дастгоҳҳо, асбобҳои ин ё он соҳаи истеҳсолот»; инчунин «маҷмӯи малака ва усулҳо дар ҳама гуна намуди фаъолият, маҳорат» фаҳмида мешавад. Истилоҳи «технология» аз калимаҳои «техно» ва «логия» (аз юнонӣ logos — калима; мафҳум, таълим) сохта шуда, калимаи дуюм ҷузъи таркибии калимаҳои мураккаб буда, аз ҷиҳати маъно ба калимаҳои «илм», «дониш» мувофиқат мекунад [150]. Сарфи назар аз таърифҳо ва равишҳои зиёди дарки «технология» ҳоло он ҳамчун падидаи серистеъмол буда, дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон амалӣ карда мешавад.

Мафҳуми «технология» дар идоракунӣ аз нимаи дуюми асри XX пайдо шуд, вале падидаҳое, ки он ишора мекунад, хеле пештар омӯхта шуда буданд» [160, с. 5-6]. Ҳоло дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сиёсӣ, ҷомеашиносӣ, педагогӣ ва ғ. техника истифода мешавад.

Солҳои охир корбурди истилоҳи «техникаи ҳуқуқӣ» ё «технологияи ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ низ корбурди васеъ пайдо карда, нисбати мафҳуми ҳуқуқӣ, истифодаи шаклу намудҳо ва мехиназмҳои он таҳқиқоти зиёд дар байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Ба андешаи ҳуқуқшиноси маъруф, Ю.А. Тихомиров истилоҳи «техника» метавонад аз ду ҷанба фаҳмида шавад: субъективӣ ва объективӣ. Ба маънои субъективӣ санъати ҳуқуқии истифодаи маводи ҳуқуқӣ ва ба маънои объективӣ – механизми ҳуқуқ аст [78, с. 271]. Таърифи илмии техникаи ҳуқуқиро дар маънои объективӣ ва субъективӣ Р. фон Иеринг ифода намуда, навиштааст: «Ба маънои аввал ман бо ибораи «техника» чунин мефаҳмам, ки санъати ҳуқуқӣ, ки вазифаи он ба расмият даровардани маводи ҳуқуқӣ аст... усули техникӣ; ба

маънои дуюм – амалӣ кардани ин вазифа дар худи ҳуқуқ, яъне механизми дахлдори техникии ҳуқуқ» [83, с. 40]. Дар таърифи дигар техникаи ҳуқуқӣ – маҷмӯи қоида, тарз ва воситаҳои таҳия, тартиб ва ба шаклдарории босифати матни қонунҳо шарҳ дода шудааст [157, с. 307].

И.В. Колесник ба ин назар аст, ки мушкилоти муосири ҳуқуқтатбиқкунӣ бо роҳи баланд бардоштани сифати самаранокии технологии фаъолияти ҳуқуқӣ ҳарчи бештар ҳал карда мешаванд. Аз ин рӯ, техникаи ҳуқуқӣ ва технологияҳои ҳуқуқӣ мувофиқан ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқ мебошанд. Чунин шарти ҳуқуқии падидаҳо мавриди баррасӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки техника ва технологияҳои ҳуқуқӣ дар таърих ҳамзамон бо ҳуқуқ ба вуҷуд омада, дар ибтидо ҳамчун воситаи мураттабсозӣ ва сохтори он амал мекунанд [222, с. 281-287].

Дар асарҳои муаллифон-ҳуқуқшиносони тоҷик низ техникаи ҳуқуқӣ, низ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ», ки аз ҷониби олимони ҳуқуқшиносии тоҷик таҳия карда шудааст, техникаи ҳуқуқӣ, маҷмӯи қоидаҳо, тарзу воситаҳои таҳия, баррасӣ, қабул ва интишори санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва санадҳои тафсири ҳуқуқ мебошад. Воситаву қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ аз инҳо иборатанд: истилоҳоти ҳуқуқӣ, таркибҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои ифодаи мазмуни (матни) санадҳо [167, с. 609].

Ба таърифи Р.Ш Шарофзода, "техникаи ҳуқуқӣ маҷмӯи воситаву қоидаҳои таҳия намудан, шакл бахшидан, интишор ва мураттабсозии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад" [152, с. 391].

М.З. Раҳимов ва А.Р. Нематов низ қайд менамоянд, ки аксарияти вақт дар адабиёти ҳуқуқӣ воситаҳои ҳуқуқӣ бо калимаи техникаи ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ифода карда мешавад. Вале кадоме аз онҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ метавонанд истифода шаванд, муайян нашудааст. Ба фикри мо, ҳамаи ин мафҳумҳо ҳаққи дар илми ҳуқуқшиносӣ вуҷуд доштанро доранд, ки фарқ ва шарҳи онҳо ба ақидаи мо зарур мебошанд. Ба ақидаи онҳо техникаи ҳуқуқӣ маҷмӯи воситаи ва усулҳои тамоми фаъолияти ҳуқуқӣ, аз

ҷумла восита ва усулҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққкунӣ ва техникаи тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад [142, с. 10].

А.Р. Нематов дар мақолаи худ қайд менамояд, ки фаъолияти ҳуқуқӣ бо механизми амалигардонӣ бояд пайванд бошад. Ин механизмҳои фаъолияти ҳуқуқӣ аз маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ иборат мебошанд. Воситаҳо ва амалҳои фаъолияти ҳуқуқӣ метавонанд характери техникиро гиранд. Аз ин сабаб, фаъолияти ҳуқуқӣ хоҳ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бошаду хоҳ мураттабсозӣ, ҳуқуқтатбиққкунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ дорои усул, воситаи амалигардонӣ, ки дар маҷмӯъ техникаи ҳуқуқиро ном мегирад [241, с. 292].

Ба ақидаи Ш.Ш. Хоҷаев техникаи ҳуқуқӣ дорои шаклҳои гуногун, аз ҷумла техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи ситематизатсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин техникаи тафсир ва ҳуқуқтатбиққуниро ҷудо намуда, қайд менамояд, ки ҳар кадом аз истилоҳоти зикршуда бояд қатъиян аз рӯи таъйинот истифода шаванд [319, с. 16-17].

Ҳамин тариқ, аз андешаҳои олимон ба чунин хулоса меоем, ки техникаи ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои асосии фаъолияти ҳуқуқӣ буда, дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққкунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Техникаи ҳуқуқтатбиққкунӣ ҳамчун институти мустақил, дорои хусусиятҳо ва унсурҳои хосе мебошад, ки онро ба як низоми алоҳидаи ҳуқуқӣ-технологӣ ҳамчун як намуди мустақили технологияи ҳуқуқӣ ҷудо мекунад. Аз ҷумла, дар асари Н. Власенко меъёрэҷодкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, мураттабсозӣ, технологияи илмию амалӣ, инчунин технологияи таҳия ва қабули санадҳои инфиродиро фарқ карда мешаванд [63, с. 9]. Баъзе олимон, масалан, В.Н. Карташов ва С.В. Бахвалов, технологияҳои қонунбарорӣ, тафсирӣ ва мураттабсозии ҳуқуқӣ [218, с. 16-23; 291, с. 6], Т.В. Кашанин технологияро ба сохтори технологияи ҳуқуқӣ дохил намуда, аз рӯи ин меъёр инчунин технологияи қонунбарорӣ, технологияи нашри санадҳои меъёрӣ, технологияи мураттабсозии санадҳои меъёрӣ, технологияи тафсирӣ ва технологияи ҳуқуқтатбиққуниро, ки ба як намуди технологияҳо мувофиқат мекунанд, дохил мекунад [93, с. 85].

С.С. Алексеев бошад, мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиққуниро фарқ намуда, онҳоро ба соҳа ва фаъолияти мустақили ҳуқуқӣ дохил менамояд [41].

О.И. Шарно техникаи ҳуқуқтатбиққуниро маҷмӯи воситаҳои муҳими ҳуқуқӣ меҳисобад, ки дар натиҷаи батартибдарории ҳуқуқӣ ва такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешаванд [322, с. 11].

Бояд қайд кард, ки ҳангоми тасниф кардани технологияҳои ҳуқуқӣ аз рӯи намуди фаъолияти ҳуқуқӣ В.Н. Карташов на танҳо технологияи ҳуқуқтатбиққуниро мисли дигар олимон як навъи алоҳида муайян мекунад, балки онро технологияи «ҳуқуқтатбиққунӣ (амалигардонии ҳуқуқ)» меномад. Аммо он технологияи иҷро, истифода ва риояи қонунро дар ин шакли технология ҳамчун навъҳои технологияҳои татбиқи ҳуқуқ дар бар намегирад.

С.С. Алексеев "технологияи ҳуқуқиро (унсури таркибии он технология ҳамчун маҷмӯи усулҳои истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ мебошад) аз рӯйи намудҳои санадҳои ҳуқуқие, ки бо ёрии воситаҳои он сохта мешаванд, тасниф намуда, танҳо ду намуди технологияро муайян мекунад: қонунгузорӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ) ва техникаи санадҳои инфиродӣ" [43, с. 272], ки он техникаи эҷоди санадҳои ҳуқуқиро, яъне техника ва технологияи ҳуқуқтатбиққуниро дар бар мегирад.

А.Н. Илясов чунин ибрози назар менамояд, ки техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ ва технологияи ҳуқуқтатбиққунӣ мазмуни мустақили илмӣ ва амалӣ доранд. Чунин категорияҳо мустақиман байни ҳам алоқаманд буда, дар ниҳоят мақсади онҳо ба даст овардани натиҷаи ягона мебошад [301, с. 10].

Д.Н. Лузлов ва В.Ю. Картухин техникаи ҳуқуқтатбиққуниро ҳамчун низоми асосноки илмӣ ва амалии воситаҳо ва тарзҳо шарҳ медиҳанд, ки ҳангоми эҷоди (таҳия ва башаклдарории) санадҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд [110, с. 9]. Муаллиф техникаи ҳуқуқтатбиққуниро ҷузъи ҷудонашавандаи техникаи амалигардонии ҳуқуқ мешуморад, ки дар сохтори он воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва техникӣ буда, ба таркиби технологияи ҳуқуқтатбиққунӣ нисбат дода мешаванд. Инҳо «усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маводҳои воқеӣ,

интихоби меъёре, ки дар парвандаи мушаххас татбиқ карда мешаванд, қабули қарори иҷро ва таъмини иҷрои ин қарор аз ҷониби шахсоне мебошанд, ки ба онҳо пешбинӣ шудааст» [110, с. 94]. Дар ин ҷо муаллиф фақат технологияҳоеро, ки баъзе олимони илми ҳуқуқ муайян кардаанд, ҳамчун марҳилаҳои функсионалии ҳуқуқтатбиққунӣ номбар мекунад, ки охирини онҳо одатан ба марҳилаҳои мурофиавӣ тасниф мешаванд.

Н.Д. Хоҷибоева аввалин бор масъалаи техникаи ҳуқуқтатбиққуниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки “...татбиқи ҳуқуқ ба воситаи усулҳои техникӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳамчун дигар шаклҳои фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, амалигардонии ҳуқуқ, систематзитасия, шарҳдиҳии ҳуқуқӣ) бидуни воситаҳои техникаи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Воситаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ дар маҷмуъ, ки техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ номида мешаванд, яке аз усулҳои татбиқшавии воқеии ҳуқуқ дар ҳаёт ва омили самрабахши ҳамаи раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба ҳисоб мераванд. Техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ қисми асоси техникаи ҳуқуқӣ буда, якҷо бо дигар шаклҳои худ ба таъмини танзими низмои ҳуқуқӣ ва амали ҳамаи низомир ҳуқуқии давлат равон мегардад. “Эътибор надодан ба техникаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқ дар маҷмуъ ба самарабашх набудани на танҳо фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, балки тамоми низоми танзими ҳуқуқӣ мегардад” [320, с. 32].

Технологияи ҳуқуқтатбиққунткунӣ унсурҳои гуногун доранд. Ба андешаи Н.А. Власенко ба онҳо технологияи ҳуқуқтатбиққуни судӣ, тафтишотӣ, нотариалӣ, шартномавӣ ва ғ. дохил мешаванд [63, с. 9].

Мафҳуми технологияи ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба мафҳум, нақш ва мазмуни техника аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Якум, сарфи назар аз баъзе фарқиятҳои истилоҳот, аз ҷиҳати назариявӣ технологияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун ҷузъи технологияи ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки бевосита ба таҳия ва қабули санади ҳифзи ҳуқуқ нигаронида шудааст. Масалан, А.Ф. Черднсев чунин мешуморад, ки «техникаи ҳуқуқӣ маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо, тарзҳои

тартиб додан ва банизомдарории ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва баҳисобгирии онҳо мебошад» [170, с. 366]. Ба андешаи И.Л. Бачило "техникаи ҳуқуқии - илми таҳия кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ ё ҳама гуна санади ҳуқуқӣ" мебошад [185, с. 17].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон техникаи ҳуқуқтатбиқкуниро бо санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ алоқаманд намуда, пешниҳод мекунанд, ки техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. А.Н. Илёсов қайд мекунад, ки «ба маънои васеъ, категорияи мустақили илмӣ ва амалӣ мебошад, ки дорои маълумот дар бораи принсипҳо, усулҳо, қоидаҳо ва воситаҳои эҷоди санадҳои расман ва моҳиятан мукаммали татбиқи ҳуқуқ мебошад. Ё маҷмӯи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи қоидаҳо ва воситаҳои таҳияи санадҳои татбиқи қонун мебошад. Ба маънои маҳдуд, техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ маҷмӯи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи қоидаҳо ва воситаҳо барои таҳияи санадҳои татбиқи қонун маҳсуб меёбад» [301, с. 82].

А.С. Логинов "инчунин мафҳуми техникаи ҳуқуқтатбиқкуниро медиҳад, ки он ҳамчун як намуди махсуси нисбатан мустақили техникаи ҳуқуқӣ муаррифӣ шуда, аз низоми воситаҳо, усулҳо ва қоидаҳои фаъолияти касбии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар доираи намуди иҷозатдодашудаи қонун истифода мешавад. Муаллиф чунин ақида дорад, ки техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар марҳилаи танзими зермеъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегардад, ки амали меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои бевосита бе қарори ҳокимиятӣ-ташкилии субъекти салоҳиятдор татбиқ карда намешаванд" [307, с. 6].

Дар мавриди мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ аллакай дар таҳқиқоти олимони ватанӣ низ ақидаҳо мавҷуд мебошанд. Чунончӣ, ба назари назарияшиноси маъруфи тоҷик Р.Ш. Шарофзода, мафҳуми техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ маҷмӯи воситаҳо, тарзҳо ва қоидаҳои таҳия, қабул, шарҳдиҳӣ ва амалидгардонии санадҳои ҳуқуқӣ мебошад [152, с. 591]. Дар ин мафҳум муҳақиқ мафҳуми техникаи ҳуқуқтатбиқкуниро маҳдуд намуда, натиҷаи онро дар санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ шарҳ медиҳад.

Муаллифи дигар Н.Д. Ҳоҷибоева, мафҳуми васеътарро пешниҳод намуда, ба андешаи ӯ техникаи таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ яке аз шаклҳои техникаи таҳияи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ буда, ба мафҳуми худи техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ дохил мешавад ва инкишоф меёбад” [320, с. 36-37]. Ба фикри ӯ техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ на фақат техникаи таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиққуниро дар бар мегирад, дар баробар ин тамоми ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба ин мафҳум дохил кард шудааст.

Аз таҳлили олимон бармеояд, ки техникаи ҳуқуқӣ ҳуқуқтатбиққунӣ ба маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида мешавад. Ба маънои маҳдуд он маҷмуи воситаҳо ва тарзҳои таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ба ҳисоб меравад. Ба маънои васеъ бошад, техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ маҷмӯи воситаҳое мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар тамоми раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешаванд.

Роҷеъ ба техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ таснифбандиҳои гуногун мавҷуд аст. Н.Н. Вопленко шаклҳои юрисдиксионӣ, ҳуқуқҳифзкунӣ, иҷроиявӣ-иҷозатдиҳӣ ва ҳавасмандкунӣ тақсим менамояд [66, с. 48]. А.С. Логинов вобаста аз шакли фаъолияти техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ онро ба техникаи фаъолияти фаврӣ-иҷроиявӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти назоратӣ; вобаста ба шаклҳои раванди баррасӣ ва ҳалли парванда ба техникаи ҳуқуқттабиққунии маъмурӣ ва судӣ; вобаста ба субъекти техникаи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва техникаи ҳуқуқтатбиққунии дигар мақомоти давлатӣ ҷудо менамояд [307, с. 24]. Бисёр муаллифон шакли соҳавии техникаи ҳуқуқтатбиққуниро қайд менамоянд, ки асосан ба техникаи ҳуқуқтатбиққунии дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла маданӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, конститутсионӣ, маъмурӣ ва ғ.

Н.Д. Ҳоҷибоева шаклҳои техникаи ҳуқуқтатбиққунии санадҳои ҳуҷҷатҳо (таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ) ва санадҳо-амалҳо (амалҳое, ки дар раванди амалигадонии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди ҳуқуқтатбиққунӣ иҷро мешаванд.) ҷудо менамояд [320, с. 56].

Ба назари мо, техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ намудҳои алоҳида иборат буда, асосан ба ду қисм: 1) техникаи раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва 2) техникаи таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ тақсим мешаванд.

Аз рӯи таснифбандии техникаи ҳуқуқтатбиққунии мақомотҳои ваколатдор прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ ва мақомоти назорат баромад менамояд. Мақомоти прокуратура низ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ техникаи умумиҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиққуниро истифода менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ роҷеъ ба техникаи ҳуқуқтатбиққунии мақомот прокуратура таърифҳои кам ба назар мерасад.

Л.В. Потапова чунин андеша дорад, ки “техникаи ҳуқуқии санадҳои прокурорӣ маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо ва тарзҳо мебошанд, ки прокурорҳо бо ёрии онҳо ба қайд ва ба низом даровардани санадҳои ҷавобии прокурориро бо мақсади амалӣ намудани самараноки вазифаҳои мақомоти прокуратура, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура амалӣ менамоянд” [250, с. 118-120].

Ҳамин тавр, аз тарифҳои олимон роҷеъ ба техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ мафҳуми техникаи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура баён кардан мумкин аст.

Техникаи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура маҷмӯи усулҳо, воситаҳо ва тарзҳое мебошанд, ки дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, таҳия ва такмили санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби прокуратура истифода мешаванд. Воситаҳо ва тарзҳои техникаи ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ мебошанд, ки ба такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки истифода накардани ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ оқибатҳои манфӣ дорад ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро паст мекунад. Ба андешаи Л.К. Веркиенко риоя накардани техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар раванди татбиқи ҳуқуқ ба номувофиқатии байни санадҳо оид ба масъалаҳои мушаххас, ба вуҷуд омадани мухолифатҳо дар

санадҳои татбиқи ҳуқуқ бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда мерасонад [292, с. 130].

Дар доираи омӯзиши технологияи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ А.А. Тенетко қайд мекунад, ки “самаранокии танзими ҳуқуқӣ на танҳо ба миқдор ва мазмуни санадҳои ҳуқуқӣ, балки ба такмили техникии онҳо низ вобаста аст” [317, с. 3]. И.В. Колесник илова мекунад, ки “самаранокии танзими ҳуқуқӣ аз фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, техникаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои давлатӣ низ вобаста аст” [223, с. 337].

Масъалаҳои истифодаи техникии ҳуқуқ ё умуман аз нигоҳи расмӣ ва мантиқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ таҳлил карда мешаванд. Дар доираи технологияи ҳуқуқтатбиққунӣ, асосан масъалаҳои технологияи раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва дар заминаи он санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ таҳия мегарданд [71, с. 8-12].

Унсурҳои ҳуқуқӣ-техникӣ бо истифодаи воситаҳо, усулҳо ва қоидаҳо муайян ба таҳияи санадҳои ҳуқуқии баландсифат ҳамчун асоси танзими муносибатҳои дахлдори иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Усулҳо, воситаҳо, қоидаҳо дар раванди таҳия, қабул, пешниҳоди санадҳои ҳуқуқии дахлдор (қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ) истифода шуда, аҳамияти назарраси назариявӣ ва амалӣ доранд. Талаботҳои мазкур дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ низ муҳим буда, барои ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ нагардидани мақомотҳои ваколатдор, аз ҷумла мақомоти прокуратура мусоидат мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии такмилдодашуда вобаста аст. Чунки мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ҳамарӯза дар фаъолияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро истифода мекунад.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба воситаи усулҳои такшилӣ-иҷозатдиҳӣ, маъмурӣ-юрисдиксионӣ, тафтишотӣ, судӣ, назоратӣ ва ғ. амалӣ карда мешавад. Ҳар як усулҳои мавҷуд ба навъҳои алоҳида тақсим мешаванд. Масалан, С.В. Бошно техникаи ҳуқуқтатбиққунии ташкилӣ-иҷозатдиҳиро ба намудҳои қолабӣ (стандартӣ) ва вазъиятӣ (ситутатсионӣ) ҷудо менамояд. “Ҳуқуқтатбиққунии

қолабӣ аз қабули қарор ҳангоми ворид шудани ҳолати қолабӣ иборат аст, ки дар гипотезаи меъёр ва мувофиқи дастурҳои стандартӣ дар диспозитсияи он муқаррар шудаанд. Дар қонунгузорӣ чунин меъёрҳои маъмулан дар шаклҳои “ҳақ дорад” “ҳуқуқ дорад” ва ғ. ифода меёбанд” [55, с. 158-159].

Аз ин рӯ, техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ унсурҳои муайянро талаб менамояд, ки зимни ба амал баровардани он мақомоти прокуратура бояд ин унсурҳоро ба инобат гирад: ҳуқуқӣ, сохторӣ, мантиқӣ, забонӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, расмиётӣ.

Ба маънои умумӣ ҷанбаҳои техникӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои барасмиятдарории фаъолияти мақомоти прокуратура ташкил медиҳад, ки зимини таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода мешаванд.

Оид ба такмили техникии санадҳои ҳуқуқӣ, А. Тенетко қайд мекунад, ки “навъҳои гуногуни камбудиҳои санадҳои ҳуқуқии алоҳида метавонанд иҷрои онҳоро душвор гардонанд ва боиси бюрократизм дар фаъолияти ҳуқуқӣ гарданд, ки ин дар навбати худ боиси вайрон шудани қонунияти умум ва поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, аз ҷумла шаҳрвандон мегардад. Ӯ аз худ намудани низоми талабот ба раванди таҳия ва қабули онҳоро яке аз шартҳои муҳимтарини баланд бардоштани сифати санадҳои ҳуқуқӣ медонад” [317, с. 3]. Муаллиф дуруст қайд менамояд, шумораи зиёди камбудиҳо, аз ҷумла камбудиҳои забонӣ, мантиқӣ, сохторӣ ва ҳуқуқӣ фаъолияти субъектони ҳуқуқтатбиқкунандаро душвор мегардонад. Ба мисоли яке аз онҳо шарҳҳои гуногуни мафҳумҳо дар қонунҳо мебошад, чунки як мафҳум дар чанд қонун ба шаклҳои гуногун шарҳ дода шуда, интихоби яке аз мафҳумҳо аз ҷониби қонунтатбиқкунада душвор мегардад.

Яке аз маҳакҳо ё ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ин матни ҳуқуқӣ мебошад, ки аз санадҳои ҳуқуқӣ бармеояд. Мақомоти прокуратура маҳз дар асоси санади меъёрии ҳуқуқӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқтатбиқкунии худро қабул менамояд. Матнҳои ҳуқуқӣ як навъ низоми семиотикӣ, маҷмӯи ҷумлаҳо, калимаҳо, формулаҳо мебошанд, ки бо ёрии онҳо хабар интиқол дода мешавад. Матнҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба

мазмуни иттилооти ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқӣ – шакли берунии ифодаи он дахл доранд.

Аммо матни ҳуқуқӣ аз дигар намудҳои матнҳо, аз қабили публисистӣ, бадеӣ, поэтикӣ ва ғ. ба таври куллӣ фарқ мекунад. Чизи асосие, ки матни санадҳои ҳуқуқиро фарқ мекунад, ин аст, ки аз як тараф, дастрасии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва аз тарафи дигар, дурустӣ, эътимоднокӣ ва фарҳанги баланди ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. «Ҳар як соҳаи дигари фаъолияти ҷамъиятиро номбар кардан мумкин нест, ки дар он калимаи нодуруст ё номуносиб истифодашуда, ибораи нодуруст сохташуда, фосилаи байни фикр ва ифодаи матнии он боиси оқибатҳои ҷиддӣ ва баъзан вазнин ҳам дар соҳаи қонунгузорӣ» ба вуҷуд оварад [171]. Шартҳо барои матни ҳуқуқӣ гуногун мебошанд, аз ҷумла дақиқият, ифоданокӣ (ифодаи талаботи ҳуқуқӣ барои ҳама субъектҳо, санади ҳуқуқӣ набояд ҳеҷ гуна эҳсосоти шахсӣ, иттиҳодияҳо ё эҳсосоти субъективиеро ба вуҷуд оварад), мутобиқат ва пайдарпайӣ, муайяният (мақсади он танзимамоӣ ва муқаррароти ҳуқуқӣ бояд возеҳ бошад), соддабаёнӣ (даст кашидаан аз ҷумлаҳои мураккабу нофаҳмо) ва ғ. мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар санадҳои ҳуқуқтатбикунӣ зебоии бадеӣ, ибораҳо ва муродифҳои гуногун, ибораҳои пурсишӣ ё нидоӣ бояд истифода нашаванд. Ҷумлаҳои мураккабу вазнин бо қолабҳои гуногун на танҳо возеҳияти онро паст мекунанд, балки имкон медиҳанд, ки муҳтавои санад дарк карда нашавад. Гуфтаҳои боло, албатта, маънои онро надорад, ки санадҳо бо ҷумлаҳои содда навишта шаванд. Аз ҳад зиёд содда навиштан метавонад, дарки матн ва шаклҳои мураккаби онро душвор гардонад.

Дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии худ мақомоти прокуратура унсури ҳуқуқиро ба инобат бояд гирад, ки ба он маҷмӯи «мафҳумҳо» дохил мешаванд.

А.С. Шабуров, чунин қайд мекунад, ки истилоҳоти ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун воситаи техникӣ, балки ҳамчун категорияи муҳимтарини илмию ҳуқуқӣ, ки мазмуни ҳуқуқ, рушди илми ҳуқуқшиносӣ, сифати санадҳои ҳуқуқӣ ва умуман самаранокии танзими ҳуқуқиро таъмин менамояд, бояд фаҳмид [279, с. 131-145].

Истифодаи нодурусти истилоҳу мафҳумҳои ҳуқуқӣ ба хатогиҳо ва мухолифатҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Бояд истифодаи мафҳумҳо барои ҳар мазмун (контекст) равона карда шаванд, чунки мафҳумҳо метавонанд дар соҳаҳои гуногун ҳархел фаҳмида шаванд. Инчунин мафҳумҳои хориҷӣ ва соҳавӣ низ корбурди махсуси худро доранд.

Ҳуқуқшиноси машҳури рус И. Покровский таъкид кардааст, ки: «... яке аз аввалин ва муҳимтарин талаботи ҳуқуқ, ки ба рушди шахсияти инсон мусоидат мекунад, ин аниқу возеҳ будани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад» [135, с. 89] Аз инҷо бармеояд, ки равшан ва аниқ будани истилоҳу мафҳумҳои ҳуқуқӣ бояд дар тамоми намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ инъикоси худро ёбад. Дар чунин ҳолат бояд мақомоти прокуратура аз фарҳангномаҳои нашршудаи ҳуқуқӣ истифода кунад, ки дар онҳо мафҳумо, мақсаду вазифаҳои онҳо дар соҳаҳои гуногун дода шудааст.

Истилоҳҳои ҳуқуқӣ метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқҳифзкунӣ ва ҳуқуқтафсиркунӣ истифода шаванд. Ҳар яки онҳо бо хусусиятҳои хоси марбут ба моҳият, тартиб, шакл ва сохтори санадҳо ва истилоҳоти дахлдор, муқаррароти инфиродӣ, мафҳумҳое тавсиф мешаванд, ки барои омма нофаҳмо мебошанд. Як вожа метавонад ифодакунандаи ҳам андешаҳои муайян ва ҳам категорияву мафҳумҳо бошад. Яъне он унсури мафҳуми ҳуқуқӣ мебошад, ки маъно ё идеяи онро ифода мекунад [279, с. 131-145].

Ҷанбаи дигар ҳуқуқӣ-техникии такмили фаолияти ҳуқуқтатбиққуниро «**сохтор**» ташкил медиҳад, ки аз қисмҳои санади ҳуқуқӣ ва низоми муайян иборат аст. Сохтори санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ метавонад содда (фармони таъйинот) ва мураккаб (протоколи ҳуқуқвайронкунӣ) бошад. Барои санадҳои алоҳидаи мақомоти татбиқи ҳуқуқ қонунгузор метавонад ба сохтори онҳо талаботи муайян муқаррар намояд (чун қоида, қисмҳои зерини ҳуҷҷат пешбинӣ мешаванд: муқаддимавӣ, тавсифӣ, ҳавасмандӣ, оперативӣ).

Ҳамаи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ сохтори муайян дорад, ки дар шакли хаттӣ таҳия шуда, хусусияти ҳуқуқӣ, ҳатмигиро касб мекунанд. Шакли

санадҳои ҳуқуқтатбқкунӣ аз имзо, муҳр, таърихи қабули санад, рақами бақайдгирӣ ва дигар мушаххасоти расмӣ иборат аст, ки хусусияти ҳатмигӣ ва расмии санади ҳуқуқтатбиққуниро инъикос мекунанд. Ба андешаи Н.Д. Ҳоҷибоева ба хусусиятҳои умумӣ ва талаботе, ки ҳамаи санадҳои ҳуқуқтатбиққуниро муттаҳид мекунад, дохил мешаванд: шакли хаттӣ, мақоми таҳиякунанда, асосҳои ҳуқуқӣ, ҷой ва вақти нашри санади ҳуқуқтатибққунӣ, имзои ҳуқуқтатбиққунанда ва дигар мушаххасоти зарурӣ барои таҳияи санади ҳуқуқтатбиққунанда [320, с. 84].

Унсури дигар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ **«забони санади ҳуқуқӣ»** мебошад, ки он бо талаботҳои дақиқӣ, мушаххасӣ, фаҳмогӣ ва соддабаёнӣ алоқаманд аст. Чунин маҳакҳои забони санади ҳуқуқӣ имкон медиҳанд, ки субъектони ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии худ ва дар натиҷа баровардани санади ҳуқуқтатбиққунӣ муваффақ шаванд. Чуноне, ки А.Ф. Черденсев қайд менамояд, "донистани ин қоидаҳо ва тарзҳо – унсури муҳими фарҳанги касбии ҳуқуқшинос ва воситаи зарурии кор ба шумор мераванд" [276, с. 48].

Азбаски самаранокии танзими ҳуқуқӣ бевосита ба такмили техникии санадҳои ҳуқуқии алоҳида вобаста аст, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва техникии таҳияи онҳо, аз ҷумла масъалаҳои забонӣ ва ҳуқуқии омодасозии ҳуқуқӣ ва техникии намудҳои гуногуни санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, аз ҷумла, масъалаҳои таъминоти забонии онҳо ба мадди аввал гузошта мешаванд. Вобаста ба ин, баррасӣ ва омӯхтани ҷанбаи забонии такмили ҳуқуқӣ ва техникии санадҳои ҳифзи ҳуқуқ дар маҷмуъ ва аз ҷумла санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура актуалӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки таҳқиқи масъалаҳои таъмини забонии фаҳмиши санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ байнисоҳавӣ буда, дар соҳаҳоии забоншиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ гузаронида мешавад.

Ба гуфтаи ҳуқуқшиноси маъруфи фаронсавӣ Ф. Жени, «барои таҷассуми афкори қонунгузорӣ дар шакли забонӣ воситаҳо ва усулҳои махсус вуҷуд доранд, ки танҳо дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешаванд». Ин воситаҳо, ба андешаи олим, асос медиҳанд, ки услуби

мустақили қонунгузории адабӣ, ки бо вазифаҳои махсуси дар назди қонун қарордошта, тарзи мушаххаси инъикоси мавзӯъ, лексикаи махсуси забон барои ифодаи андешаи қонунгузор муайян карда мешавад [208, с. 122-166]. Ин тарзи баён дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчун «забони қонун» тавсиф мешавад. Муаллифон дар бораи вижагиҳои забони ҳуқуқӣ сухан ронда, онро ҳамчун забони қонун муайян мекунанд, дигарон ҳамчун забони ҳуқуқ ва дар бораи мавҷудияти забони махсуси ҳуқуқӣ сухан мегӯянд. Аммо муқаррарот дар бораи вижагиҳои забони ҳуқуқӣ боиси баҳсу мунозираҳои зиёд дар байни ҳуқуқшиносон мегардад. Дар воқеъ, матни ҳуқуқӣ доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ ва субъектҳоро фаро мегирад. Аммо муаллифон мавҷудияти забони махсусро дар қонун инкор намуда, хусусиятҳои фаъолияти гуногуни ҳуқуқии касбиро ба назар намегиранд.

Ба андешаи муаллифон, забони санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо аз рӯи истилоҳот ва услуби худ набояд аз забони санадҳои меъёрӣ фарқ кунад. Аксарияти қоидаҳои услуби санадҳои меъёрӣ ба услуби ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии инфиродӣ низ дахл доранд. Бо талаботи асосии забони санади ҳуқуқие, ки дар таълимоти ҳуқуқӣ таҳия шудааст, розӣ шудан мумкин аст: характери расмии забон, соддагӣ, фаҳмо ва дақиқии забон, мувофиқати мантиқӣ ва баён, бетарафии ифодаи забон, сарфанокии истифодабарии воситаҳои забонӣ, мухтасар ва муъҷаз будан, динамизми забон, расмӣ будани забон, хусусияти ғайришахсӣ ва ғайрииндивидуалии услубӣ [174, с. 21; 64, с. 19-23]. Чунин меъёрҳо бояд ба забони ҳуқуқтатбиққунии фаъолияти прокуратура низ дахл дошта, ба сифату самаранокии санадҳои ҳуқуқтатбиққунии онҳо мусоидат мекунад.

Қобили зикр аст, ки ифодаи берунии ҳуқуқ дар санадҳои ҳуқуқӣ таҷассум меёбад, аз ин рӯ ҳама гуна маъно (қонунгузор, ҳуқуқтатбиққунанда) шакли забонӣ дорад. Аз нигоҳи забонӣ, матни ҳуқуқӣ воситаҳои забони ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки бо забони адабӣ ва меъёрии тоҷикӣ ифода ёфта, дар доираи услуби расмӣ-корӣ амалӣ мегардад ва ба соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат мекунад. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки дар забоншиносии ҳуқуқӣ як самти алоҳида -

герменевтикаи ҳуқуқӣ-лингвистӣ мавҷуд аст, ки сохтор, фаъолияти забони ҳуқуқӣ, хусусиятҳои фаҳмиш ва дарки матнҳои ҳуқуқиро меомӯзад.

Дар баъзе адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин талаботҳо ба забони санади ҳуқуқтатбиққунӣ гузошта мешавад: истифодаи калима, мафҳумҳо ва ибораҳои содда ва васеъистемъмол дар байни бисёр субъектони ҳуқуқ; рад кардани истифодаи ифодаву ибораҳо ва конструктивӣ дар санади ҳуқуқтатбиққунӣ; худдорӣ аз сӯистифодаи калимаҳои хориҷӣ; номуносиб эътироф кардани расмиятпарастӣ, штампҳои бюрократӣ, ибораҳои архаистӣ. Ҳамчунин қоидаҳои алоҳидаи забонӣ мавҷуанд, ки бояд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ истифода шаванд, аз ҷумла: 1) Истифодаи ҳатмии муродифҳо ва калимаҳои сермаъно дар санади татбиқи ҳуқуқ. Пеш аз ҳама дар ин ҷо бояд сифати низоми забонӣ пурра аниқият ва дақиқияти нишондодҳое, ки санади тадбиқи ҳуқуқ доранд, таъмин намояд. 2) Истифодаи мафҳумҳои адабӣ [47, с. 23].

И. Маҳмудов дуруст қайд менамояд, ки маҳз ҳамин саросемагию ба интишори теъдоди санадҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ аҳаммият додани кормандони мақомоти прокуратура дар бисёр ҳолатҳо боиси рад кардан ё қонеъ накунонидани санадҳои таъсиррасонии онҳо мегардад. Санадҳои ҳуқуқии прокурорӣ аз нуқтаи назари қонун ва аз лиҳози забон бояд босаводона иншо шаванд. Дар ҳама гуна ҳолат шакли санади ҳуқуқӣ ба мазмуни он мувофиқат кунад [234, с. 80-86].

Аз ин андешаҳои олимон ва талаботҳои муайян бармеояд, ки ҳуқуқтатбиққунандагон бахусус кормандони мақомоти прокуратура низ бояд сатҳи кофии луғатдонӣ, забондонӣ ва маҳорати равони навиштану баён карданро дошта бошанд. Забони адабиро хуб фаҳманд ва аз истифодаи шеваҳо ва мафҳумҳои шифоҳии оммавӣ даст кашанд.

Дар асоси моддаи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» аз 5 октябри соли 2009, №553 коргузории мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ амалӣ карда мешавад [14]. Тибқи моддаи 6 қонуни мазкур санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Ҳамчунин қонун муқарра кардааст, ки санадҳои барои истифода ва коргузорӣ ба забонҳои дигар тарҷума мешаванд. Аммо да хусуси забони санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ қонуни мазкур меъёри алоҳидаро муқаррар накардааст, дар он вақте ки санади ҳуқуқтатбиқкунӣ бо баробари санади ҳуқуқтатбиқкунӣ санади расмии давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 тасдиқ карда шудааст, ба роҳ мондани коргузорӣ, мусоидат ва сари вақт иҷро намудани қарор, дастуру супоришҳои мақомоти болоӣ, амру фармонҳои роҳбарият, ҳуҷҷатҳои хизматӣ таҳия гардида, барои кормандони дастгоҳҳои ташкилотҳо қоидаҳои ягонаи омода намудани ҳуҷҷатҳо, барасмиятдарорӣ, баҳисобгирӣ, истифодабарӣ, назорат ва нигоҳдории онҳоро муқаррар менамояд [26]. Бо баробари ин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2024, №268 “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” ва “Аломатҳои китобати забон тоҷикӣ” тасдиқ шудаанд [101].

Бинобар ин, санадҳои зикршуда асоси ҳуқуқии таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба ҳисоб рафта, меъёрҳои онҳо дар раванди тартиби санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура истифода шаванд. Яъне кормандон ва шахсони мансабдори мақомоти прокуратура, ки бевосита фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро амалӣ мегардонанд, бояд санадҳои зикршуда ва қоидаҳои имлои забони тоҷикиро донанд.

Бо таҳили хусусиятҳои технологияи ҳуқуқтатбиқкунӣ бояд қоидаҳои онро баррасӣ кард. Хусусияти технологияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура аз хусусияти зермеъёрӣ (тобеъ) будани санадҳои татбиқи ҳуқуқ вобаста аст.

Мувофиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ, бар асоси таъбири А. Логинов, “талабот ба усулҳо ва воситаҳои технологияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳким ёфтаанд” [307, с. 7]. “Ҳама қоидаҳоеро, ки дар доираи технологияи ҳуқуқии ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода мешаванд, метавон ба қоидаҳои забонӣ, қоидаҳои мантиқ, қоидаҳои коргузорӣ,

меъёрҳои ҳуқуқӣ тақсим кард. А.С. Логинов дар навбати худ қоидаҳои забонӣ, мантиқӣ ва меъёриро фарқ мекунад” [307, с. 16]. А.А. Тенетко “дар ин маврид таъсири қоидаҳои мушаххаси коргузорӣ ва муомилоти ҳуҷҷатҳо ва истифодаи шумораи бештари воситаҳои забониро дар техникаи ҳуқуқии ҳуқуқэҷодкунӣ қайд мекунад. Вай чунин мешуморад, ки дар таҳлили технологияи ҳуқуқии санади ҳуқуқтатбиққкунӣ бояд хусусиятҳои меъёрҳои мушоҳидашаванда ва истифодашавандаи забон ҷои калонро ишғол намояд” [317, с. 7].

Ҷанбаи дигар ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққкунӣ ин воситаҳои таҳияи ҳуҷҷатгузории санади татбиқи ҳуқуқ (масалан, истифодаи қоидаҳои умумӣ ва махсуси ҳуҷҷатгузорӣ ва мубодилаи ҳуҷҷатҳо) мебошад.

Дар баробари ҷанабаҳои зикршуда, бояд **ба унификатсия, мураттабзозӣ (систематизатсия) ва стандартизатсия** дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққкунии мақомоти прокуратура аҳамият дода шавад. Ба андешаи Н.Г. Доронина, унификатсия ба маънои васеъ – ҳаракат ба ҳамтаъсиррасонии мутаносиби низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ё ҳамоҳангии низомҳои миллии ҳуқуқӣ аст, ки аллакай мувофиқ гардонида шудаанд [205, с. 53-67]. Санадҳои ҳуқуқтатбиққкунӣ гуногунанд. Аз ин лиҳоз, стандартизатсия омодакунӣ ва татбиқи чунин санадҳоро осон мекунад. Стандартизатсия бо роҳи тасдиқи шаклҳои стандартии муқарраршуда, шаклҳои ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқтатбиққкуниии мақомоти прокуратура амалӣ карда мешаванд. Стандартизатсия метавонад ё расмӣ бошад, яъне аз ҷониби мақоми ваколатдор интишори санади махсуси ҳуқуқиро дар назар дорад, ки шакли муайяни ҳуҷҷати барои истифода ҳатмиро муқаррар мекунад ва ғайрирасмӣ - маҷмӯаҳои гуногун, дастурҳо, маводи методӣ оид ба таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки хусусияти машваратӣ доранд.

Риояи **раванди расмиётии таҳияи санади ҳуқуқтатбиққкунӣ** ҷанбаи дигари ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққкунӣ ба шумор меравад.

Раванди мазкур аз чунин марҳилаҳо иборат аст: 1) таҳияи матн; 2) баррасии матн; 3) ба даст овардани хулосаҳои экспертизаи ҳуқуқӣ; 4) таҳияи

ҳуҷҷатҳои махсус (замима, асоснокунии техникӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ғ.) [292, с. 141].

Дар раванди якум, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ амалӣ гардонида шуда, дар асоси он санади ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳия карда мешавад. Яъне натиҷаи фаъолияти мазкурро маҳз санади мазкур ташкил медиҳад. Баъдан санади мазкур дар байни раёсат ва воҳидҳои сохтории мақомоти прокуратура баррасӣ мегардад. Дар ҳолатҳои зарурӣ санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди экспертизаи ҳуқуқӣ қарор гирифта, ба онҳо хулосаҳо дода мешаванд. Ҳамчунин санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ дар худ аз дигар ҳуҷҷатҳои махсус аз ҷумла, замимаҳо, асоснокуниҳо ва ғ. иборат мебошанд, ки онҳо низ баррасӣ гардида, нисбати онҳо хулосаҳо дода мешавад.

Ҷанбаи ниҳоии ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ **бо бақайдгирии санад** ва корбарии он дар амалия ба ном мерасад. Барои баъзе ҳуҷҷатҳо талаби гузаштани расмиёти бақайдгирӣ мавҷуд аст, ки шарти эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо мебошад. Одатан, бақайдгирии ҳатмӣ дар соҳаи фаъолияти маъмурию идоракунӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои аз тарафи мақомоти давлатӣ содиршуда (масалан, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқ ба қитъаи замин ва ғ.) низ ба қайд гирифта мешаванд.

Ҷанбаи муҳими ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро **истифодаи санадҳои тафсир, яъне маънидоднамоӣ** ташкил медиҳад.

Қисми ҷудонашавандаи механизми ҳуқуқтатбиқкунии фаъолияти прокуратура қабули санадҳои мушаххас, қарорҳои инфиродӣ ва амалҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд [265, с. 28] Мушаххассозӣ (конкретизатсия)-и ҳуқуқ шарти зарурии рушд ва такмил танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Мушаххассозӣ одатан ҳамчун усули дарки маводи даркшуда фаҳмида мешавад, ки аз шарҳ додани қоидаҳо ва ҳолатҳои умумӣ, ҳалли мушкилот, гузаронидани мушоҳидаҳо ва ғ. иборат аст. Ба маънои ҳуқуқӣ, мушаххассозӣ ҳамчун ба қонун додани эътимоди ҳадди аксар дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ

эътироф карда мешавад [79, с. 92]. “Мушаххасоти расмии ҳуқуқ фаъолиятест, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти ваколатдор оид ба аниқ гардонидани доираи мафҳумҳои меъёри ҳуқуқӣ, мазмуни умумии он анҷом дода мешавад, ки натиҷаи он дар санадҳои ҳуқуқии алоҳида қайд карда мешавад” [252, с. 32].

Усулҳои мушаххассозӣ на танҳо дар кори ҳуқуқтатбиққунӣ, балки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ низ истифода мешаванд. «...Мушаххассозӣ ҳамчун мафҳуми умумӣ ба сатҳҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ хос аст» [277, с. 37]. Аз сабаби он, ки маҳз дастурҳои инфиродӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ таҳия мешаванд, ин ҳам аз мушаххасоти мувофиқи меъёрҳо дар ин раванд шаҳодат медиҳад. Ба гуфтаи Н.Н. Вопленко, ба ғайр аз зарурати фардикунонии меъёри ҳуқуқ ҳангоми татбиқи он, инчунин он аз озодии салоҳдиди худи иҷрокунандаи ҳуқуқ, имконияти интихоби амали субъект вобаста аст [65, с. 22].

Дар баробари такмили ҷанабаҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура, ҷанбаҳои техникии он низ дар рушду инкишофи фаъолияти мазкур нақши калон доранд.

Имрӯзҳо мақомоти давлатӣ барои ташкили мубодилаи захираҳои иттилоотӣ аз технологияҳои интернетӣ бештар истифода мебаранд. Бо ёрии интернет ба шарикон маълумоти зарурӣ пешниҳод карда мешавад.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ ҳаҷми мунтазами афзоиши мубодилаи иттилоот дар ҷомеаи муосир ба фаъолияти прокурор низ таъсир мерасонад ва мутаносибан истифодаи технологияҳои нав барои беҳтар кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии прокурартура имкониятҳои калонро фароҳам меорад. Дар ин бобат пеш аз ҳама қайд кардан лозим аст, ки ба вуҷуд овардани барномаҳои нави махсус ва ҷорӣ намудани барномаҳои мавҷудаи маҳсулоти технологияҳои муосири рақамӣ қисмҳои таркибии рушди низоми прокуратура [224, с. 116-122] ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд.

Ба андешаи Д.В. Игнатев, “иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ яке аз омилҳои таъмини самаранокии намудҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, шаклҳои амалисозии ҳуқуқ, самаранокии ҳамаи функсияҳои давлат, аз ҷумла

самаранокии механизми амалисозии функсияи иттилоотии давлат маҳсуб меёбад” [210, с. 134-139].

Р.Ш. Шарофзода низ қайд мекунад, ки “рушди технологияҳои иттилоотӣ ба сифати татбиқи ҳуқуқ таъсири бевосита мерасонанд. Истифодаи он технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи идоракунии давлатӣ, хизмати давлатии иҷтимоӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ғ. мушоҳида мешавад. Махзанҳои иттилоотӣ, мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо, шаклҳои электронии дастрасии маводи меъёрии ҳуқуқӣ, шаклҳои электронии санадҳои татбиқи ҳуқуқӣ, ҳуқуқтатбиқсозии субъектони босалоҳият (мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти хизмати иҷтимӣ ва дигар) таъсир мерасонад” [281, с. 58-72]. Ҷойгир кардани санадҳои эътиноии прокурорӣ дар сомонаи расмии мақомоти прокуратура ба сифати кори иттилоотию таҳлилӣ ва рафъи сабабҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамоянд, таъсири мусбӣ расонад.

Истифодаи кибернетика дар ҳуқуқ асосан дар се самт ба амал бароварда мешавад: 1) истифодаи усулҳои математикӣ ва кибернетикаи техникӣ дар криминалистика ва тадқиқоти оморит меъёрҳои ҳуқуқӣ; 2) моделсозии равандҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ; 3) истифодаи кибернетикаи техникӣ барои шарҳ додани механизми рафтори инсон, муносибатхои ҳуқуқӣ, пайдоиш ва амали меъёрҳои ҳуқуқӣ ва умуман системаи ҳуқуқӣ.

Ҳамчунин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳуқуқ дар самтҳои зерин истифода мешавад: автоматикунонии хизматрасониҳои иттилоотию ҳуқуқӣ; такмили фаъолияти қонунбарорӣ; коркарди автоматии маълумоти омори криминологӣ ва дигар иттилооти иҷтимоию ҳуқуқӣ; автоматикунонии тадқиқоти судӣ; ҳалли баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ; такмил додани раванди таълим дар таълими фанҳои ҳуқуқӣ.

Дар дигар кишварҳо аз солҳои 2000-ум истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ оғоз ёфт. Бештари зиёди кори прокурорҳо, судяҳо, адвокатҳо аз кӯмак ба ӯ дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ бо

истифода аз барномаҳои компютерӣ иборат аст. Далелҳои ҳуқуқӣ ва тахассусии далелҳо бо ёрии компютерҳо ва барномаҳо ба даст омада, кори ҳуқуқшиносро содда мегардонад. Шаклҳои соддатарин таҳияи ҳуҷҷатҳои бо истифода аз компютер ба роҳ монда мешуд, ки аз тартиб додан ва ҷустуҷӯ дар базаҳои маълумот иборат буд. Маълумоти зарурӣ, ҳуҷҷатҳо, далелҳо ва дигар манбаҳои ҳуқуқӣ ба прокурор, судя, нотариус, адвокат ва муфаттшон кӯмак мекунад, ки маводи мувофиқро пайдо кунанд, қарори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснокро дар асоси меъёрҳои қонун бароранд. Оид ба автоматикунонии баъзе вазифаҳои техникӣ, аз қабили нигоҳдории ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва таснифоти он, инчунин таъмини дастрасӣ ба бонкҳои маълумот ва ташкили кори субъектони ҳуқуқро технологияи иттилоотӣ содда гардонд.

Ҳоло низомҳои хоси технологияҳои иттилоотӣ дар бештар кишвар дар фаъолияти ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Масалан, дар Италия, Финландия низоми электронии онлайн, Шотландия – низоми автоматонии таҳияи қарорҳои судӣ, Эстония – манбаи иттилоотии E-File ва ғ. амсал мекунанд.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин хидматрасонии ҳуқуқии электронӣ, аз ҷумла манбаи иттилоотӣ-ҳуқуқии “Адлия” таҳия карда шудааст, ки дар сатҳи мақомоти давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо бо дар назардошти дастрасии аҳолӣ ба чунин хадамот, зарур аст, ки чунин манбаъ мавриди истифодаи ҳамаи шаҳрвандон таъмин карда шавад. Зимни истифодаи васеи он мушкилоти ҳуқуқтатбиққунии низ коҳиш ёфта, шаҳрвандон вобаста ҳуқуқҳо ва татбиқи онҳо маълумот ба даст меоранд.

Танзими ҳуқуқии истифодаи технологияи иттилоотӣ ҳоло дар бисёр кишварҳо мавҷуд мебошад. Дар бисёр давлатҳо қонунҳо дар бораи истифодаи технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла Қонуни федеролии ФР “Дар бораи имзои электронӣ” аз 1 июли соли 2011, Қонуни Финдландия “Дар бораи хизматрасонии электронӣ ва коммуникатсионӣ” аз соли 2003, қабул шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Қонун “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” аз 15 марти соли 2023, № 1965 мавриди амал қарор гирифт, ки дар он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тартиби гардиш ва истифодаи ҳуҷҷатҳои

электронӣ, инчунин таъсис ва истифодаи имзои электрониро дар раванди ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ муқаррар гардидаанд.

Дар ҳақиқат технологияҳои иттилоотӣ воситаи асосии фаъолияти ҳаррӯзаи ҳамаи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти прокуратураро ташкил медиҳад. Бидуни технологияҳои иттилоотӣ дар замони муосир фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро амалӣ гардонидан ғайримкон аст. Аз ин рӯ, ба назаи мо самти муҳими техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро маҳз истифодаи оқилонаи технолгияҳои иттилоотӣ ташкил медиҳанд. Зеро тавассути онҳо, фаъолиятҳои гуногун, аз ҷумла имзогузории электронии рақамӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳо ва мубодилаи электронии онҳо, иттилоотонии ҳуқуқии ҷомеа, пешгирии ҷиноятҳо, назорати электронӣ, ташаккули робитаҳои мақооти прокуратура бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеа дар самти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ташкил ва баргузори мулоқоту маҷлисҳои фосилавӣ, пешниҳод ва қабули аризаҳо, ташкили фосилавии фаъолияти гуруҳҳои корӣ ва ғ. амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратура маҷмӯи принсипҳо, қоидаҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ мебошад, ки барои ҳалли муносибатҳои ҷамъиятӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ тавассути таҳияи босифати ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва таъмини саривақтии онҳо пешбинӣ шудаанд. Нақши чунин ҷанбаҳо самаранокӣ ва баланд бардоштани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура мусоидат менамояд. Риояи ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмилии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз ҷониби мақомоти прокуртара имкон медиҳад, ки фаъолияти мазкур такмил дода шавад ва санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии ҷавобгӯ ба талаботҳо таҳия карда шавад. Бо дар назардошти риояи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура чунин натиҷаҳо ба даст меояд: ба воситаи онҳо имкон медиҳад, ки моҳият ва мундариҷа қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дуруст дарк карда шаванд; татбиқи дурусти онҳо ҳамчун асос барои нашри санадҳо ҳуқуқтатбиқкунӣ мегардад; ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат дода шавад ва механизми ҳимояи онҳо низ тадбиқ гардад;

ҳамкорӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда шуда, ба ин васила ҳолатҳои мухолифатомези масъалаҳо ҳал карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда чунин хулоса пешбарӣ карда мешавад:

1. Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура бевосита бо такмили механизми танзими ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Самаранокии танзими ҳуқуқӣ бештар аз мукаммал будани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва техникии санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ (аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура), аз ҷумла ба сифати таъминоти забонии онҳо вобаста аст.

2. Хусусияти техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура бо хусусияти зермеъёрии (тобеъгии)-и санади ҳуқуқтатбиқкунӣ алоқаманд буда, ба таъсири қоидаҳои мушаххаси коргузорӣ ва муомилоти ҳуҷҷат вобаста аст. Аз ин сабаб, мазмуни қоидаҳои забонии технологияи ҳуқуқтатбиқкунӣ тавассути мазмуни қоидаҳои забонии технологияи қонунгузорӣ ва қоидаҳои коргузорӣ шарҳ додан мумкин аст, ки дар натиҷа доираи қоидаҳои забонии технологияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прократура васеътар мешавад.

4. Риояи меъёрҳои забони адабии муосири тоҷикӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” амалӣ шуда, дар матнҳои санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура таҷассум меёбад. Риояи накардани қоидаҳои санадҳои болозикр ба хатогиҳои забонӣ ва усулӣ оварда расонида, боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ мегардад.

5. Таъминоти босифати забонӣ дар масъалаҳои такмили ҳуқуқӣ ва техникии санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ дар маҷмӯъ ва санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура нақши калон мебозад.

6. Риояи нозукиҳои услубии санадҳои прокурорӣ метавонад сатҳи малакаи кормандони ҷавони мақомоти прокуратураро, ки ба фаъолияти амалии худ оғоз мекунанд, баланд бардошта, он метавонад ба самаранокии кори мақомоти прокуратура таъсири ниҳоят мусбат расонад.

7. Масъалаҳои такмили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва техникии санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура муҳим буда, омӯзиши муфассал ва таҳияи тавсияҳои алоҳидаи методиро оид ба таҳияи санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти прокуратура тақозо мекунанд. Чунин тавсияҳои методӣ ба ғайр аз қоидаҳои мантиқ, коргузорӣ ва ҳуқуқии технологияи ҳуқуқтатбиқкунӣ бояд тавсифи муфассали қоидаҳои забонӣ (забонӣ)-ро дар бар гирад, мазмуни доираи васеи талаботи забонро пурра инъикос намояд, ки риояи онҳо барои тайёр кардани матни босифати ҳуқуқӣ зарур аст.

8. Самти муҳим ва самаранок дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура истифодаи технологияҳои иттилоотӣ буда, он мазмуни иттилоотӣ-коммуникатсиониро пайдо менамояд ва аҳолӣ дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ хизмат мекунад. Дар натиҷаи чунин фаъолият мубодилаи электронии ҳаҷҷатҳо, ташкилу амалигардонии вохӯриҳо, маҷлисҳо ва гурӯҳҳои корӣ, қабули муроҷиатҳои шаҳрвандон, ба роҳ мондани робитаҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти прокуратура бо шаҳрвандон ва ғ. роҳандозӣ мегардад. Чунин фаъолият ҳоло дар илм ҳамчун «иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқтатюбиқсозӣ», «иттилоотонии ҳуқуқтатбиқсозӣ», «иттилоотонии мақомоти прокуратура» маъмул аст.

9. Азбаски дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар нашудааст, зарур аст, ки мафҳуми он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар моддаи алоҳида дар шакли «техникаи татбиқи қонун» ё «техникаи қонунтатбиқкунӣ» муайян шуда, ҳамчун асос барои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомотҳои давлатӣ хизмат намояд.

### 3.3. Баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо

Фарҳанги ҳуқуқӣ омили асосии ташаккул ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Дар баробари ташаккули сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти давлатӣ омили муҳими такмили ҳамаи намудҳои фаъолияти онҳо, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба шумор

меравад. Дар фарҳангҳо мафҳумҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ шарҳ дода шудааст.

Фарҳанги ҳуқуқӣ ё фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар умум аз ҷониби ҳуқуқшиносони дохилӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, мафҳумҳо ва категорияҳои марбут ба онҳо таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Фарҳанги ҳуқуқӣ ҷузъи фарҳанги умумиинсонӣ буда, яке аз унсурҳои муҳими ҷомеаи муосир ва давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Он аз фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, шахсони мансабдор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат аст.

Дар "Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ" шарҳ дода шудааст, ки "фарҳанги ҳуқуқӣ як намуди фарҳанги ҷамъиятӣ буда, аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ, қонуният, такмили қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад. Мазмуни онро арзишҳое ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни фаъолияти инсон дар соҳаи ҳуқуқ ташаккул ёфтаанд [166, с. 268]. Сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии ҷомеа ҳамчун яке аз принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд медонад" [115].

Ба андешаи А.П. Семитко, "фарҳанги ҳуқуқӣ сифати баланди ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа аст, ки дар сатҳи ташаккули фаъолияти ҳуқуқӣ, амалҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ дар маҷмуъ ва дар сатҳи ташаккули қонунии субъект, ба ғайр аз ин дар сатҳи кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон инъикос мееёбад" [149, с. 431]. Ба назари олимони Ғарб устувории давлати ҳуқуқбунёд ба дарки қонуният ҳамчун яке арзишҳои фарҳангӣ вобаста аст [289].

Таҳқиқоти пурсамари фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла, унсурҳои миллии он бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон дар диссертатсияи номзадӣ ва докторӣ ва асарҳои профессор Э.С. Насриддинзода (Э.С. Насурдинов) гузаронида шудааст. "Муаллиф фарҳанги ҳуқуқиро дар доираи маърифати нави ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, озодии иқтисодӣ, эҷодӣ, илмӣ ва намуди дигари фаъолият, ҳуқуқ ва адолат таҳқиқ карда, фарҳанги (фарҳанги) ҳуқуқиро ҳамчун ғояҳое, ки фикру эҳсосотро амалӣ мекунад, эътиқоди ҳуқуқӣ, дастурҳоро, ки ба фаҳмиши дурусти низоми ҳуқуқии ҷомеа нигаронида шудаанд, муайян месозад, маънидод кардааст" [240, с. 114-121].

Ба андешаи муаллиф фарҳанг нишонаи ҷудоинопазири фаъолияти башарӣ аст. Ҳуқуқ ва фарҳанг ба ҳам пайванди мустаҳкам доранд. Фарҳанг ҳамчун низоми арзишҳои маънавӣ фарогири ҳуқуқ, андешаҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ мебошад. Сатҳи инкишофи мадании ҷомеа, дараҷаи рушди истеҳсолоти моддиву маънавӣ, инкишофи қобилиятҳои инсонӣ ба рушду камоли ҳуқуқ таъсиргузоранд [270].

Ҳамин тариқ, фарҳанги ҳуқуқӣ шарти муҳимми ҳаёти ҳуқуқӣ буда, маҷмӯи ҳамаи арзишҳо ва донишҳо, ки дар соҳаи ҳуқуқ одамон касб менамоянд. Дар баробари фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчунин субъектони муносибатҳои ҷамъияти дорои шуури ҳуқуқӣ мебошанд. Вобаста ба таносуби фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун мавҷуд буда, мавқеи ягона доир ба ҳар ду падидаи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Ҳамчунин фаҳмиши фалсафӣ, ҷамъиятӣ, ҳуқуқӣ ва педагогӣ, шуури ҳуқуқӣ мақсад ва мазмуни онро аз фарҳанги ҳуқуқӣ ҷудо менамояд.

Дар фалсафа шуури ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дар ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маҷмӯи ғояҳо, ҳиссиёт, эҳсосоти одамон нисбат ба ҳуқуқи мавҷуда ва гузашта, дар педагогика бошад, ҳамчун асоси тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд.

И.А. Иванников шуури ҳуқуқиро ба сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ дохил намуда, чунин таснифбандӣ менамояд: ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ, робитаи дутарафи ҳуқуқӣ ва қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва фаъолияти қонунии субъектон [209, с. 12]. Ба андешаи мо, дар баробари унсурҳое, ки муаллиф номбар менаомяд, ҳамчунин падидаҳои ҳуқуқӣ, илми ҳуқуқшиносӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ низ ба сохтори шуури ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

А.Е Пчелинсев қайд менамояд, ки шуури ҳуқуқӣ соҳаи муайян, ки воқеияти ҳуқуқиро дар шакли маърифати ҳуқуқӣ ва муносибат ба ҳуқуқ ва таҷрибаи татбиқи он, самтҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва тамоюлҳои арзишӣ, ки амалҳои одамонро дар вазъиятҳои муҳими ҳуқуқӣ мустаҳкам мекунад, инъикос менамояд [310, с. 19].

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки шуури инсон, ҷамъият ва ҳуқуқ дар қиёс вуҷуд дошта, аз ҳамдигар вобастаанд. Чӣ қадар сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон қадар одамон бештар рафтори қонунӣ интихоб мекунанд ва ҳамон қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мустаҳкамтар мешавад. Бинобар ин, нишонаи муҳими фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи шуури ҳуқуқӣ мебошад.

Дараҷаи мувофиқи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ташаккулёфтаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоисозии кофии ҳуқуқии аъзои ҷомеа замина ва шарти дарк кардани дараҷаи баланди масъулияти шахсии худ буда, яке аз вазифаҳои асосии фарҳанги ҳуқуқӣ баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва ба ин васила таъмин намудани сатҳу сифати зарурии фаъолияти иҷтимоию ҳуқуқии субъектҳо мебошад.

“Дар адабиёти илмӣ намудҳои гуногуни функсияҳои фарҳанги ҳуқуқӣ тасниф мегарданд. Дар байни муаллифони тоҷик профессор Р.М. Раҷабзода” [145] функсияҳои фарҳанги ҳуқуқиро ба танзимкунӣ, иттилоотӣ-коммуникативӣ, тарбиявӣ-таҳсилотӣ, маърифатӣ, арзишӣ, ҳифзи мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, ҷудо кардааст.

Дар баробари фарҳанги ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчунин мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» васеъ истифода мешавад. Вобаста ба маърифати ҳуқуқӣ дар солҳои охир таваҷҷӯҳ бештар зоҳир гардида, бархе муаллифон онро ҷузъи фарҳанги ҳуқуқӣ ва бархеи дигар ҳаммаънои шуури ҳуқуқӣ меҳисобанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ аз дидгоҳи олимони дохилӣ ва хориҷӣ баррасӣ карда шавад.

Ба андешаи профессор О.О. Миронов, “маърифати ҳуқуқӣ «танҳо марҳилаи ибтидоии дарки категорияҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ» мебошад ва ҳамчун қадамҳои минбаъдаи «омӯзиш, тарбияи фарҳанги ҳуқуқи инсон, таълим дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ» ба ҳисоб меравад” [236, с. 13-29].

Профессор О.Ю. Рубаков “маърифати ҳуқуқиро яке аз шаклҳои муҳими татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки бо ёрии маърифати ҳуқуқӣ мумкин аст ба шуур таъсир расонида, тарзи муайяни тафаккур, фарҳанги ҳуқуқиро

ташаккул дод. Муаллиф ба он диққати махсус медиҳад, ки ин соҳаро мақомотҳои давлатӣ бояд фаро гиранд, зеро маҳз мақомотҳо барои иҷрои вазифаҳои муайяншуда захираҳои калон доранд” [256, с. 14].

М.В. Барукина мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «Маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа паҳн кардани донишҳо дар бораи ҳуқуқ ва тавзеҳи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, инчунин амалияи татбиқи онҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани боварӣ ба зарурати риояи қонунҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад» [184, с. 58].

И.А. Иванников маърифати ҳуқуқиро яке аз усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ мефаҳмад ва онро ба таври зайл муайян мекунад: «Маърифати ҳуқуқӣ ин раванди паҳн кардани донишҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ мебошад, ки ба афзоиши фарҳанги ҳуқуқии онҳо, эҳтиром ба қонун, адолат ва қонуният мусоидат мекунад» [82, с. 280].

В.Л. Кулапов бошад, “маърифати ҳуқуқиро (бидуни ифшои мазмуни он) ба яке аз шаклҳои ташкилии таълими ҳуқуқӣ (дар баробари таълими ҳуқуқшиносӣ, ки онро «шакли ибтидоӣ» ва таблиғи ҳуқуқӣ меномад) тасниф мекунад” [100, с. 360].

Дар адабиёти таълимӣ муаллифон ҳангоми баррасии проблемаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар бораи маърифати ҳуқуқӣ кам ёдовар мешаванд, вале аксаран маърифати ҳуқуқиро яке аз ҷанбаҳои тарбияи ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоянд.

Дар боби 5 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон [19], ки ба сиёсати ҳуқукӣ дар соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқӣ бахшида шудааст, мафҳуми ва аҳаммияти маърифти ҳуқуқӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он муқаррар карда шудааст.

Бинобар ин, барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ниҳоят вусъат бахшидани ба таҳқиқотҳои илмӣ зарурати институти алоҳидаи илмӣ-таҳқиқотии ҳуқуқӣ ба миён меояд. Аммо имрузҳо дар кишвар институти алоҳида ва мусатиқили илмӣ таҳқиқотӣ дар самти ҳуқуқ вуҷуд надорад. Чунин инситути метавонад ба такмили қонунҳо, рушди

таҷрибаи илмию амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳоят бартараф кардани норасоии кадрии илмии дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ мусоидатӣ менамояд.

Дар байни муҳаққиқони дохилӣ низ андешаҳо оид ба маърифати ҳуқуқӣ вуҷуд дорад.

И.Ҳ. Бобоҷонзода ва Т.Қ. Қодирзода андеша доранд, ки “маърифати ҳуқуқӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ алоқаманд аст, аммо комилан мувофиқат намекунад, ҳеҷ яке аз истилоҳҳои дар боло зикршуда дигарашро ба таври назаррас дарбар намегирад. Тарбияи ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ ба маърифати ҳуқуқӣ ба ҳамон андоза дохил мешаванд, ки маърифати ҳуқуқӣ ба онҳо дохил карда шудааст, дар ҳоле ки маърифати ҳуқуқӣ мазмунан категорияи хеле васеътар аст” [330].

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ягонаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таъсиррасонӣ ба шуури ҳуқуқӣ баромад мекунад, ки дар навбати худ рафтори ҳуқуқиро (аз ҷумла дар шакли бештар инкишофёфтаи он - фаъолияти ҳуқуқии шахси воқеӣ) муайян мекунад.

Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи мафҳумҳои баррасишуда ба хулоса мерасем, ки фарҳанги ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ категорияҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ буда, ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд ва қисмати зеҳниву маънавии инсонро дар бар мегирад, инчунин дар маҷмуъ идеологияи ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Мафҳум ва моҳияти ҳар се категироя бо чунин нуктаҳо ҷамъбаст карда мешаванд:

- шуури ҳуқуқӣ – маҷмӯи ғоя, ақида ва эҳсосот мебошад, ки рафтори одамонро ба меъёр ва падидаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи он дар ҷомеа таҷассум

карда, навъи шуури инсонӣ ба ҳисоб меравад ва хусусияти тағйирпазирӣ дошта, дар баробари рушди ҷомеа, давлату ҳуқуқ такмил меёбад.

- фарҳанги ҳуқуқӣ – ҷузъи таркибии фарҳанги иҷтимоӣ буда, ҳолати ҳуқуқии шахс ва ҷомеаро аз нигоҳи сифатӣ тавсиф мекунад ва ҳамаи арзишҳои ҳуқуқиро фаро мегирад. Фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳама низомҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ вуҷуд дошта, сатҳи фаъолияти ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, сатҳи донишу рафтори ҳуқуқии одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҳамаи аҳолӣ, сатҳи кафолати давлатии ҳуқуқ ва озодии инсонро нишон медиҳад.

- маърифати ҳуқуқӣ – раванди паҳн намудани донишу тасаввурот дар бораи ҳуқуқ, тафсири меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, раванди амалигардонии онҳо, фаъолияти субъектҳои гуногун вобаста ба тавсеаи арзишҳо оид ба ҳуқуқ, озод ва уҳдадориҳои шаҳрвандон, инчунин тарзҳои татбиқи ҳуқуқии онҳо, таъсиррасонии мунтазам ба шуур ва муносибати одамон бо мақсади ташаккули ақидаҳову арзишҳои миллӣ, давлатӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Таҳкими волоияти қонун, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, сулҳу субот ва пойдории ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарҳанги баланди ҳуқуқиро талаб мекунад, ки бидуни он арзишҳо ва принсипҳои асосии ҷомеа, ба монанди қонуният, дахлнопазирии шахс, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, таъмини манфиатҳои давлативу ҷамъиятӣ пурра татбиқ намегарданд.

“Дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд” [33, с. 19-27]. Дар самти баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура бисёр ҷанбаҳои ташкили кор оид ба фарҳанги ҳуқуқӣ бо фармонҳо, дастурҳои прокурорҳо танзим карда мешаванд. Масалан, фармону дастурҳои прокурорҳои болоӣ ба зинаи поёнӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии кормандони прокуратура ба самарабахшии коргузорӣ, риояи қоидаҳои меҳнат, ҳисси масъулият ва иҷрои уҳдудориҳои касбӣ, одоби рафтору муносибати намунавӣ бо шаҳрвандонро таъмин менамояд.

Инчунин барои ташаккули таҷрибаи фаъолияти прокурорҳо мактубҳои иттилоотии мақомоти прокуратура аҳамияти кам надоранд. Дар баробари ин, заминаи ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти прокуратура дар самти фарҳанги ҳуқуқиро кофӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи мақомоти прокуратура оид ба такимили фарҳанги ҳуқуқӣ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ бо муқаррароти бевосита дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи прокуратура" муқаррар карда шавад.

Ба андешаи Т.Қ. Қодирзода "ҳуҷҷатҳои барномавии зикргардида дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меоранд, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд, инчунин дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат менамоянд" [305, с. 4].

Таснифҳои гуногун вобаста ба фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Фарҳанги ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва шахсӣ аз ҳам фарқ карда мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқии фардӣ сатҳи муқаррарӣ, касбӣ ва илмӣ дорад. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бештар ба ҳукуқшиносон таълуқ мебошад [166, с. 268].

Фарҳанги ҳуқуқӣ на танҳо ба шаҳрвандон дахл дорад, балки он дар фаъолияти коормандони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқӣ низ паҳн гардида, омили муҳими самарбахшии кори онҳо ба шумор меравад. Масалан олими рус Л.А. Петручак "дар илм категорияи «фаъолияти ҳуқуқии субъектҳо»-ро ворид намудааст. Ба андешаи ӯ, фаъолияти ҳуқуқӣ зуҳуроти олии рафтори ҳуқуқии шахс буда, ба шуури ҳуқуқӣ асос меёбад ва ба он вобаста аст, ҳаракати бошууронаи шахсро ба сӯи ҳуқуқ пешбинӣ менамояд" [132, с. 276]. Дар ин замина алоқаи зичи ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ бо падидаи дигари иҷтимоӣ – ахлоқӣ муайян мекунад.

Натиҷаи ниҳоии интизории татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқии ҷомеа мебошад.

Профессор В.Н. Синюков "мушкилоти муосири илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳуқуқро баррасӣ намуда, дархости ҷомеаро барои ташаккули фарҳанги пешрафтаи ҳуқуқӣ, ки имкон медиҳад, сари вақт ва самаранок бо онҳо

мубориза барад, таъкид менамояд. Дар давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ, ки ба он талош мекунанд, фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун муҳити табиии рушди инсон ва муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти ӯ амал мекунад" [259, с. 34].

В.Д Перевалов фаъолияти ҳуқуқиро ба назариявӣ (корҳои илмии ҳуқуқшиносон) ва амалӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ) ҷудо менамояд. Ба андешаи ӯ, фарҳанги ҳуқуқӣ бевосита ба корҳои ҳуқуқэҷодкунӣ таълуқ дошта, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони расмӣ, ки вазифаи танзими "муносибати байниҳамдигарии иҷтимоиро дар асоси қонун бо мақсади татбиқи он" иҷро мекунанд, ба фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир мерасонад [130, с. 322]. Қобили зикр аст, ки фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамзамон ба ҳамгуна фаъолияти ҳуқуқӣ хоҳ назария ва хоҳ амалӣ таъсир мерасонад. Яъне, нуктаи назаре, ки фарҳанги ҳуқуқӣ дар заминаи фаъолияти эҷодӣ-илмӣ ташаккул меёбад, чандон дуруст ба ҳисоб намеравад. Фаъолияти амалӣ, аз ҷумла ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамарӯза ба фаъолияти корманди мақомоти давлатӣ таъсир расонида, фарҳанги ҳуқуқии онро дар соҳаи муайян ташаккул медиҳад.

Аз ин рӯ, шуур ва фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони прокуратура дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ нақши муҳимро мебозад. "Шуури касбии ҳуқуқӣ - ақидаҳо, анъанаҳо, эътиқоди кормандоне, ки бевосита бо фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд ва дорои дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи корӣ мебошанд (судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, мушовирони ҳуқуқӣ, вакилони мақомотҳои намояндагӣ ва ғ.). Тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ, истифодаи онҳо дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи ба амал баровардани дастовардҳои афкори назариявӣ, принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқ бештар аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, аммо, аз тарафи дигар, воқеан инсонпарварӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст" [305, с. 18].

Фарҳанги ҳуқуқӣ низоми мураккаби омилҳои гуногунро дар бар мегирад, ки байни онҳо асосҳои институтсионалии ташкили низоми ҳуқуқии ҷомеа ва сифатҳои фардӣ-касбии хизматчиёни давлатӣ, шахсони масъули татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

Ба андешаи олими голандӣ Э. Блакенбург, “фарҳанги “меҳварӣ”-и ҳуқуқиро фарҳанги касбии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки барандагони он судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, нотариусҳо ва намояндагон дигар касбҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравaнд” [188, с. 104].

Н.О. Дуглас моҳияти фарҳанги касбии ҳуқуқиро дар ҷомеаи муосир баррасӣ карда, ба хулоса омадааст, ки сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқиро дар набудани низоми мукаммали интиқоли фарҳанги ҳуқуқӣ медонад [206, с. 193-196].

А.В. Петров ва Т.Ю. Котрикова фарҳанги ҳуқуқии касбиро ҳамчун заминаи рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа донистa, қайд менамоянд, ки сатҳи баланди он дараҷаи амиқи ахлоқӣ вобаста аст [248, с. 326-331].

Т.В. Касаева ба таҳқиқи фарҳанги ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар доираи масъулияти ҳокимият дар назди ҷомеа баҳо медиҳад [219, с. 36-38].

Аз ин рӯ, сатҳи рушди фарҳанги ҳуқуқии ҳуқуқшиносони касбӣ ҳолати шуури ҳуқуқӣ, ҳуқуққабулкунӣ, арзишҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеаро нишон медиҳад.

Ба андешаи М.А. Пронина, фарҳанги ҳуқуқӣ донистани меъёрҳои ҳуқуқӣ, эҳтиром ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, риояи меёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқ, менталитет, ҳавасмандии рафтор, анъанаҳо, одатҳо, эътиқод, эҳсосот, манфиат фаҳмида мешавад [251, с. 225]. Вобаста ба фарҳанги касбии ҳуқуқӣ, А.В. Петров ва Т.Ю. Котироква дониши чуқури қонунҳо, дарки танзими ҳуқуқӣ ва механизми таъмини тартиботи ҳуқуқиро мефаҳманд [248, с. 330-331].

Н.О. Дуглас шуури касбии ҳуқуқиро ҳамчун «сатҳи баланди доштани ҳуқуқ дар фаъолияти соҳавӣ-амалӣ» муайян мекунад [206, с. 194].

М.М. Муртазалиев қайд менамояд, ки “сохтори фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар худ донистани меъёрҳои ҳуқуқӣ, тасаввурот дар бораи воқеияти сиёсӣ ва иқисодии ҷомеа, сифатҳои касбӣ ва ахлоқии хизматчиёни давлатиро ташкил медиҳад. Хусусиятҳои фардии хизматчиёни давлатӣ бояд ба хизмати содиқона ба давлат равона карда шаванд, фактҳои ҳуқуқӣ бояд бо мавқеи рағбати шахсии риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ

фаҳмида шаванд ва танҳо дар сурат метавон дар бораи мавҷудияти фарҳанги баланди ҳуқуқӣ дар ҷомеа сухан гуфт” [237, с. 188-194].

Фарҳанги ҳуқуқии кормандони прокуратура фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ба шумор меравад. Онҳо дар баробари дигар мақомоти давлатӣ бештар ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва шууури ҳуқуқӣ худ ниёз доранд. Албатта пеш аз фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ бояд фарҳанг ва ахлоқи баланди инсониро дошта бошанд.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бо кормандони мақомоти прокуратура қайд карданд, ки «...кормандони прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҷассумгари сиёсат ва симои давлат мебошанд. Мардум аз рӯи рафтору кирдор, маҳорат ва сатҳи касбият, донишу маърифат, поквиҷдонӣ, фарҳанги муошират ва муносибати шумо ба уҳдадориҳои мансабӣ, инчунин, садоқат ба давлату миллат ба сифат ва самаранокии хизмати давлатӣ баҳо медиҳанд. Яъне шумо бояд чун ойина пок бошед ва вазифаҳои ба зиммаатон гузошташударо поквиҷдонона иҷро намоед. Аз ин лиҳоз, ба роҳбарони мақомоти прокуратура супориш дода мешавад, ки ба масъалаи аз шахсони тасодуфӣ тоза кардани сафҳои худ диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар хотир бояд дошт, ки ашхоси тасодуфӣ ҳуқуқи маънавии дар мақомоти прокуратура кор карданро надоранд» [339]. Ин суханҳои Пешвои миллат ҳамчун роҳбарикунанда дар сиёсати кадрии мақомоти прокуратур бошад.

Фарҳанги ҳуқуқии корманди мақомоти прокуратура як қатор хусусиятҳоро дорад, ки онро на танҳо дар байни ҳуқуқшиносони касбӣ, балки дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ фарқ мекунад. Мазмуни он пеш аз ҳама таҳкими фаъоляти назоратӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ, мубориза бо кирдорҳои хавфнок нигаронида шудааст, ки дар дарки воқеияти ҳуқуқӣ бармеояд.

Фарҳанги ҳуқуқии ва шуури ҳуқуқии қабл аз оғози вазифа дар савганди корманди мақомоти прокуратура [10] инъикос ёфта, он ҳамаи унсурҳои баланди фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла иҷрои хизмати хидмати содиқона, риояи

софдилонаи Конститутсияи ҶТ, қонунҳо, роҳ надодан ба ҳеҷ каҷравӣ, ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат, бо ҳушёрӣ муносибат кардан бо таклифҳо, аризаҳо ва шикояти шаҳрвандон, риояи адолат ҳангоми ҳал кардани тақдири одамон, қатъан ҳифзи кардани сирри давлатӣ ва сирри дигар, ки қонун ҳифз мекунад, садоқатмандӣ, тозагии ахлоқ, хоксорӣ, муқаддас доштани беҳтарин анъанаҳои прокуратура дар бар гирифтааст.

Зарурати баланд бардоштани дараҷаи фарҳанги ҳуқуқии коркунони прокуроратурараро муҳаққикон «набудани қобилияти муносибат ба одамон дар асоси эҳтиром; умуман паст будани дараҷаи фарҳанг; сатҳи нокифояи масъулияти шаҳрвандӣ ва худшиносии ватандӯстӣ; сатҳи пасти тахассуси касбӣ; дар байни намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавҷуд будани шуури ҳуқуқии манфии нобоварӣ, шубҳа ба одоб ва поквиҷдонии одамон, ба истилоҳ «презумпсияи гунаҳкор»; мавҷудияти таҳрифи ошкор ё ниҳонии маънои қонун, ки боиси ташаккули муносибати манфӣ нисбат ба ҳуқуқшиносон, қонун ва ҳатто ба конститутсия дар ҷомеа мегардад» [243, с. 139] меҳисобанд. Албатта, ҳамаи ин ба масъалаи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии коркунони мақомоти прокуратура дахл дошта, барои пешгирӣ кардани он бояд қадами аввалин тартиби интихобу ҷобаҷогузории мутхассисон дар мақомоти прокуратура мебошад. Бинобар ин, шарти муҳимми таъини мутахассисон дар мақомоти прокуратура, ки заминаи асосии фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳо низ мебошад, аттестетсияи кормандони мақомоти прокуратура мебошад.

Прокурор ба воситаҳои ҳуқуқӣ мушкилоҳоро дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ муайян карда, сабабу шароитҳои онҳоро бартараф менамояд ва яке аз воситаҳои самрабахш маҳз фарҳанг ва шуури ҳуқуқиву кордонии прокуророн мебошад.

Дар замони муосир аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла аттестатсияи кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории муосир ҳамчун меъёри ҳатмӣ барои муайян кардани мувофиқат ба мансаби ишғолнамуда, таъмини болоравии касбӣ, ҳалли масъалаи ба ӯ додани рутбаи ибтидоии тахассусӣ (дараҷавӣ) ва ғ. муқаррар карда мешавад.

Тибқи талаботи “қисми 5 моддаи 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба тартиби аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянкардашуда аз аттестатсия гузаронида мешаванд [10]. Ин тартибро Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст, муайян мекунад” [165, 149-157]. Тибқи санади мазкур ҳадафи асосии аттестатсиякунонӣ - муайян намудани муносиб будани корманди прокурорӣ ба мансаби ишғолнамудааш, лоиқ будани ӯ ба мансаби дигар ё мансаби баланди пешбаришаванда (ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда) ва дуруст амалӣ намудани кор бо кадрҳо мебошад.

Муаллифони ватанӣ ба ин назарнад, ки “бо мақсади такмили фаъолияти хизматчиёни давлатӣ низоми нави нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳодиҳии фаъолияти онҳоро таҳия ва татбиқ кардан зарур аст. Ҳамзамон ба инобат гирифтан лозим аст: баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчӣ бояд ба мувофиқати ӯ ба талаботи тахассусии вазифаи ишғолнамуда, иштироки ӯ дар ҳалли вазифаҳои ба воҳиди дахлдор вогузошташуда, мураккабии кори ӯ ва самаранокии он асос ёбад. Дониши касбӣ, таҷрибаи кор, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ва қобилияти ташкилотчигии ӯ ба назар гирифта шавад” [201, с. 175].

“Ташкил ва баргузории аттестатсия ба як қатор принсипҳои заминавӣ аз қабили ғайриҳизбӣ, умумӣ, ошкорбаёнӣ, беғаразӣ, коллегиалӣ, баҳодиҳӣ ва тавсиядиҳии асоснок, давравӣ (бонизомӣ), объективӣ, маҷмуӣ ва таъсирбахшӣ асос меёбад. Риояи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки дар ҳадди ниҳоӣ аттестатсия дар идоракунии ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар прокуратура истифода гардад. Дар асоси ин принсипҳо ва таърифҳо мафҳуми «аттестатсия» ва ҷамъбасти онҳо метавон гуфт, ки аттестатсияи корманди прокурорӣ расмиёти муқарраршудаи баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти хизматӣ, савияи дониш, маҳорати касбӣ ва дигар сифатҳои зарурии касбию

ахлоқӣ бо мақсади муайян кардани муносиб будани ӯ ба мансаби ишғолкарда, ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда, ҳалли масъалаи додани рутбаи дараҷавӣ, ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомот мебошад" [201, с. 176].

Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар доираи принсипҳои асосии фаъолияти низоми ҳуқуқии давлат амалӣ карда мешавад, албатта, дар ин ҷо унсури идеологӣ, ки барои таҳияи ҳадафҳои рушди давлат ва ҷомеа зарур аст, нақши муҳим мебозад. Дар ин замина, он ҳамчун шарти муайян ва дар айни замон роҳи амалисозии ин мақсадҳо амал мекунад, ки тавассути он муносибат, рафтор ва воқеияти иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Аз ҷумла, яке аз ҳадафҳои асосии рушди давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими давлати ҳуқуқбунёд мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф бояд сатҳи кофии фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа, мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боло бардошта шавад. Тақвияти сатҳи фарҳанги кормандони прокуратура ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиии онҳо бояд инъикос ёфта, пайваста дар доираи талаботи қонун қарор гирад. Фарҳанги ҳуқуқии онҳо бояд дар ҳифзи қатъии ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд ифода ёбад.

Ба андешаи П.Э Олейникова омӯзиши назариявӣ ва ҳуқуқии фарҳанги ҳуқуқӣ метавонад сарчашмаи тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии иҷрои вазифаҳои ҳуқуқӣ бошад ва аз ин рӯ, аҳамияти амалӣ дорад [244, с. 528-231].

Иҷроиши ҳатмии қонунҳо ва риояи онҳо ҳамчун муҳимтарин хусусият ва сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Рафтори ҳуқуқии кормандони прокуратура бояд пеш аз ҳама ба принсипи асосии фаъолияти касбии онҳо – қонуният асос ёбад. Тафаккури ҳуқуқии онҳо бояд тавре амал кунад, ки бо амали худ ба ҷомеа ва давлат манфиат расонида, ҳифзи манфиатҳои миллиро таъмин намояд. Аз ин рӯ, раванди фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура ба фароҳам овардани сатҳи зарурии саводнокии ҳуқуқӣ ва камолоти касбӣ нигаронида шудааст. Бояд гуфт, ки

фарҳанги баланди ҳуқуқии кормандони прокуратура ҳатман ба сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҳамаи аъзоёни ҷомеа мувофиқат кунад. Рафтори ҳуқуқии одамон бояд дарки онҳоро дар бораи аҳамияти ҳифзи қонуният ва тартибот ҳамчун шарти таркибии ташкили ҳаёти ҷомеа, ки имкон медиҳад, бехатарӣ ва оромӣ таъмин гардад, инъикос намояд.

Дар баробари гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки ҳар корманди мақомоти прокуратура бояд ба рафтори худ баҳо дода, барои амалҳои ҳуқуқӣ масъул бошанд.

Дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура бо роҳи омодагии касбӣ ва кадрии онҳо низ амалӣ карда мешавад.

Чуноне, ки О.Л. Чечко қайд менамояд, "низоми омодагии кадрҳо барои мақомоти прокуратура (омӯзиш дар муассисаҳои олии таълимӣ, такмили ихтисос, омодагии касбӣ) яке аз шартҳои калидии самарнокии фаъолияти мебошад" [278, с. 7-17]. Е.В. Вартанян пешниҳод менамояд, ки диққати асосӣ бояд ба омодагии касбии ҳуқуқшиносон, ба хусус кормандони прокуратура ба рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ва шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ равона карда шавад [194, с. 85]. Бо мавҷудияти сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ба иҷрои қонунҳо ва умуман беҳтар намудани вазъи қонуният муваффақ шудан имконнопазир аст. Вазъи имрӯзаи ҷомеаи мо, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, навсозии пуршиддати қонунгузорӣ, амалияи ба ҳам мухолифи қонунгузорӣ зарурати бетаъхир такмил додани шаклу усулҳои кори фарҳанги ҳуқуқии аҳолиро ба миён меорад.

Чуноне, ки файласуфи машҳур И. Илин қайд менамояд: «роҳи ягонаи хақиқии тамоми ислоҳот тадриҷан таҳкими шуури ҳуқуқӣ мебошад», зеро «такмил додани қонун маънои ихтироъ кардани конунҳои нав нест, балки амиқтар ва аз рӯи адолат парваридани шуури ҳуқуқист» [84, с. 107].

Яке аз роҳҳои пурсамари фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дар баробари ташаккули фарҳанг ва шуури ҳуқуқии худ инчунин инкишофи шуури ҳуқуқии ҷомеа мебошанд. Вазифаи муҳим дар роҳи баланд

бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ, пассивизми ҳуқуқӣ ва дигар шаклҳои деформатсияи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад.

Кормандони прокуратура дар асоси нақша ва чорабиниҳои дахлдор бевосита дар тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ саҳм гузошта, дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ корҳои зиёди амалӣ иҷро карда мешавад. Онҳо дар байни аҳолӣ баҳри ташвиқу тарғиби қонунгузории ҷорӣ, гузаронидани лексия ва суҳбатҳо тавассути воситаҳои ахбори умум, баррасии натиҷаҳои санҷишҳои прокурорӣ ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятии аҳамияти зиёди ҷамъиятидошта баромад мекунанд. Чунин фаъолияти ба самти ғайриназоратии мақомоти прокуратура дохил шуда, бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад.

Бархе аз муҳаққиқон иштироки прокурорро дар таблиғи фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳамчун бахши таркибии фаъолияти пешгирикунании мақомоти прокуратура меҳисобанд [75].

Бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти мақомоти прокуратура дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба прокурорҳо зарур аст, ки кори тарбияи ҳуқуқӣ ва иттилооти ҳуқуқиро тавре ташкил кунанд, ки он ба ҳадафҳои баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқии ҷомеа, сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, расонидани таъсири тарбия бо мақсади пешгирии ҷиноятҳо – ҳуқуқвайронкунӣ ё рафтори зиддиҷамъиятӣ ҷавобгӯъ бошад.

“Қисмати муҳими фарҳанги ҳуқуқии корманди прокуратура унсури соҳаи маънавӣ мебошад, ки барои зарурати доимии худтакмилдиҳӣ ва риояи принсипҳои қонуният ва тартибот масъул аст. Муҳаққиқони фарҳанги ҳуқуқӣ дар механизми ҳифзи ҳуқуқ ба ҳамин масъала ишора карда, дар ин замина як бахши муҳими фаъолияти корманди мақомоти ҳифзи ҳуқукро мубориза бо нигилизми ҳуқуқӣ меҳисобанд. Зеро ин падидаи ҳам дар байни худи прокурорҳо ва ҳам дар байни аҳолӣ мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, унсури

муҳими фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ташаккули ҳамкории мунтазам бо мардум мебошад” [262, с. 271-275].

Вобаста ба ин, дар назди прокуратура боз як вазифаи муҳими давлатӣ – андешидани тадбирҳо оид ба рафъи нигилизми ҳуқуқӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккул додани эҳтиром ба қонун дар шаҳрвандон гузошта шудааст. Воситаҳои ҳалли ин масъала гузарондани чорабиниҳо оид ба тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла бо роҳи хондани лексияҳо, суҳбатҳо, баромад кардан дар ВАО оид ба фаҳмонда додани қонунгузории амалкунанда мебошад.

Яке аз иқдомҳои бурург дар ин самт, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, № 668 соли 2024 эълон гардидани “Соли маърифти ҳуқуқӣ” мебошад. Дар тақвияти соли мазкур ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон нақши калон доранд. Аз ҷумла, мақомоти прокуратура сисила чорабиниҳои назариявӣ, илмӣ ва амалиро бахшида ба соли маърифти ҳуқуқӣ ба роҳ монда буд, ки ба ташаккули фарҳанг ва шуури ҳуқуқии ҳам кормандони мақомоти прокуратура ва ҳам шаҳрвандон дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсири мусбат расонд.

Дар баробари ин, мақомоти прокуратура бо ин мақсад ба яке аз самтҳои асосии фаъолияти худ – пешгирии ҷиноятҳо, муқовимат ба коррупсия, терроризм, экстремизм ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ корҳои фаҳмондадҳиро анҷом медиҳад.

Ҳамчунин, дар раванди фаъоилияти ҳуқуқэҷодкунӣ низ фаъолони иштирок намуда, ба такмилу тавзеҳи қонунҳо, таҳияи хулосаҳо ва таҳлили вазъи қонунгузории кишвар мусоидат менамояд.

Дар раванди амалигардонии вазифаҳо бахшида ба соли маърифати ҳуқуқ, яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа, яъне нигилимзи ҳуқуқӣ коҳиш дода шуда, муносибату мавқеи омма ба ҳуқуқ ва қонун тағйир меёбад. Бо ин васила, метавон гуфт, ки андешаҳо ва амалкардҳое, ки қабалан аз рӯи меъёрҳои шахшудаи иҷтимоӣ дар ҷомеа реша давонадаанд, бо амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқӣ иваз карда мешаванд.

Нигилизми ҳуқуқӣ таъсири манфӣ ба сатҳи фарҳанги ҳуқуқиии хизматчиёни давлатӣ ва хатари калон ба давлат дорад. Ҳамчунин алоқаҳои коррупсионӣ, ҳамкории ғайрирасмии байни роҳбарон ва кормандони идораҳо ва ба ҳамин монанд омилҳо ба сатҳи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ҷомеа низ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ барои пешгирии онҳо, таҳкими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус мақомоти прокуратура зарур мебошад.

И.Г. Борзенко ба ин назар аст, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои ташаккули фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ прокурорҳо дар доираи салоҳияти худ бояд усулҳо ва шаклҳои дар амал санҷидашуда ва аз ҷиҳати илмӣ исботшудаи фаъолиятро, ки санадҳои ташкилию маъмурӣ иҷозат додаанд, истифода баранд. Дар раванди корҳои маърифатӣ прокурор бояд усулҳои мувофиқи интиқоли дониш ё ба ибораи дигар усулҳои таълимро истифода барад [191, с. 99].

Иштироки прокуратураи шаҳр, ноҳия дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби мақомоти дигари давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо гузаронида мешаванд, ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат мекунанд. Мавзӯи чунин чорабиниҳо, чун қоида, фаҳмонидани тартиби татбиқи муқаррароти қонунгузории нав, проблемаҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ дар минтақаҳо мебошад. Шакли асосии ин кор иштироки прокурорҳо дар конференсияву ҷамъомадҳои илмию амалӣ, конфронсҳои интернетӣ ва матбуотӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, муҳокимаҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Зимнан дар марҳалаи кунунӣ сомонаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, муассисаҳои таълимӣ дар миёни аҳолӣ хеле маҳбубият доранд, ки аксари онҳо расман ҳамчун ВАО сабти ном нашудаанд. Вақтҳои охир шабакаҳои иҷтимоӣ (Телеграм, Ватсаап ва ғ.) бештар маъмул гаштанд, махсусан дар байни ҷавонон, ки дар он ҷо кори маърифати ҳуқуқӣ самараноктар аст, зеро ҷавонон нисбат ба ВАО анъанавӣ ба онҳо афзалияти бештар медиҳанд. Аз ин лиҳоз, бамаврид ба назар мерасад, ки дар шакли гузориши ҷорӣ тавзеҳот дар сомонаҳо ва (ё) саҳифаҳои иҷтимоии интернетӣ, ки дар давоми рӯз беш аз панҷсад ҳазор

корбарони интернет ба онҳо дастрасӣ доранд, ба инобат гирифта шавад [127, с. 19].

Ба андешаи М.В. Маматов, суханрониҳо дар ВАО ва шабакаи иттилоотии интернет имрӯз метавон ба таври ҳақиқӣ яке аз шаклҳои фарҳанги ҳуқуқшиносӣ номид. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ВАО, ки дар доираи он як намуди махсуси фаъолиятро бо риояи қоидаҳои беназири жанри худ дарк мекунад [111, с. 6].

Баъзан мушкилоти набуди интернет ва дигар ВАО дар минтақаҳои дурдаст ба назар мерасад, ки ба корҳои ташвиқотӣ таъсири манфӣ расонида, аҳолӣ аз руйдодҳо ва масоили муҳими атроф бехабар мемонанд. Бинобар ин, А.Ф. Галузин ба ин ақида аст, ки бо мақсади ташвиқоти ҳуқуқӣ прокурорҳо бояд дар воситаҳои ахбори оммавӣ баромад карда, дар интернет маводҳо ҷой диҳанд. Телевизион, радио ва интернет барои ба ҳар як шахс расонидани донишҳои ҳуқуқӣ имкониятҳои калон медиҳад. Ҳатто вақте, ки “дар ягон ноҳия ё шаҳр шабакаи маҳаллии радио мавҷуд нест, прокурорҳо бояд роҳи ҳалро ёбанд ва бо шабакаҳои телевизионӣ ва радиои ноҳияҳои ҳамсоя, ки пахши барномаҳои онҳоро имконпазир менамояд, дар ҳудуди ноҳияҳои назоратӣ барнома пахш кунанд ва бо аҳолӣ ҳамкорӣ намоянд” [200, с. 15-20].

Ҳамчунин корҳои тарғиботию ташвиқотиро дар бораи аҳамияти Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, дар бораи забон, муқовимат ба экстремизм ва терроризм, танзими ҷашну маросимҳо, кор бо ноболиғон ва ҷавонон, мурочиати шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирӣ ва мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, риояи қонунгузорӣ дар бораи замин, муҳофизати муҳити зист, риояи қонунгузории андоз ва гумрук, вобаста ба риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ғ.-ро роҳандозӣ намоянд.

Баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ омили муҳими самранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба шумор меравад. Он ба донистани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва роҳҳои ҳимояи онҳо, пешгирии ҳама гуна амалҳои ғайриқонунӣ ва мубориза алайҳи падидаҳои номатлуби замони муосир, аз ҷумла муҳоҷирати ғайриқонунӣ; низоъҳо, ҳуқуқвайронкунӣ ва

кирдорҳои зиддиҷамъиятии noболиғон; терроризм ва фаъолияти экстремистӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо; истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет барои содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ; коррупсия ва ғ. мусоидат мекунад.

Нақши асосии мақомоти давлатӣ аз ҷумла мақомоти прокуратура дар он зоҳир мегардад, ки ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ташаккули сатҳи риояи қонунро вусъат бахшанд. Барои дар шаҳрвандон тарбия намудани эхтиром ба қонун ва рафъи нигилизми ҳуқуқӣ аз имкониятҳои мавҷудаи мақомоти прокуратура оид ба рушди мунтазами фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифатнокии аҳолӣ ҳарчи бештар истифода бурдан зарур аст. Вазифаи маърифаткунонии прокурорҳо аз он иборат аст, ки он ба аҳолӣ меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, конститутсионӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, замин, манзил, қонунгузории маъмурӣ, интихоботӣ; масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ҳангоми хизмати давлатӣ, соҳаи ҳифзи муҳити зист, ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон, риояи ҳуқуқҳои субъектҳои соҳибкорӣ ва ғ.-ро бояд фаро мегиранд.

Дар баробари ВАО ҳоло шакли паҳншудаи расонидани дилхоҳ иттилоот тавассути сомонаҳои мақомоти давлатӣ ва ҷамъитӣ мебошад. Мақомоти прокуратура низ бояд аз чунин сомонаҳои худ бархурдор бошад ва вазифаҳои гуногун, аз ҷумла иттилооотонӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, китобхонаи электронӣ ва ғ.-ро фаро гирад. Дар сомонаҳои интернетии худ маълумоти зарурӣ ҷой диҳанд. Зарур аст, ки чунин сомонаҳо бояд фаъол бошанд, зеро корбарони онҳо бештар аз шунавандагону тамошобинони радиову телевизионҳо мебошанд. Дар сомонаҳо бояд маводи иттилоотӣ, видеоҳои иҷтимоӣ, маводи визуалӣ, шарҳу тафсирҳои ҳуқуқӣ ҷой дода шавад.

Ба андешаи А.И. Петров прокурорҳо дар доираи кори худ оид ба маърифати ҳуқуқӣ бо шаҳрвандоне, ки шуури ҳуқуқии вайроншуда доранд, кор мекунанд. Дар ин ҷо бешубҳа танҳо ба шаҳрвандон додани дониши меъёрҳои ҳуқуқӣ кифоя нест, балки ба онҳо унсурҳои эҳсосӣ-арзишӣ ва рафтории шуури

ҳуқуқиро фаро гирифтан зарур аст. Барои прокурорҳо ҷиҳати баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ мутахассисони соҳаи психология ва педагогика ҷалб намудани онҳо муфид мебошад [249, с. 105-113].

Албатта, барои ба даст овардани самараи дилхоҳ ҳангоми таъсиррасонӣ ба ҷузъи эмотсионалӣ, арзишӣ ва рафтории шуури ҳуқуқӣ аз усулҳои муайяни психология ва педагогика истифода бурдан лозим аст. Аз ҷумла, В.В. Стреляева қайд мекунад, ки тарбияи ҳуқуқӣ усулҳои фаъолро истифода мешавад, ки самаранокии худро аллакай собит кардаанд [316]. Дониши касбии равоншиносӣ барои муайян кардани дурнамои касбии хизматчии давлатӣ, имкони барвақт мутобиқ шудан ба шароити нави меҳнат, муайян кардани баъзе мушкилот ва ҳалли онҳо зарур мебошад.

Аз ин рӯ, омодагии маънавӣ-равонии кормандони прокуратура яке аз усулҳои ташаккули фарҳанг ва шуури ҳуқуқии онҳо дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ ба шумор меравад. Он ба фаъолгардонӣ ва мустаҳкамкунии ҳисси масъулият вобастагӣ дошта, татбиқи он дар муносибат бо донишҳои равоншиносӣ ва педагогӣ амалӣ мешавад. Бинобар ин, барои кормандони прокуратуру зарур аст, ки омодагии касбии психологӣ гиранд ва бо онҳо чорабиниҳои махсуси психологӣ-тарбиявӣ ба роҳ монда шавад.

Роҳи дигар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура ин риояи этикаи касбӣ мебошад. Дар фаъолияти мақомоти прокуратура принсипҳои адолат, эҳсоси масъулиятшиносӣ, шафофият, воқеият ва ғ. асосҳои муҳими роҳбарикунанда буда, ба этикаи касбии онҳо мусоидат мекунад. Дар асоси принсипҳои мазкур меъёрҳои этикаи касбӣ яъне тарзи муносибат ва муошират бо шаҳрвандон, кормандон ва қабули дархост ва ё суҳбати ру ба рӯ дуруст ба роҳ монда мешавад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои татбиқи пурсамари этикаи касбӣ ҳангоми фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура санади алоҳидаи ҳуқуқӣ дар асоси Кодекси одоби хизматчиёни давлатӣ [5] ҳамчунин Қоидаҳои одоби кормандони мақомоти прокуратура таҳия карда шавад. Дар ин санад зарур аст, ки чунин нуктаҳо ба инобат гирифта шаванд: эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифзи

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; эҳтироми таърих, урфу одатҳои миллӣ ва фарҳангӣ ва нишон додани таҳаммулпазирӣ; боло гузоштани манфиати давлат аз манфиати шахс; муносибати бодиққатона ва бомасъулият нисбати мурочиати шаҳрвандон; худдорӣ аз истифодаи мақоми хизматӣ, ғарази шахсӣ ва худнамоӣ дар нуқтаҳои савдо, хизматрасонӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ; вобаста набудан аз таъсири шаҳрвандони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ; нишон додани рафтори одилона; роҳ надодан ба бартарӣ додан дар асоси мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк ва дигар асосҳо; иснод наовардан ба шаъну шараф, обрӯю эътибори касбию шахсии худ, дигарон ва ғ.

Ҳангоми ба нақша гирифтаи маърӯза дар байни омма бо мақсади тарбияи ҳуқуқӣ, прокурорхо бояд аз амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мисолҳо оваранд, дар интихоби фактҳои боэътимоду қонеъкунанда иштибоҳ накунанд. Маҳз ҳамин усули интиқоли иттилооти дорои хусусияти ҳуқуқӣ бо қонун ва қобилияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо эътимоди бештари шаҳрвандонро ба вуҷуд оварда, аз ин рӯ муносибати эҳтиромона ба қонун ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқитатбиқкуниро боло мебарад.

Барои роҳ надодан ба ин гуна амалҳо бояд таҷрибаи кори прокуратураи шӯравӣ ва фаъолияити тарғиботии қонунгузории шӯравиро омӯхт. Дар прокуратураҳои ҷумҳуриҳои иттифоқии ИҶШС, коркунони прокуратура, масъулони тарғиби қонунгузории шӯравӣ ва систематизатсия барои прокуратураҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ тезисҳои лексионӣ таҳия мекардаанд [150].

Барои тақвияти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ зарурати ба инобат гирифтани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, машварату норасоиҳо дар соҳаи муайян ба миён меояд.

Бо андешаи М.С. Андрианов унсури муҳими фаъолияти фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ – ба қайд гирифтани ҳатмии пурсиши афкори аҳли ҷамъият ва андешаҳо оид ба мавзуъҳои ҳуқуқӣ мебошад. Афкори ҷамъиятӣ дар бораи қонун ва амалияи татбиқи он маҷмӯи мубоҳисаҳои арзишӣ мебошад, ки муносибати одамонро ба падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ инъикос мекунад [177, с. 33-39].

Мурофиаи судӣ яке аз зинаҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ба ҳисоб рафта, прокурор ҳамчун субъекти фаъоли он мебошад. Дар рафти мурофиаи судӣ тавзеҳоти қонунгузорӣ нақши муҳим мебозад. Прокурор дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ иштирок мекунад. Дар баробари ин, суханронӣ ва дигар амалҳои мурофиавии прокурор ҳангоми баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо, шарҳ додани мазмуни ҳуқуқии амалҳои иштирокчиёни дигари мурофиаи судиро талаб мекунанд, ки он низ сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандони ҳузурдошта таъсир мерасонад.

Аз рӯи таҷрибаи дигар давлатҳо, кормандони прокуратура барои самараноктар гардонидани фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон як қатор чорабиниҳои шавқоварро амалӣ менамоянд. Масалан, дар ФР, баъзе прокурорҳои ноҳияҳои шаҳрӣ озмунҳои ҳуқуқӣ, бозиҳои зеҳнӣ, викторинаҳо ташкил карда, ба ин кор ниҳодҳои давлатии ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҷалб мекунанд. Корҳои иштирокчиёни озмун дар шакли таблиғи иҷтимоӣ дар стенд ва баннерҳо дар кӯчаҳои маркazии шаҳру деҳот ҷойгир карда шудаанд [200, с. 15-20]. Аз рӯи чунин таҷриба метавон баҳра гирифта, мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти давлатиро зарура аст, ки барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа аз чунин амалияҳо истифода кунанд.

Ҳамин тавр, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқие мебошад, ки мақомоти прокуратура пеш мебарад. Кормандони мақомоти прокуратура бояд то ҳадди имкон барои дарки меъёрҳои ҳуқуқӣ, фаро гирифтани шаҳрвандон бо маълумоти ҳуқуқӣ маводҳоро дастрас карда, маърӯзаҳои худро дар шакли оммафаҳм пешниҳод намоянд.

Аз рӯи таҳлили гузаронидашуда ба чунин натиҷа мерасем, ки фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура бо ду роҳи асосӣ ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсир мерасонад: 1) бо роҳи худтакмилдиҳӣ, омӯзиши амиқи ҳуқуқ ва такмили ихтисос; 2) бо роҳи тарғибу ташвиқи фарҳанги ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани шуури шаҳрвандон. Такмили фарҳанг

ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар шакли умумӣ (таълими донишҳои ҳуқуқӣ, тарғиби қонун дар байни аҳолӣ) ва махсус (дар байни гуруҳи алоҳидаи одамон, масалан ноболиғон, хизматчиёни давлатӣ ва ҳарбӣ, маҳбусон ва ғ.).

Фарҳанг ва шуури ҳуқуқии корманди прокуратура – ба намуди шуури ҳуқуқии касбӣ дохил шуда, дар раванди татбиқи фаъолияти он инкишоф меёбад. Бо таҳлили масъалаҳои назариявӣ, роҳҳо ва хусусиятҳои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии кормандони прокуратура метавон гуфт, ки он ҳамчун як бахши фарҳанги умумии ҳуқуқӣ амал карда, ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми низоми ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Бинобар ин, фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун унсури самарноки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ буда, дар ташаккули шахсияти корманди прокуратура нақши калон дорад. Он як ҷузъи муҳими баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дар оянда заминаҳои иҷрои қонунӣ ва самараноки вазифаҳои хизматии кормандони прокуратура мегарданд.

Доираи объектҳои фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ маҳдуд нест - ин ҳам дар маҷмӯъ аҳолӣ ва ҳам табақаҳои алоҳидаи он: ноболиғон ва ҷавонон, аҳолии қобили меҳнат, пиронсолон, нафақахӯрон ва маъюбон, маҳбусон, ятимон ва ғ. мебошанд. Дар баробари ин, самараи бештари фарҳанги ҳуқуқиро тавассути маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои шумораи номуайяни шаҳрвандон ва истифодаи мақсадноки шаклҳои гуногуни маърифати ҳуқуқӣ фаро гирифта шудаанд, ба даст овардан мумкин аст.

Баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ раванди муҳим буда, ба раванди иҷтимоӣ дохил мешавад, яъне он бояд дар тамоми давраи хизмати корманди прокуратура ба амал бароварда шавад. Фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони прокуратура ҷузъи таркибии фаъолияти назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии онҳо ба шумор рафта, бо чунин нуктаҳо тақвият меёбад.

Якум, ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ маърифат ва дониши кофӣ зарур аст, ки шахсони мансабдори мақомоти прокуратура санадҳои ҳуқуқтатбиқкуниро таҳия ва қабул кунад.

Дуюм, фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти мақсаднок, дуруст ва қонунии ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки самаранакоии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунб баланд гардад.

Сеюм, асоси ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Зеро ҳама намудҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар натиҷаи таълими ҳуқуқӣ ба даст меоянд. Маърифати ҳуқуқиро метавон ҳамчун воситаи баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокурартура махсуб донист.

Чорум, шуури ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчунин дар раванди ба даст овардани маълумот дар бораи вайронкуниҳои қонун, дар раванди муносибат бо шаҳрвандон, ки дар навбати худ ба вазъи қонуну тартибот ҳам таъсир мерасонад, зарур мебошад.

Панҷум, фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ бо ҳам алоқаманданд; сатҳи фарҳанги ҳуқуқиро шуури ҳуқуқӣ нишон дода, фарҳанги ҳуқуқӣ бошад сатҳи такмилёфтаии шуури ҳуқуқӣ мебошад.

Шашум, рафтори ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура тавассути фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ муайян шуда, ба воситаи қонун ба расмият даровварда мешавад.

Ҳаштум, ҳамагуна фаъолияти ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура аз сатҳи шуури ҳуқуқии онҳо вобаста аст.

Нуҳум, рафтори ҳуқуқии кормандони прокуратура бояд пеш аз ҳама ба принсипи асосии фаъолияти касбии онҳо – қонуният асос ёбад. Тафаккури ҳуқуқии онҳо бояд тавре амал кунад, ки бо амали худ ба ҷомеа ва давлат манфиат расонида, ҳифзи манфиатҳои миллиро таъмин намояд. Аз ин рӯ, раванди фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура ба фароҳам овардани сатҳи зарурии саводнокии ҳуқуқӣ ва камолоти касбӣ нигаронида шудааст.

Барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура ба инобат гирифтани чунин корҳо зарур мебошад.

1) такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура ва ҷалби онҳо ба омӯзиш; ба ҳамаи кормандони ҷиҳати боло бурдани фарҳанг ва фарҳанги ҳуқуқӣ корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва тарғиботӣ ба роҳ монда шавад. Ба хусус дар ин самт тарбияи маънавӣ-ахлоқии кормандони прокуратура муҳим мебошад.

2) барои ҷоннок намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва кор бо шаҳрвандон кормандони мақомоти прокуратура бояд пеш аз ҳама усулҳои равоншиносӣ, ки ҳам ба ташаккули рафтори қонунӣ ва ҳам ҳавасмандгардонии фаъолияти ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, аз худ намоянд. Суханронии корманди мақомоти прокуратура, ки дар доираи кори маърифати ҳуқуқӣ сурат мегирад, бояд ба ҳамаи 3 ҷузъи шуури ҳуқуқӣ (маърифатӣ, ҳиссӣ-арзишӣ, рафторӣ) таъсир расонад;

3) таъминоти методии фаъолият, аз ҷумла бо роҳи тартиб додани лексияҳои намунавӣ ва ғ. бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси прокурорҳо;

4) барои кори тақвияити фарҳанги ҳуқуқӣ бояд афкори ҷамъиятии шаҳрвандон дар бораи зуҳуроти ҳуқуқӣ, қонунгузории амалкунанда ва амалияи татбиқи он, аз ҷумла тавассути саволнома ва пурсишномаҳо ба назар гирифта шавад;

5) ҷиҳати ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ, ҳамчунин донистани қоидаҳои этикаи касбӣ, муошират ва муносибат зарур аст, ки Қоидаҳои одоби кормандони мақомоти прокуратура таҳия карда шавад ва он дастури кори онҳо бошад. Қоидаҳои мазкур масъалаҳои гуногунро ҳал менамояд, маҳакҳои олии касбиро ташаккул медиҳад, ҷанбаҳои баланди ахлоқӣ-касбӣ ва меъёрҳои вазифавӣ ва амалҳои дигарро муқаррар менамояд;

6) такмили қонунгузорӣ дар самти мубориза бо муқовимат ба коррупсия ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ содир мешаванд;

7) танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура дар соҳаи фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ, ҳалли мухолифатҳо дар қонунҳо, ки ба сифати иҷрои вазифаҳои дахлдор дар самти ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсир мерасонад.

8) васеъ кардани назорати ҷамъиятии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти прокуратура.

## 3.4. Самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ҳамчун навъи фаъолияти прокуратура ташаккул ёфта, онро метавон ба фаъолияти васеътар «ҳуқуқтаъминкунӣ» алоқаманд намуд, ки дар худ ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкуниро фаро мегирад. Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ба намудҳои фаъолияти оперативӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ ҷудо мешавад, ки маҷмӯи таркибии чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Фаъолияти оперативӣ ба таҳия, тағйир додан ё қатъ кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар асоси риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Ин шакли ҳуқуқтатбиққунӣ ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ нигаронида шуда, дар намудҳои мушаххаскунӣ ва назорат амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура фаъолиятест, ки ба ҳифзи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз вайронкуниҳо нигаронида шуда, дар рафти онҳо назорат аз болои амали субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ва қабули қарорҳо бо мақсади таъмини риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқи сурат мегирад. Дар ин раванд мақомоти прокуратура ҳамчун субъекти ҳуқуқтатбиққунӣ дар раванди баррасии баҳсҳо ва татбиқи ҷазо, амалҳои гуногуни пешгиркунанда дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ иштирок мекунад, таъмин менамоянд. Прокурорҳо дар ҳудуди худ амалияи ягонаи ҳуқуқтатбиққуниро ташкил намуда, барои қабули қарорҳо оид ба гузаронидани санҷиш тавсияҳо тартиб дода, баъзе қоидаҳои тайёр кардани онҳоро ташаккул медиҳанд.

Аз таҳлилҳои олимон бармеояд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти мухталифи давлатӣ дар самтҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Чуноне, ки дар яке аз таҳқиқот қайд гардидааст: «Вақтҳои охир мақомоти

прокуратура барои мустаҳкам намудани қонуният ва тартибот дар мамлакат корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Мо дорои ваколатҳои истисноии назоратӣ ҳастем, аз ин рӯ, дар ҳар як соҳаи ҳаёти имрӯза агар қонун вайрон карда шавад, объекти дахолати прокурорӣ мегардад” [179, с. 12-16].

Дар асоси назарияи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ самтҳои он ба намудҳои гуногун тафсир карда мешаванд. Дар тафсирбандии олимон 3 самти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон дода шудааст: ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти иҷтимоӣ-иқтисодӣ; дар соҳаҳои ҳуқуқи оммавӣ (ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, экологӣ, байналмилалӣ), дар соҳаи касбии ҳуқуқӣ [120, с. 3].

Аз рӯйи дигар тафсирбандӣ, фаъолияти назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба чунин самтҳо ҷудо карда шудааст: “назорати прокурорӣ аз риояи конститутсия, иҷрои қонунҳо ва қонунияти санадҳои ҳуқуқӣ; назорати прокурорӣ аз иҷрои қонунҳо дар мақомоте, ки таъқиб ва тафтишоти пешакиро амалӣ менамоянд; назорати прокурорӣ аз иҷрои қонунҳо дар мақомоте, ки фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷиро амалӣ менамоянд; назорати прокурорӣ аз иҷрои қонунҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳое, ки ҷазо ва чораҳои маҷбуркунии аз тарафи суд, маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон ва маҳбусон таъин карда шудаанд; ҳамоҳангсозии фаъолият бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, арбиражӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти прокуратура баромад мекунанд” [128].

Чунин зиёд будани самтҳои фаъолияти прокуратура ба назари В.Д. Ломовский асосан ба вазифаҳои зайл ҷудо мегарданд: назорат; ташкили мубориза бар зидди ҷинояткорӣ; омухтани вазъияти қонуният; андешидани тадбирҳои мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ; ҳамоҳангсозӣ бо мақомот ва ташкилот [227, с. 63-64].

А.Д. Берензон қайд менамояд, ки дар прокуратура вазифаҳои назоратӣ, криминологӣ, криминалистӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва тарбиявии ҳуқуқӣ мавҷуданд [48, с. 31].

Ба андешаи А.Х. Казарина дар доираи ваколатҳои прокуратура се самти назоратро аз иҷроиши қонун муайян кардааст: 1) ҳатмӣ (назорат аз болои риояи қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ); 2) асосӣ (назорат ба қонуният дар фаъолияти давлат ва мақомоти мунисипалии назорати тобеият; 3) ёрирасон (назорат аз болои иҷрои конунҳо аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) [302].

Профессор М.А. Маҳмудзода қайд мекунад, ки "самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратура ниҳоят васеъ буда, он назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ сохта, ҷиноятро мавриди тафтиш қарор медиҳад. Ин ниҳод чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, ифротгароӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро якҷо бо дигар мақомоти давлатӣ баҳри таъмини амнияти давлату ҷомеа таҳия ва татбиқ намуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқукро оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии он таъмин менамояд" [233, с. 11-13].

Ба андешаи муаллифони ватанӣ, аз ҷумла Ю.А. Раҳмон ибораи самтҳои асосӣ марбут ба назорати прокурорӣ, чун фаъолияти мустақили давлатӣ буда, бештар ба соҳаи назорати прокурорӣ ҳамчун назарияи прокурорӣ ба сифати соҳаи ҳуқуқ алоқамандӣ дорад. Бинобар ин, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура, ки аз маҷмӯи қоидаҳои рафтори ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба расмият даровардашуда тақвияту такмил ёфтаанд, предмети батанзимдарорӣ, субъекту объекти он, мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ, салоҳият ва санадҳои эътиноии худро доранд, чун соҳаи назорати прокурорӣ муаррифӣ мешаванд. "Самтҳои алоҳидаи назорати прокурорӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборатанд, ки муносибатҳои сифатан якхелаи назорати прокуророриро ба танзим дароварда, аз лиҳози предмет, субъект ва объект, мазмуну маҳаки ҳуқуқӣ, санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ фарқ мекунанд. Вақте, ки соҳаи назорати прокурорӣ мегӯянд, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро мефаҳманд, ки як самти фаъолияти прокурориро пурра, ҳаматарафа ба танзим даровардааст. Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура ҷузъи таркибии функсияҳо,

доираи муайяни фаъолияти мақомоти прокуратура мебошад, ки бо предмет, метод, вазифаҳо, ваколатҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ тавсиф дода мешавад” [144].

Д.А. Олимзода вазифаҳои назорати прокурориро ҳамчун категория дар муқоиса бо ҳадафҳо бештар хусусият мушаххастар дорад. Онҳо аз ҷиҳати мазмун, воситаҳои ҳалли масъалаҳо, доираи субъектҳои прокуратура, ки ин вазифаҳоро ба миён гузоштаанд, ҳал мекунанд. Дар низоми тақсимоти ваколатҳо прокуратура ҷойи мустақилро ишғол менамояд, зеро ин мақоми қонунияти конститутсиониро бо самаранокии бештар таъмин намояд. Маҳз мустақилияти мақомоти прокуратура шарти зарурии таъмини қонунияти конститутсионӣ мебошад [245, с. 462-465].

Самтҳо ва вазифаҳои прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузорӣ муақаррар гардидааст, ки аз Конститутияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд ва мушаххас дар қонунгузории соҳавӣ танзим карда шудаанд.

Дар моддаи 93 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки “назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд” [1].

Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура дар “моддаи 5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон дода шудаанд, ки мувофиқи он 11 самти фаъолияти мақомоти прокуратура муайян карда шудааст” [10]:

– назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои ҶТ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд;

– назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдор;

– назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

– ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ;

– назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

– назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти салоҳиятдор;

– тафтишоти ҷиноятҳо;

– таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгароӣ) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;

– иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо;

– эътироз овардан нисбати ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд.

Аз муқаррароти Конуститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратура” бармеояд, ки соҳаҳои фаъолияти мақомоти прокуратура пурра мушаххас карда шуда, самт ва зерсамтҳои гуногунро фаро мегиранд.

Чунин самтҳо дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура низ паҳн гардида, дар ҳар соҳаи алоҳида ҳуқуқ мақомоти прокуратура фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро амалӣ менамояд.

Яке аз самтҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратуаро таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Ба гуфтаи О.В. Воронин, «азбаски риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд объекти тамоми шохаҳои назорати прокурорист, ин фаъолият яке аз сатҳҳои назорати прокурориро ифода мекунад» [68, с. 110].

Мақсади асосии чунин намуди фаъолияти мақомоти прокуратура ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, арзишҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва давлат, инчунин ҳуқуқи инсон предмети фаъолияти прокурорӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти аввалиндараҷа дошта, ҳамчун неъмати аз ҷониби ҷамъиятӣ ҳифзшаванда, баробар бо дигар арзишҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад.

Прокуратура вазифаи муҳими назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро иҷро мекунад. Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда тавассути вокуниши прокурор ба ҳуқуқвайронкуниҳо бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳо сурат мегирад.

Аз ин рӯ, чуноне, ки О.В. Воронин менависад: «намуди мушаххаси фаъолияти прокурорӣ (прокуратура) метавонад ҳам дар шакли фаъолияти ҳифз ва барқароркунӣ сурат гирад, татбиқи як қатор вазифаҳои мақомоти прокуратураро инъикос ва воситаҳои гуногуни вокуниши прокурориро таъмин намояд” [198, с. 90]. Предмети соҳаи алоҳидаи фаъолияти прокуратура таъмини ҳуқуқу озодиҳоеро дар бар мегирад, ки назорати онҳоро субъектҳои дигар соҳаҳо фаро намегиранд. Назорати риояи онҳо вазифаи соҳавӣ буда, мавҷудияти онҳо мавзӯи алоҳидаро ташкил медиҳад.

Вобаста ба таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мақомоти прокуратура санадҳои дахлдор [36] қабул карда мешаванд, аз ҷумла Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2011, №30 "Дар бораи пурзур намудани назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ" ва аз 5 ноябри соли 2008, №15 "Дар бораи ташкили

назорати прокурорӣ аз болои тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ" ва ғ. қабул карда шудаанд

Объекти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ эътироф гардидаанд, дар моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян гаштааст. Он риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шаклҳои моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқат намудани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд, дарбар гирифтааст.

Дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дар самти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон объекти «ҳимояи ҳуқуқи инсон» шахс ва шаҳрванд бо ҳуқуқ, озодиҳо, манфиатҳои қонунии ӯ буда, амалӣ ва риояи онҳоро мақомоти прокуратура ҳангоми иҷрои ваколатҳои берун аз доираи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Ваколатҳои прокурор воситаи ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, навъи кафолати таъмини ҳуқуқи муайянро ифода мекунанд.

Дар ин маврид андешаи М.В. Баглай дуруст аст, ки «ҳар як ҳуқуқ танҳо он вақт амалӣ мегардад, ки он ба вазифаи таъмини уҳдадорӣ аз ҷониби мақомоте мувофиқат карда, кафолатҳо дар робита ба мазмуни ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ вуҷуд дошта бошад, ки ин вазифаи давлатро ташкил медиҳад» [46, с. 305]. Бинобар ин, прокуратура дар доираи салоҳияти худ ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад мекунад [50, с. 22]. Тибқи моддаи 12 Қонуни конситутусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақомоти прокуратура вазифадор аст, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ арзу шикоятҳо ва дигар муроҷиати

шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо баррасӣ намуда, барои рафъи онҳо чораҳо андешад. Барои татбиқи ҳуқуқҳояшон мурочиатҳои хаттӣ ва мурочиатҳои шифоҳии онҳоро баррасӣ менамояд.

Мурочиати пайвастаи шаҳрвандон худ гувоҳи он аст, ки онҳо аз ҳуқуқи дар моддаи 31 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо додашуда бобати шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ба мақомоти прокуратура мурочиат намудан самаранок истифода мебаранд. Шаҳрвандон ҳуқуқи мурочиатро амалӣ намуда, ба барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда, ба адолату ҳақиқат даст меёбанд. Ҳуқуқи бо аризаву шикоятҳо мурочиат кардани шаҳрвандон, ки аз падидаҳои муҳимтарини иҷтимоии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад, аз тарафи прокуророн ба ҳайси яке аз усулҳои асосии таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва ба андозае ҳифзи манфиатҳои давлатӣ фаъолона истифода мегардад [144, с. 156]. Қобили зикр аст, ки дар баробари усулҳои мазкур мурочиати шаҳрвандон аз василаҳои асосии ҳуқуқтатбиққунии онҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин фармони алоҳидаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2016 «Дар бораи пурзӯр намудани назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми қабули шаҳрвандон ва баррасии мурочиатҳои онҳо» [37] ва дигар санадҳо қабул карда шудаанд.

Ю. А. Раҳмон аз рӯи муҳтаво ва моҳияти назорати прокурорӣ ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд доираи чор гурӯҳи одамонро ҷудо менамояд:

– шаҳрвандони ҶТ, яъне шахсоне, ки дар рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон шаҳрвандии ҶТ-ро соҳиб шудаанд;

– шаҳрвандони хориҷӣ, яъне шахсоне, ки шаҳрвандии ҶТ-ро надошта, шаҳрванди давлати хориҷӣ мебошанд;

– шахсони дорои душаҳрвандӣ, яъне онҳое, ки мутобиқи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон дорои шаҳрвандии давлати хориҷӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

– шахсони бешаҳрванд, яъне онҳое, ки тибқи қонунгузории ягон давлат шаҳрванди он ҳисобида намешаванд [144, с. 152].

Аз таснифи додашуда бармеояд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура чунин доираи одамонро фаро гирифта, вобаста ба татбиқи ҳуқуқҳои ҳар як гуруҳ прокуратура чораҳои дахлдорро роҳнадозӣ менамояд ва дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ прокурор вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои ҶТ, мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шаклҳои моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо назорат менамояд:

- ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсро месанҷад ва поймолсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ошкор месозад;

- ҳуқуқи даъво ба суд баҳри татбиқ ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандонро амалӣ месозад;

- иҷрои қонунҳоро дар асоси аризаҳо, шикоятҳо ва дигар маълумотҳо оид ба ҳуқуқвайронкунӣ месанҷад;

- нисбат ба санад, супориш ва дигар ҳуҷҷатҳои мақомот ва шахсони мансабдоре, ки хилофи қонун буда, ба вайронкуни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳ додаанд, ба онҳо эътироз меорад;

- ҷиҳати рафъи қонунвайронкуниҳо ба мақом, шахси мансабдор ё шахсони воқеӣ, ки ба вайрон кардани қонун роҳ додаанд, амри хаттӣ медиҳад;

- шахсан шаҳрвандон ва муроҷиатҳои онҳоро қабул мекунад, вохӯриву суҳбатҳо оид масъалаҳои ҳуқуқӣ бо шаҳрвандонро ба роҳ мемонад ва дигар

вазифаҳоро дар самти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ мегардонад.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар соҳаи иқтисодиёт аз самтҳои гуногун иборат аст. Ба андешаи муаллифон фаъолияти мақомоти прокуратура дар соҳаи иқтисодӣ ба назорати иҷрои қонунҳо дар бораи моликият, замин, соҳибкорӣ, буҷет, андоз, бонк, фаъолияти гумрук, қонунгузории зиддиинҳисорӣ нигаронида мешавад. Зарур аст, ки ҳамкории дуруст бо мақомоти давлатӣ бо мақсади пешгирӣ, ошкор ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, бо Палатаи ҳисоби ҶТ, Агентии назорати давлатӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон палатаҳои назорат ва аудит таъмин карда шавад. Самтҳои афзалиятноки фаъолияти назоратӣ инчунин масъалаҳои риояи қонунгузорӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ, қонунӣ будани ихтиёрдории моликияти давлатӣ, ошкор ва ҷилавгирӣ аз қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, мубориза бо коррупсияро дар бар мегиранд [128, с. 9].

Самти дигар фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниии мақомоти прокуратура дар амалигардонии вазифаи назоратии худ дар раванди мурофиаҳои судӣ ва дар тафтиши парвандаҳои гуногун ташкил медиҳад. Тибқи моддаи 279 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумхурии Точикистон дар мурофиаи судӣ иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ба ғайр аз парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро худи ҷабрдида дастгирӣ мекунад, ҳатмӣ мебошад.

Ба андешаи олимон таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ функсияҳои гуногуни мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд: айбдоркунӣ - ин функсия, фаъолияти субъектҳои муайян, оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳкор ва асоснок намудани гунаҳкории онҳо дар марҳилаи баррасии судӣ мебошад. Таъқиби ҷиноятӣ бошад, ин ифодаи вазифаҳои умумии прокурор дар пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад ва мазмуни нисбатан васеъ дорад [143, с. 160].

Мақомоти прокуратура фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро баъд аз эълони ҳукми суд дар зинаҳои баъдӣ, аз ҷумла иҷрои ҷазо низ назорат менамояд.

Тибқи моддаи 11 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» “фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарори суд, судяҳо, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ буда, бояд дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бечунучаро ба иҷро расонида шаванд” [12].

Ба андешаи И.Т. Маҳмудов, иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар муҳокимаи судӣ танҳо бо таъқиби ҷиноятӣ маҳдуд нашуда, ӯ бояд кафили таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шахсе, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ дар суд баррасӣ мешавад, инчунин ҷабрдида бошад [231, с. 59].

Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии прокурор дар раванди мурофиаи судӣ бо чунин ваколатҳои ӯ инъикоси меёбад: омӯзиши маводҳои парванда; баён кардани моҳияти айбдоркунӣ дар муҳокимаи судӣ; иштирок дар мурофиаҳои судӣ, ки ба тарзи мубоҳиса сурат мегирад; иштирок дар тафтиш ва таҳлили далелҳо; пешниҳоди далелҳои нав; муайян кардани асоснокии банду басти кирдори судшаванда; пешниҳоди дархост оид ба чора андешиндан дар сурати қоннунвайронкунӣ ба раисикунандаи маҷлиси судӣ оиди бартараф намудани он; таҳлили сабаб ва шароитҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардаанд ва адешидани чораҳо барои бартараф намудани онҳо; шарҳи ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо; баёни хулосаи худ дар бораи асоснок намудани айби эълоншуда ва баҳои ҳуқуқӣ додан ба кирдори судшаванда; баёни пешниҳоди худ оиди гунаҳгории судшаванда бо моддаи мушаххаси Кодекси ҷиноятӣ, намуд ва андозаи ҷазои асосӣ ва иловагӣ нисбати судшаванда таъиншаванда ва намуди муассисаи ислоҳӣ; дастгирӣ кардани даъвои мадании ҷабрдида, дар ҳолате, ки ҳимояи манфиати давлат, ҷамъият ё ҳуқуқи шаҳрвандонро талаб менамояд; андешидани чораҳо барои барқарор намудани маблағи зарар; чораандешӣ ҳангоми дар мурофиаи судӣ ошкор шудани ҷиноят барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ; пешниҳоди роҳҳои ҳалли масъалаи тартиби нигоҳдорӣ ва тақдири минбаъдаи далелҳои шайъӣ; баромад бо эродҳо дар ҷавоби нутқи намояндагони тарафҳо; пешниҳоди таклифҳо дар бораи сабук

кардани айбдоркунӣ дар мухлати дар қонун пешбинигардида; шинос шудан бо протоколи маҷлиси судӣ; муқоисаи протокол бо қайди дар мурофиаи судӣ худ ва пешниҳоди мулоҳизаҳо оид ба фарқияти нишондодҳои судшаванда; дастрас намудани ҳукм дар муҳлати кассатсионӣ ва омӯзиши пурраи он; эътироз ба санадҳои ғайриқонунии судӣ дар муҳлати кассатсионӣ; эътироз ба тариқи назоратӣ ва муроҷиат ба прокурори болоӣ дар сурати аз ҷониби коллегияи судӣ беасос рад намудани эътирозҳои кассатсионию хусусӣ; иштирок дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии судӣ.

Чуноне, ки И.Т. Маҳмудов низ иброз менамояд, прокуророн дар баъзе мавридҳо вазифаҳои хизматии худро ба таври дахлдор иҷро накарда, иштироки онҳо дар мурофиаҳои судӣ, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятии дар суд баррасишуда ҳолати руякӣ дошта, на ҳама вақт иштироки онҳо барои баровардани ҳукмҳои қонунӣ ва асоснок, сари вақт бартараф намудани камбудию норасогиҳои тафтишоти пешакӣ ва судӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, прокуроронро зарур аст, ки Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон, Қонун конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", Кодекси ҷиноятии ҶТ (КҶ), Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ (КИҶИ ҶТ), Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (КМҶ ҶТ), дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фармонҳои дахлдори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шахрванд, дар бораи иштироки прокурор ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро аз худ намуда, риояи онҳоро таъмин намоянд [231, с. 57].

Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мақомоти прокуратура метавонад дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ, маъмурӣ, мурофиаи суди конститутсионӣ, ҳамчунин дар раванди тафтишот, муҳокимаҳои судӣ, музокираи судӣ, дар судҳои марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок намояд.

Прокуратура ҳангоми амалигардонии вазифаҳои худ фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро дар раванди тафтиши ҷиноятҳо иҷро мекунанд, ки аз самтҳои муҳими фаъолияти он ба ҳисоб меравад. Барои баланд бардоштани сифати тафтиши пешакӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ ба тафтишот зарурати барқарор кардани як қатор ваколатҳоеро, ки прокурор дар марҳилаҳои то мурофиаи ҷиноятӣ дорад, ба миён меояд.

Чуноне, ки З.Х. Искандаров ба мавқеи прокурор ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, таъмини адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва барқарор намудани зарари аз ҷиноят ба миён омадаро низ ба таъиноти прокурор алоқаманд медонад [213, с. 10].

Ҳамин тариқ, яке аз самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура иштирок дар мурофиаҳои судӣ буда, фаъолияти он барои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ, ҷинояткорӣ мебошад, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Мақомоти прокуратура риоя ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи судӣ таъмин менамояд.

Дар татбиқи ҳуқуқҳои сиёсӣ низ прокурартура нақши калон дошта, дар раванди интихобот ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро таъмин менамояд. Чуноне, ки О.Ю Байдина қайд мекунад, аҳамияти фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура ба иҷрои қонунҳо дар бораи интихоботи мақомоти худидораи маҳаллӣ бо аҳамияти махсуси таъмини манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои иштирокчиёни раванди интихобот муайян карда мешавад. Вазифаи прокурор дар ин давра аз он иборат аст, ки ба воситаи ваколатҳои ба ӯ додашуда қонунияти интихоботро таъмин намуда, тамоми далелҳои вайронкуниро қатъиян рафъ намояд [180, с. 169-180].

Дар байни самтҳои фаъолияти прокуратура – самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ нақши махсусро доранд. Ин чунин самтҳое мебошанд, ки дар асоси таҳлили вазъи қонуният ва тартиботи ҳуқуқии кишвар бо назардошти зиёд шудани вайронкунии ин ё он қонуни мушаххас ва зарурияти дахолати назорати прокурорӣ, барои ҳар сол, дар алоҳидагӣ, дар маҷлисҳои ҷамъбасти солонаи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералӣ муқаррар карда мешаванд. “Фарқияти асосии мафҳумҳои «соҳаи кори прокуратура» ва «самтҳои афзалиятноки фаъолияти прокуратура» дар он зоҳир мегардад, ки соҳаи кори прокуратура доимо ё муддати давомнок арзи вуҷуд дошта, аммо самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура кӯтоҳмуддат буда, бо назардошти аз байн рафтани зарурияти дахолати назорати прокурорӣ тағйир дода мешаванд [144, с. 81].

Бо назардошти дастуру супоришҳои Президенти мамлакат ҳимояи ҳуқуқи инсон, бахусус баррасии муроҷиати шаҳрвандон ва тафтишу таҳқиқи ҷиноятҳо, назорати риояи қонунгузории замин, андоз, мубориза бар зидди коррупсия, ҳифзи муҳити зист ва санитарию эпидемиологӣ, муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ, мубориза бо омилҳои террористию экстремистӣ ва иҷрои воқеии санадҳои эътиноии прокурорӣ ва дар амал бартараф намудани қонунвайронкуниҳо дар марҳилаи ҳозираи таҳкими қонуният самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура эътироф шудаанд [183, с. 9].

Дар баробари фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии умумӣ ҳамчунин дар низоми прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон навъи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии махсус мавҷуд мебошад, ки асосан аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудаи прокуратура амалӣ карда мешаванад. Ба чунин сохторҳо прокуратураи ҳарбӣ ва прокуратураи нақлиёт дохил мешаванд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро дар соҳаҳои мудофиаву нақлиёт амалӣ менамоянд.

Прокуратураи ҳарбӣ фаъолияти худро дар самти қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади таъмини волоияти қонун ва ягонагии қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият ва давлат амалӣ намуда, дар доираи ваколатҳои худ назоратро ба риоя ва татбиқи қонунҳо ба амал

мебарорад. Ҳамин тариқ, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар соҳаи мудофиа ба чунин самтҳо равона шудааст: риоя ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ, хизматчиён, коргарони ин сохтор ва дигарон; санҷиши риояи қонунҳо аз рӯйи аризаҳо ва дигар маълумот дар бораи вайрон кардани қонуният, ки диққату эътибори ҳарбиро талаб менамояд; иштирок дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, граждан̄ӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурӣ аз ҷониби судҳои ҳарбӣ; эътироз овардан ба ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд ва ғ.;

Ба ғайр аз гуфтаҳои боло прокуратура ҳамкории байналмилалиро ба роҳ мемонад, ки аз самтҳои дигар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии он маҳсуб меёбад. Татбиқи пурраи ҳуқуқҳо дар салоҳияти давлат ва мақомоти он бо роҳҳои гуноун амалӣ карда мешавад, ки яке аз онҳо густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Барои беҳтар намудани татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамкории байналмилалӣ байни прокуратураҳо ба роҳ монда мешавад.

Аҳамияти ҳамкории мақомоти прокуратура дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар он зоҳир мегардад, ки амалия ва таҷрибаи байналмилалӣ дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ омӯхта шуда, дар раванди ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти прокуратура дар самтҳои гуногун муштарак ба роҳ монда мешаванд.

Ҳамкории байналмилалии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузории миллӣ [10, с. 30, 37], меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байнидавлатӣ [6; 7; 8; 9] асос ёфта, фаъолияти муштараки ҳамоҳангсозӣ бо мақомоти ваколатдори дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад ва ба ҳалли масъалаҳое, ки амали мутақобилаи байнидавлатӣ зарур аст, равона мегардад [144, с. 368].

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ваколатҳои васеъ ба мақомоти прокуратура, аз ҷумла Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати роҳандозии ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дода шуда, дар доираи он

муносибатҳоро бевосита бо мақомоти ваколатдори дигар кишвар ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад, созишномаҳо вобаста ба ёрии ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ имзо ва шартномаҳои байналмилалии ҶТ-ро таҳия менамояд. Ҳамкориҳои мақомоти прокуратура бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти ҳуқуқтатбиқкунанда ва дигар мақомоти ваколатдори кишварҳои хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Полиси байналмилалӣ (Интерпол), Полиси байналмилалии Аврупо (Европол), Ассотсиатсияи байналмилалии прокуророн (АБП), Шӯрои ҳамоҳангсозии прокуророни кишварҳои аъзои ИДМ (ШҲПГ ИДМ), Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) ва ғ.-ҳо бо мақсади ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар самтҳои гуногун, аз ҷумла пешгирии ҷинояткории муташаккилона, фаромиллӣ, терроризм, экстремизм ва дигар ҷиноятҳо, ҳамзамон расонидани ёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ҳамкориҳои байналмилалӣ аз рӯи чунин самтҳо амалӣ карда мешаванд: расонидани ёрии ҳуқуқӣ; истирдоди ҷинояткорон, аз ҷумла истирдоди шаҳрвандони хориҷӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ; кумаки бевоситаи ахборотӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва дигар ёрии пешбиникардаи қонун; татбиқ ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар хориҷа; бозпас додани маҳкумшудагони шаҳрвандии кишварҳои хориҷӣ, ки бо ҳукми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд ва ё шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон будубоши муқимӣ доранд ва бо ҳукми судҳои кишварҳои хориҷӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд;

Хулоса, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар раванди сиёсати ҳуқуқӣ нақш ва аҳаммияти калон дошта, вазифаи асосии он ба андешаи мо амалигардонии самрабахши меъёрҳои ҳуқуқӣ ва назорати иҷроиши қонунҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар симои мақомоти махсуси давлатӣ ва шахсони мансабдор мебошад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши асосии ҷомеаи муосир буда, аз ин рӯ татбиқи ҳуқуқ бояд маҳз ба ҳимоя ва таъмини

манфиатҳои қонунии ҳар як шаҳрванд равона карда шавад. Дар ин раванд, тамоми фаъолияти мақомоти давлатӣ, махсус фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ба ҳимоя, таъмин ва татбиқи ҳуқуқҳои шахсӣ, молумулкӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии инсон ва шаҳрванд равона мегардад. Дилхоҳ самти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура маҳз ба инсон ва шаҳрванд ва татбиқу таъмини пурраи ҳуқуқҳои онҳо бахшида мешавад.

Аз самтҳои дар боло баррасишуда бармеояд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ба чунин соҳаҳо паҳн мегардад: риоя ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; татбиқи қонунҳо дар соҳаи иқтисодӣ; татбиқи қонунҳои соҳаи ҳифзи табиат; дар соҳаи татбиқи қонунгузории буҷетӣ.

Ҳамаи соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аз самтҳои зер иборат аст: фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуртара дар самти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба тариқи зайл мебошанд: раванди интихобот ва раъйпурсӣ; тандурустӣ; мудофиа; меҳнат ва соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоии маъюбон, собиқадорон, нафақахӯрон; ҳифзи модару кудак; манзил; муҳоҷират, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд; фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ипрокуратура дар самти иқтисодӣ инҳоро дар бар мегиранд: истифодаи моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ; фаъолияти қарзӣ ва бонкӣ; соҳибкорӣ; андоз ва бозори коғазҳои қиматнок; савдои хориҷи ва ғ.; фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз инҳо иборат аст: ҳифзи замин; ҳифзи об; ҳавои атмосфера; партовҳои истеҳсолӣ; ҳифзи олами ҳайвонот ва захираҳои биологии обӣ; хоҷагии ҷангал ва ғ..

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили самтҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура бо чунин нуктаҳо банди мазкур ҷамбаст карда мешавад:

- ҳуқуқтатбиққунӣ дар доираи сиёсати махсуси давлат, яъне сиёсати ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда мешавад, ки дар раванди он самтҳои муайян мушаххас карда мешаванд.

- макомоти прокуратура ба сифати субъекти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ баромад менамояд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии худро дар самтҳои гуногун амалӣ менамояд.

- фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура, ки дар раванди фаъолияти назоратии он татбиқ мешаванд, дар самтҳои гуногун, аз ҷумла дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, дар парванди мурофиаҳои судӣ, дар раванди ҳамкориҳои бани мақомоти давлатӣ ва байналмилаӣ, андоз ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии андозҳо, роҳнадозӣ мешаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуъ муайян карда шуд, ки фаъоиляти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ва самтҳои алоҳидаи он то ҳол дар қонунгузорӣ муқаррар карда нашудаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҷдид назар шуда, моддаи дахлдор ба “фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура” бахшида шавад ва дар асоси ин модда самтҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура муайян карда шаванд.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ҳуқуқтатбиқкунӣ шакли фаъолияти давлатӣ ва амалигардонии ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, барои амалишавии воқеии меъёрҳову нишондодҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин карда мешавад. Бо дарназардошти ин, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар асоси ду ҷанбаи бо ҳам алоқаманд баррасӣ мешавад: Якум, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ шакли ҳуқуқии ташкилӣ - ҳокимиятии татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки аз маҷмӯи амалиёти ҳуқуқтатбиқкунӣ барои амалӣ намудани нишондодҳои ҳуқуқ равона шудааст; Дуюм, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ - намуди махсуси фаъолияти ҳуқуқии субъекти ваколатдор, ки дорои салоҳияти ҳокимиятӣ мебошад, бо риояи қатъии муқаррароти техникӣ-мурофиавӣ бо мақсади ҳал намудани парвандаи мушаххаси ҳуқуқӣ роҳандозӣ карда шудааст **[3, 10−М].**

2. Субботи сиёсии кишвар асоси рушди тамоми соҳаҳои ҷомеа буда, барои таҳкими он маҳакҳои дигар, аз ҷумла ҳолати татбиқшавии ҳуқуқ дар ҷомеа, таъмини қонуният ва иҷроиши қатъии қонунҳо, мусоидат мекунад. Барои татбиқи ин вазифа, давлат мақомоти прокуратураро дар низоми мақомоти давлатӣ таъсис додааст, ки бевосита вазифаи он аз назорат ва таъмини қонуният бармеояд. Татбиқи ҳуқуқ ва ё ҳуқуқтатбиқкунӣ категорияҳои ҳуқуқие мебошанд, ки бевосита ба таъмини субботи сиёсӣ мусоидат менамоянд. Зеро агар иҷроиши меъёру нишондодҳои ҳуқуқ ва қонун ба таври кофӣ дар ҷомеа ба роҳ монда нашаванд, пас эҳтимол субботи сиёсӣ халалдор гашта, кирдор ва муносибати субъектони ҳуқуқ нисбат ба мавҷудият ва амалияи ҳуқуқ ва қонун тағйир меёбад **[15−М].**

3. Мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтадбиқсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калон дошта, бевосита дар ин раванд иштирок менамояд. Тибқи қонунгузорӣ ба мақомоти прокуратура ваколатҳо дар самти тадбиқи ҳуқуқ дода шудааст. Дар фаъолияти назорати қонунҳо ва ҳуқуқтатбиқсозӣ мақомоти прокуратура дар самтҳои зерин амал менамояд:

назорати риоя ва иҷроиши қонунҳо дар мақомоти давлатӣ; назорати иҷроиши қонунҳо дар раванди мурофиа судӣ, бартараф намудани мухолифатҳо ба қонунҳо, ки дар санадҳои судӣ ва дигар санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасанд **[1–М].**

4. Татбиқи ҳуқуқ шакли махсуси амалисозии ҳуқуқ мебошад, ки як қатор хусусиятҳо дорад. Ба онҳо мустақилият, шакли муайяни фаъолият, танҳо ба муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ равона гардидан ва ғ.-ро номбар кардан мумкин аст. Дар ин замина, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура амалигардонии нишонаҳои дар боло зикршударо дар доираи фаъолияти мақомот дар бар мегирад. Аз ин рӯ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратура ҳамчун фаъолияти алоҳидаи ҳуқуқӣ буда, дар айни замон тамоми хусусиятҳои дар боло қайдшудаи татбиқи ҳуқуқро доро мебошад **[10–М].**

5. Санади ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳуҷҷати дар шакли хаттӣ тартибдодашудаи мақомоти ваколатдор мебошад, ки барои муайян кардани ҳолатҳои воқеии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқ қабул мешавад. Ба маънои дигар, санади ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буда, дорои муқаррароти мақоми ваколатдор (шахси мансабдор) доир ба натиҷаи ҳалли масъалаи мушаххас мебошад, ки бо мавҷудияти далел (ҳолат)-и ҳуқуқӣ ба қувваи амал даромадааст. Яке аз фарқиятҳои асосии байни санади ҳуқуқтатбиқкунӣ ва санади меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти инфиродӣ, доираи иштирокчиён, ҳаҷми маҳдуди масъала ва муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда метавонад, ки нишонаҳо хоси санади ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошанд. Алоқамандии санади татбиқи ҳуқуқ ва санади меъёрии ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳарду санади расмӣ буда, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул мешаванд. **[8–М].**

6. Санади ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура натиҷаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онро нишон медиҳад, ки вобаста ба парвандаи мушаххас баррасӣ шуда ва ба шахсони муайян равона мегарданд. Дар маҷмӯъ, санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба самтҳои гуногун, аз ҷумла, ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо равона гардидаанд. Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура бо мақсадҳои риояи ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳо ва коҳиши натиҷаҳои манфии онҳо, мусоидат ба баррасии босифат ва фаврии парвандаҳо, қабули қарорҳои қонунӣ, муайян намудани сабаб ва шароитҳои содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ ва ғ. қабул мешаванд. Дар натиҷа, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, ки дар мақомоти прокуратура татбиқ мешаванд, ҳамаи нишона ва хусусиятҳое, ки ба чунин намуди санадҳо хос аст, доранд **[9–М].**

7. Санадҳои ҳуқуқтатбиққуние, ки аз ҷониби прокурорҳо қабул мешаванд, ба ду шакл – умумӣ ва махсус тасниф карда мешаванд. Санадҳои умумии прокурорӣ, дар соҳаи назорати прокурорӣ ва тафтиши ҷиноятҳо татбиқ карда мешаванд. Санадҳои назоратиро инчунин санадҳои эътиноии прокурорӣ ё санадҳои инфиродӣ низ меноманд. Онҳо санадҳои мушаххасе мебошанд, ки ҳангоми қонунвайронкунӣ қабул шуда, танҳо аз ҷониби прокурор ҳангоми иҷрои ваколатҳояш ба амал бароварда мешаванд. Санадҳои назоратӣ ба мақомот ва шахсони мансабдор вобаста ба ҳолатҳои мушаххас (вайронкунии қонун) фиристода мешаванд **[12–М]**

8. Мақомоти прокуратура самтҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии худро дар заминаи асосҳои муайяни ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Санадҳои ҳуқуқие, ки тибқи онҳо фаъолияти мақомоти прокуратура ташкил ва амалӣ мегардад, аз инҳо иборатанд: 1) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ; 3) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”; 4) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 5) санадҳои зерқонунӣ; 6) созишнома ва шартномаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамчунин дигар санадҳо, аз ҷумла санадҳои татбиқи ҳуқуқ, санадҳои дохилидоравӣ, низомнома, оиннома, дастур, санадҳои барномавӣ ва ғ. дохил мешаванд. Санадҳои мазкур заминаҳои меъёрӣ, самтҳои фаъолият ва тартиби амалигардонии вазифаҳои мақомоти прокуратураро муқаррар менамоянд **[2–М].**

9. Соли 1991 аввалин бор дар таърихи мақомоти прокуратураи давлати соҳибистиқлол Қонун “Дар бораи прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул шуд. Баъдан лоиҳаи нави Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия гардида, 11-уми марти соли 1996 қабул шуд. Дар асоси он мақомоти прокуратура фаъолиятро дар тамоми соҳаҳои назорати прокурорӣ, алалхусус, назорати иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи андозу гумрук ва муносибатҳои байналмилалӣ ба роҳ монданд. Дар давоми амали Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” он меъёрҳои асосии худро амалан нигоҳ дошт. Гарчанде ба қонуни конститутсионии мазкур тағйироти зиёд, ки бештар ба такмили фаъолият равона шуда буд, ворид гардида бошанд ҳам, лекин дар амалияи мақомоти прокуратура дигаргуниҳои куллӣ ба амал наовард **[12–М].**

10. Санадҳои мақомоти прокуратураро санадҳои муқарраршуда ташкил медиҳанд, ки ба онҳо фармон, қарор, амру дастурҳо ва дигар санадҳои идоравӣ ташкил медиҳанд. Санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии қабулшуда ба рушди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура, пешгирии ҷинояткорӣ ва дигар масъалаҳои ҷойдошта таъсири мусбат мерасонад. Санадҳои зикршуда давра ба давра ба раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ дар марҳилаҳои ба эътидол омадани вазъи қонуният, барои бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти прокуратура, амалӣ гардонидани қонунҳои ҷорӣ ва вазифаҳое, ки баҳри волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ таъсири калон расониданд **[8–М].**

11. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар пешбурди фаъолияти худ санадҳои дорои хусусиятҳои гуногунро қабул мекунанд, ки ҳама навъҳои фаъолияти ҳуқуқиро танзим менамоянд. Фармон ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷли Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва консепсияҳо, ҳамчун асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба ҳисоб рафта, дар робита ба фаъолияти ин ниҳоди давлатӣ қабул

карда шуда, дар асоси он таҷдиди сохтор, муқаррар кардани ҳуқуқу имтиёзҳо, ваколату уҳдадориҳои алоҳида барои кормандони мақомоти прокуратура пешбинӣ мегардад. **[10–М]**

12. Шуури ҳуқуқии корманди прокуратура – навъи шуури касбӣ дохил шуда, дар раванди татбиқи фаъолияти он инкишоф меёбад. Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқие мебошад, ки мақомоти прокуратура пеш мебарад. Фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура бо ду роҳи асосӣ ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсир мерасонад: 1) бо роҳи худтакмилдиҳӣ, омӯзиши амиқи ҳуқуқ ва такмили ихтисос; 2) бо роҳи тарғибу ташвиқи фарҳанги ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани шуури шаҳрвандон. Такмили фарҳанг ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар шакли умумӣ (таълими донишҳои ҳуқуқӣ, тарғиби қонун дар байни аҳолӣ) ва махсус (дар байни гуруҳи алоҳидаи одамон, масалан ноболиғон, хизматчиёни давлатӣ ва ҳарбӣ, маҳбусон ва ғ.). Бо таҳлили масъалаҳои назариявӣ, роҳҳо ва хусусиятҳои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии кормандони прокуратура метавон гуфт, ки он ҳамчун як бахши фарҳанги умумии ҳуқуқӣ амал карда, ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми низоми ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Бинобар ин, фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун унсури самарноки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ буда, дар ташаккули шахсияти корманди прокуратура нақши калон дорад. Он ҷузъи муҳими баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дар оянда заминаҳои иҷрои қонунӣ ва самараноки вазифаҳои хизматии кормандони прокуратура мегарданд **[5–М].**

13. Ҳамкории мақомоти прокуратура бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар самти ҳуқуқтатбиқкунӣ самти алоҳидаи фаъолияти мақомоти прокуратура буда, дар раванди он мубодилаи иттилоот, таҳкими фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва иҷрои меъёрҳои қонун амалӣ гардонида мешавад. Дар раванди ҳамкории байни мақомоти прокуратура ва дигар субъектҳои ҳуқуқтатбиқкунанда масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, методӣ, иттилоотӣ ва ғ. ба миён омада, ҳамкории мутақобила имкон медиҳад, ки манзараи объективии вазъи ҷинояткорӣ ва волоияти қонун

дар кишвар ташаккул дода шавад, назорати самаранокро аз болои иҷрои қонунҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти прокурорӣ таъмин намояд, қонунвайронкуниҳо пешгирӣ гардад, тавассути чораҳои ҷавобии прокурорӣ ва ғ. вазифаҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ амалӣ карда шавад **[7–М].**

14. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ вазифаи мақомоти прокуратура барои таъмини қонуният васеътар гардида, зарурияти қабули қонуни нав дар бораи мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ ба миён омад. Ҳамчунин кормандони мақомоти прокуратура дар ин давраи вазнини солҳои аввали соҳибистиқлолӣ манфиатҳои гуруҳҳои алоҳидаро дастгирӣ накарда, ба эътибори манфиатҳои умумидавлатию миллӣ ва ҳифзи қонуният фаъолият намуданд ва ҳатто талафоти ҷонӣ доданд. Новобаста аз вазъи муташанниҷ кормандони мақомоти прокуратура фаъолияти худро суст накарданд. Махсусан баъди ташкил ёфтан ва ба фаъолият шурӯъ намудани Ҳукумати қонунӣ мақомоти прокуратура дар мубориза бар зидди қонунвайронкуниҳо ва ба мақсади ба эътидол омадани вазъи сиёсию ҷамъиятӣ фаъолияташро пурзӯр намуд **[13–М].**

15. Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура пас аз ба даст омадани Ваҳдати миллӣ ҷоннок гардида, қонунгузории самти мазкур такмил ёфт, ки тамоми паҳлуҳои фаъолияти мақомоти прокуратураро танзим кард. Дар ин давра фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил, моликият, мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва таъмини сулҳу суббот ва қонуният дар кишвар нигаронида шуда буд. Барои самарабахшии фаъолияти мақомоти прокуратура сохторҳои мақомот таҷдиди назар шуда, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мақомоти прокуратура таъсис ёфтанд. Ҳоло бо шарофати ғамхориҳои Сарвари давлат мақомоти прокуратура аз лиҳози ташкилӣ, моддӣ-техникӣ ва кадрӣ барои сарбаландона анҷом додани вазифаҳои дар назди он гузошта ҳамаи имкониятҳоро доро мебошад **[16–М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар асоси омӯзишу таҳқиқи диссертатсия таклифҳо ва тавсияҳои илмиву амалии зерин пешниҳод мешаванд:

1. Барои пурсамар гардонидани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура такмили қонунгузорӣ ва асосҳои ҳуқуқии он зарур аст. Аз ин рӯ, барои амалӣ намудани он муҳим аст, ки Консепсияи муосири ташаккули мақомоти прокуратура коркард карда шавад. Барои таҳияи ин санад мақомоти прокуратура манфиатдор буда, мушкилоти мавҷударо дар соҳаи фаъолияти худ беҳтар дарк менамояд. **[2–М].**

2. Барои пурсамар гардонидани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура такмили қонунгузорӣ ва асосҳои ҳуқуқии он зарур аст. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳеҷ гуна муқаррарот дар бораи он, ки хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва муассисаҳои он яке аз намудҳои хизмати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, муқаррар накардааст. Бо дарназардошти масъалаи мазкур зарур аст, ки хизмати давлатӣ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" низ танзим карда шавад. Бинобар ин, ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" вобаста ба хизмати давлатии кормандони мақомоти прокуратура тағйиру иловаҳо карда шавад. Бодарназардошти масъалаи мазкур зарур аст, ки дар моддаи 2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" банди алоҳида вобаста ба мақоми прокурор, муовинон, ёрдамчиён, муфаттишон ва дигар шахсони мансабдори мақомоти прокуратура ҳамчун хизматчиёни давлатӣ илова карда шавад. Ҳамчунин, ба ин васила мақоми шахсони мансабдори прокуратура дар ҳамчун хизматчиёни давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» низ инъикос ёбад. Бояд гуфт, ки дар моддаи 4 Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" вазифаҳои мақомоти прокуратура, аз ҷумла, тафтиши ҷиноятҳо, татбиқи чораҳои пешгирикунандаи ҷиноятпкорӣ, иштирок дар кори такмил ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, иштирок дар баррасии парвандаҳои судӣ, бартарафзоии мухолифатҳо дар қарор, ҳукм ва ғ. танзим шудаанд. Аммо дар моддаи мазкур бевосита вазифаи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура мустаҳкам нашуда, танҳо дар моддаҳои алоҳидаи он унсурҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дарҷ гардидаанд. Бинобар ин, банди алоҳида ба моддаи мазкур бо номи “ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ” илова карда шавад **[14–М].**

3. Дар бандҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таҳкими назорати прокурорӣ, иштироки прокурор дар мурофиаҳои судӣ ва шикоят аз қарори прокурор ва ғ. дарҷ гардидааст. Дар банди 80 Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз субъектҳои татбиққунандаи Консепсия муайян шудааст. Аммо масъалаи такмили самти фаъолияти прокуратура дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2018-2028 қабул карда шудааст, бояд мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, бахши алоҳида ба фаъолияти мақомоти мазкур ҷудо карда шавад. Дар Консепсия танҳо ваколати татбиқ ва таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҳар ду сол пешбинӣ гардидааст **[2–М].**

4. Азбаски дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар нашудааст, зарур аст, ки мафҳуми он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли «техникаи татбиқи қонун» ё «техникаи қонунтатбиққунӣ» муайян шуда, ҳамчун асос барои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомотҳои давлатӣ хизмат намояд **[6–М].**

5. Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ва самтҳои алоҳидаи он то ҳол дар қонунгузорӣ муқаррар карда нашудаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҷдид назар шуда, моддаи дахлдор ба “фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура” бахшида шавад ва дар асоси ин модда самтҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура муайян карда шаванд **[5–М].**

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[2]. Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» дар ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ аз 24 августи соли 1990 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 01.05.2024).

[3]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод. 815, мод. 816.

[4]. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №12. – қ.1. – мод.989.

[5]. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "3" декабри соли 2015 № 591 қабул шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/. (санаи муроҷиат: 25.05.2024).

[6]. Конвенсия оид ба бозпас додани маҳкумшудагон, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, барои адои минбаъдаи ҷазо (ш. Москва аз 6-уми марти 1998) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.prokuratura.tj/international-cooperation-tj/the-main-interna tional-treaty-on-legal-assistance-in-criminal-civil-and-family-matters.ht0ml. (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

[7]. Конвенсияҳои ИДМ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22-юми январи соли 1993 (ш. Минск) аз 7-уми октябри соли 2002 (ш. Кишинёв).

[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //www. prokuratura.tj/international-cooperation-tj/t he-main-int ernational -treaty-on- legal-assistance-in-criminal-civil-a nd-family-matters.ht0ml. (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

[8]. Рекомендация R (2000) 19 Комитета Министров государствам-членам Совета Европы о роли государственного обвинения в системе уголовного правосудия. Принята Комитетом Министров 6 октября 2000 на 724 заседании Заместителей Министров [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://podelise.ru/ (дата обращения: 12.06.2024).

[9]. Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба бозпас додани маҳкумшудагон ва Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба истирдоди ҷинояткорон аз 25-уми сентябри соли 2014. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=124649 (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

[10]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.04.2023).

[11]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7. – қ.1. – мод. 379.

[12]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 26.06.2024).

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 16.04.2017 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2009. – №3. – мод. 99; 2010. – №3. – мод. 152; с.2011. – №6, мод.442.

[14]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – аз 5 октябри соли 2009, №553.

[15]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – аз 17 майи соли 2004. – № 41.

[16]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №3, мод. 155; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 387.

[17]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 8 июни соли 2007 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – № 273.

[18]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2019. – №249.

[19]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "6" феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content. (санаи муроҷиат: 11.09.2025).

[20]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 августи соли 2015, № 539. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // prokuratura.tj/ru/legislation-tjk/124-ukaz-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-ob-embleme-organov-prokuratury-respubliki-tadzhikistan.html. (санаи муроҷиат: 11.09.2025).

[21]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 9 апрели соли 1997, № 691. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии «Адлия». (санаи муроҷиат: 11.09.2025).

[22]. Указ Президента Республики Таджикистан «Об утверждении Положения об органах военной прокуратуры Республики Таджикистан от 16.09.2008 № 543. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview. php?showdetail=&asosi_id=10469. (дата обращения: 15.11.2023).

[23]. Указ Президента РТ «Об утверждении Положения о классных чинах работников органов прокуратуры Республики Таджикистан» от 8 декабря 2006 года № 73. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://prokuratura.tj/ru/legislation/the-classroom-ranks-prosecutors-of-the-republic-of-tajikistan.html. (дата обращения: 15.11.2023).

[24]. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2020, №АП-1365 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Адлия. (санаи муроҷиат: 8.11.2023)

[25]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ" аз 22 августи соли 1997, №383. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 18.05.2024).

[26]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июли соли 2017, №358 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат 18.05.2024).

[27]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 18.05.2024).

[28]. Постановление Правительства РТ от 18.07.1996 г. № 332 «О порядке исчисления выслуги лет, назначения и выплаты пенсий и пособий лицам, проходившим военную службу в органах внутренних дел, органов учреждений системы исполнения уголовного наказания, в таможенных органах, подразделениях налоговой полиции, Агентства по контролю за наркотиками в органах прокуратуры и в должности судьи и их семьям в Республике Таджикистан». [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=11065. (дата обращения: 18.05.2023).

[29]. Постановление Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 30 июня 2006 года №345 «Об установлении классных чинов

работникам органов прокуратуры Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://portali-huquqi .tj/publicad liya/view_qonu nhoview.php? showd etail=&asosi_id=3425. (дата обращения: 5.04.2023)

[30]. Низомнома «Дар бораи мақомоти прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Захираи электронӣ: Адлия. (санаи мурочиат 18.05.2024).

[31]. Низомнома «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008 таҳти №543 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: «Адлия». Санаи мурочиат: 27.03.2023.

[32]. Низомномаи Донишкадаи масъалаҳои омӯзиши қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 17 декабри соли 2015. – № 5-261.

[33]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.adlia.tj (санаи мурочиат 18.05.2024).

[34]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули Стратегияи муқовиммат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. – 1 июни соли 2021. – № 187.

[35]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули Стратегияи давлатии муқовиммат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 3.08.2021, №222 . – Душанбе., 2021. – 35 с.

[36]. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пурзӯр намудани назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми қабули шаҳрвандон ва баррасии мурочиатҳои онҳо» аз 15 феврали соли 2016// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Adliya. (санаи мурочиат 18.06. 2024).

[37]. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №19 аз 15-уми феврали соли 2016 «Дар бораи ташкили ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Адлия. (санаи мурочиат 18.06.2024).

[38]. Дастурамал «Дар бораи телефони боварии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Adliya. (санаи муроҷиат 24.06.2024).

**II. Монография ва воситаҳои таълимӣ:**

[39]. Акты прокурорского реагирования при осуществлении надзора за исполнением законов и законностью правовых актов: учеб. пособие [Текст] / Т.П. Кесареева; Ун-т прокуратуры Рос. Федерации. – М., 2019. – 120 с.

[40]. Алексеев, С.С. Государство и право. Начальный курс - 2-е изд., перераб. и доп [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Юрид. лит., 1994. – 192 с.

[41]. Алексеев, С.С. Общая теория права. Курс в 2-х т. [Текст] / С.С. Алексеев. – М., 1981. Т. 1. – 360 с.

[42]. Алексеев, С.С. Общая теория социалистического права [Текст]: (Курс лекций): Учеб. пособие: [В 4 вып.]. Правовые акты / 4 т.; 21 см. − Свердловск: [б. и.], 1963-1966, 1966. − 212 с.

[43]. Алексеев, С.С. Общая теория права [Текст]: учебник / С.С. Алексеев. – М.: Проспект, 2007. – 768 с.

[44]. Андреева, Г.М. Социальная психология: учебник для ВУЗов. – 5-е изд., испр. и доп. [Текст] / Г.М. Андреева. – М.: Аспект Пресс, 2014. − 363 с.

[45]. Аристотель. Политика. М.: АСТ, 2002. – 400 с. ISBN 5170116276;

[46]. Баглай, М.В. Конституционное право Российской Федерации: учеб. для вузов [Текст] / М.В. Баглай. − 6-е изд., изм. и доп. − М.: Норма, 2007. − 784 с.

[47]. Баранов, В.М. Предисловие // Проблемы юридической техники [Текст] / под ред. В.М. Баранова. – Н. Новгород: [б. и.], 2000. – 823 с.

[48]. Берензон, А.Д. Об основных направлениях деятельности прокуратуры // Проблемы организации и деятельности прокурорской системы в свете Закона о прокуратуре СССР. [Текст] / А.Д. Берензон. − М., 1981. – 189 с.

[49]. Бессарабов, В.Г. Прокурорский надзор [Текст]: Учебник / В.Г. Бессарабов. – М.: Проспект, 2006. – 536 с.

[50]. Бессарабов, В.Г., Кашаев К.А. Защита российской прокуратурой прав и свобод человека и гражданина [Текст]: научное издание / В.Г. Бессарабов, К.А. Кашаев. – Москва: ИД "Городец", 2007. – 464 с.

[51]. Болдырев, С.Н. Юридическая техника и судебная власть: концептуальный анализ [Текст] / С.Н. Болдырев. – М.: Вузовская книга, 2010. – 107 с.

[52]. Большой энциклопедический словарь [Текст] / Главный редактор А.М. Прохоров. Изд-е 2-е, переработанное и дополненное. – М.: «Большая Российская Энциклопедия», 1998. – 1456 с.

[53]. Большой юридический словарь [Текст] / Под ред. А.Я. Сухарева, В.Д. Зорькина, В.Е. Крутских. – М.: ИНФРА-М, 1998. – 790 с.

[54]. Борецкий, А.В., Долежан В.В. Акты прокуратуры по общему надзору: Учеб. пособие, 1983. – 64 с.

[55]. Бошно, С.В. Правоведение: основы государства и права / С.В. Бошно. - М.: ЭКСМО, 2007. − 379 с. ISBN 978-5-699-21232-3;

[56]. Буянский, С.Г. Прокуратура в условиях административно-правовой реформы [Текст] / С.Г. Буянский. – М., 2006. – 160 с.

[57]. Вартанян, А.А. Социальное управление [Текст]: учебное пособие / А.А. Вартанян. – М.: Издательский комплекс МГ УПП, 2008. – 103 с.

[58]. Васильев, А.М. Правоприменение в советском государстве [Текст] / Отв. ред. И.Н. Кузнецов, И.С. Самощенко. – М.: Юрид. лит, 1985. − 304 с.

[59]. Васюкова, И.А. Словарь иностранных слов [Текст] / И.А. Васюкова. – М.: АСТ-ПРЕСС, 1998. – 640 с.

[60]. Винокуров, А.Ю. Прокурорский надзор [Текст]: учебник для вузов / А.Ю. Винокуров. – М.: Высшее образование, 2005. – 460 с.

[61]. Винокуров, Ю.Е. Прокурорский надзор: учебник для вузов. − 16-е изд., перераб. и доп. [Текст] / Ю.Е. Винокуров. − Москва: Издательство Юрайт, 2023. – 571 с.

[62]. Витрук, Н.В. Общая теория правового положения личности / Российская акад. Правосудия [Текст] / Н.В. Витрук. − Москва: Норма, 2008. − 447 с.

[63]. Власенко, Н.А. Законодательная технология: (Теория. Опыт. Правила) [Текст]: Учебное пособие / Н.А. Власенко. – Иркутск, 2001. – 144 с.

[64]. Власенко, Н.А. Язык права [Текст] / Н.А. Власенко. – Иркутск, 1997. – 174 с.

[65]. Вопленко, Н.Н. Официальное толкование норм права [Текст] / Н.Н. Вопленко. – М.: Юрид. лит, 1976. −118 с.

[66]. Вопленко, Н.Н. Реализация права [Текст] / Н.Н. Вопленко. – Волгоград: Издательство ВолгГУ, 2001. − 48 с.

[67]. Воронин, О.В. Прокурорский надзор в Российской Федерации: вопросы Общей части [Текст]: Учебное пособие / О.В. Воронин. – Томск: Изд-во НТЛ, 2007. – 192 с.

[68]. Воронин, О.В. Теоретические основы современной прокурорской деятельности [Текст] / под ред. докт. юрид. Наук А.Г. Халиулина. – Томск: Изд-во НТЛ, 2013. – 164 с.

[69]. Гегель, Г.В. Наука и логики [Текст] / Г.В. Гегель. − М.: Наука, 1997. − 799 с.

[70]. Гегель, Г.В. Философия права. [Текст] / Г.В. Гегель. – М.: Миркниги, 2007. – 464 с.

[71]. Гетманова, А.Д. Логика для юристов [Текст]: учеб. пособие / А.Д. Гетманова. – М.: Омега-Л, 2008. – 457 с.

[72]. Гоббс, Т. Философские основания учения о гражданине [Текст] / Т. Гоббс. – М., 2001. − 304 с.

[73]. Григорьев, Ф.А., Черкасов А.Д. Акты применения права: понятие и виды // Теория государства и права. Курс лекций [Текст] / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2000. – 776 с.

[74]. Григорьев, Ф.А. Акты применения права [Текст]: Учебное пособие / Ф.А. Григорьев. – Саратов: Изд-во Сарат. ВШ МВД РФ, 1995. – 65 с.

[75]. Деятельность органов прокуратуры по предупреждению преступлений [Текст]: метод. Пособие / А.И. Алексеев, Л.Л. Куракин, Г.Д. Агамов И др.; под ред. А.И.Алексеева; НИИ Пробл. укрепления законности и правопорядка при Ген. прокуратуре Рос. Федерации. – М., 2004. – 510 с.

[76]. Дигесты Юстиниана. Перевод с латинского. Т. 1: Кн. 1 - 4 [Текст] / Отв. ред.: Л.Л. Кофанов; Редкол.: А.В. Копылов, Е.В. Кулагина, А.Д. Рудоквас, В.А. Савельев (Науч. ред.), Е.А. Суханов (Науч. ред.), В.А. Томсинов (Науч. ред.). – М.: Статут, Консультант Плюс, 2002. − 584 с.

[77]. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан [Текст]: монография / А.М. Диноршоев. − Душанбе 2007. − 200 с.

[78]. Законодательная техника. Научно-практическое пособие [Текст] / Л.Ф. Апт, Н.А. Власенко, В.Б. Исаков, С.В. Кузнецов, и др.; Под ред.: Ю.А. Тихомиров. – М.: Городец, 2000. − 272 с.

[79]. Зейдер, Н.Б. Судебное решение по гражданскому делу [Текст] / Зейдер Н.Б. – М.: Юрид. лит., 1966. − 192 с.

[80]. Зинуров, Р.Н. Координационная деятельность российской прокуратуры: тенденции и закономерности [Текст] / Р.Н. Зинуров. – Уфа, 2002. – 245 с.

[81]. Иброхимзода, И.С. Полномочия прокурора в судебных стадиях уголовного процесса Республики Таджикистан: вопросы теории, законодательного регулирования и практики [Текст] / И.С. Иброхимзода. – Д., 2022. – 186 с.

[82]. Иванников, И.А. еория государства и права [Текст]: учебник для студентов и слушателей высших учебных заведений, обучающихся по направлению и специальности "Юриспруденция" / И.А. Иванников. – Москва: РИОР [и др.], 2011. – 349 с.

[83]. Иеринг, Р. Юридическая техника [Текст] / Р. Иеринг; пер. с нем. Ф.С. Шендорфа. – СПб., 1905. − 106 с.

[84]. Ильин, И.А. Собр. соч. Т. 4. [Текст] / И.А. Ильин. – М., 1994. − 624 с. − ISBN- 5-26801394;

[85]. Имомов, А. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Имомов А. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 252 с.

[86]. Имомов, А.И Таҳкими давлатдорӣ ва ташкили ҷомеи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон [Матн] / А. Имомов – Душанбе, 2003. – 119 с.

[87]. Исмоилзода, С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Исмоилзода. – Д., 2022. – 201 с.

[88]. Казарина, А.Х. Эволюция взглядов на предмет прокурорского надзора // Избранные труды [Текст] / А.Х. Казарина. – Москва, 2014. – 280 с.

[89]. Камолов, И.И. Источники право [Текст] / И.И. Камолов. – Д., 2012. – 215 с.

[90]. Карташов, В.Н. Введение в общую теорию правовой системы общества [Текст] / В.Н. Карташов. – Ярославль, 1997. Ч. 3. – 220 с.

[91]. Карташов, В.Н. Правоприменительная практика в социалистическом обществе [Текст] / В.Н. Карташов. – Ярославль, 1986. – 174 с.

[92]. Карташов, В.Н. Юридическая деятельность: понятие, структура, ценность [Текст] / В.Н. Карташов. – Саратов, 1989. – 218 с.

[93]. Кашанина, Т.В. Юридическая техника [Текст]: Учебник / Т.В. Кашанина. – М.: Эксмо, 2007. − 510 с.

[94]. Киссинҷер, Г. Мировой порядок [Текст] / Г. Киссинджер. − Москва: АСТ, 2016. − 512 с.

[95]. Клочков, В.В. Создание и развитие Российской прокуратуры // Советская прокуратура. Очерк истории. [Текст] / В.В. Клочков. – Москва: Юрид. литература, 1993. – 134 с.

[96]. Комментарий гражданского процессуального кодекса Республики Таджикистан (постатейный) [Текст] / Под. ред., М.З. Рахимова. – Душанбе, 2012;

[97]. Коркунов, Н.М. Лекции по общей теории права [Текст] / Н.М. Коркунов. - 2-е изд. − Санкт-Петербург, 1890.– 319 с.

[98]. Краткая философская энциклопедия [Текст]. – М.: Изд. группа «Прогресс» – «Энциклопедия», 1994. – 623 с.

[99]. Кузнецов, С.А. Современный толковый словарь русского языка [Текст] / Гл. ред. С.А. Кузнецов. – СПб: «Норинт», 2006. – 960 с.

[100]. Кулапов В.Л. Теория государства и права [Текст]: учебник / В.Л. Кулапов. – М.: Кнорус, 2014. − 380 с.

[101]. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе: Хирадмандон, 2021. – 64 с.

[102]. Лазарев, В.В. Применение советского права. [Текст] / В.В.Лазарев; Науч. ред.: Б.С. Волков. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1972. − 200 с.

[103]. Лазарев, В.В. Правовое сознание и применение права [Текст] / В.В. Лазарев. − М., 2010. Т. 1. - 647 с.

